АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ
АБӮАБДУЛЛО РӮДАКӢ

*Ба ҳукми дастнавис*

НИЁЗОВА МАҲИНА ТЕШАЕВНА

# МУҚОИСАИ ШАХСИЯТИ ТАЪРИХИИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО БО ОБРАЗИ РИВОЯТИЮ БАДЕИИ Ӯ

**Ихтисос**:
**10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик)**

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология**

Роҳбари илмӣ:
**Охониёзов Варқа Дустович**
доктори илми филология

Душанбе - 2018

## МУНДАРИЧА

**МУҚАДДИМА** ..........................................................................3-13

**Боби I. ШАХСИЯТИ ТАЪРИХИИ ИБНИ СИНО ВА ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ ОБРАЗИ РИВОЯТИЮ БАДЕИИ Ӯ** ..........................14-23

Фасли 1: Заминаҳои таърихии пайдоиши образи ривоятии Абӯалӣ ибни Сино ..........................................................................................14-23
Фасли 2: Таҳлили симои таърихии Ибни Сино ..................................24-36
Фасли 3: Шуҳрати Ибни Сино ва нақши ривоятҳо дар муайян намудани шахсият ва мусаввара (образ)-и ӯ ........................................................ 37-49

**БОБИ II. ТАСВИРИ ШАХСИЯТ ВА СИМОИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР РИВОЯТҲОИ ШИФОҲИИ ТОҶИКӢ** .....................50-74

Фасли 1. Инъикоси дониши тиббӣ ва ҳунари пизишкии Абӯалӣ ибни Сино дар ривоятҳои мардумӣ ........................................................................ 50-74
Фасли 2. Бозтоби равоншиносии Абӯалӣ ибни Сино дар нақлу ривоятҳои мардумӣ ............................................................................75-79
Фасли 3. Симои Синои омӯзгор дар нақлу ривоятҳои мардумӣ....80-94
Фасли 4. Истеъдоди кайҳоншиносии Абӯалӣ ибни Сино аз рӯи ривоятҳо ....................................................................................................95-99
Фасли 5. Синои шоир дар тасаввури мардум ................................100-105
Фасли 6. Образи Синои соҳир ва муъҷизакор дар ривоятҳои мардумӣ .................................................................................................106-117
Фасли 7. Нақши ривоятҳои мардумӣ дар офаридани образи даврони кӯдакӣ ва наврасии Ибни Сино ....................................................118-128

**Боби III. ОБРАЗИ СИНО ДАР РИВОЯТҲОИ АДАБИЁТИ ХАТТӢ**.........................................................................................129-143

Фасли 1. Симо (портрет)-и Абӯалӣ ибни Сино дар тазкираҳо ва осори адабӣ.........................................................................................................129-143
Фасли 2. Тасвири сиришту хисоли (характер)-и Ибни Сино дар рисолаҳо, сарчашмахои илмӣ-таърихӣ ва адабиёти бадеӣ .......144-153
Фасли 3. Образи Абӯалӣ ибни Сино дар тасаввур ва осори рӯҳониёни мутаассиб................................................................................................154-161

**ХУЛОСА**...............................................................................................162-166
**КИТОБНОМА**......................................................................................167-173

# МУҚАДДИМА

**Зарурати интихоби мавзӯъ.** Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси шукӯҳу шаҳомати Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино (980-1037) дар асари безаволаш «Чеҳраҳои мондагор» ҳарф зада, онро чунин ҷамъбаст мекунад: «Ибни Сино парчамбардори бедории афкори миллӣ ва бунёдгузори пойдевори илми ҳазорсолаи мост. Аз ин рӯ, ба марказҳои илмии мо зарур аст, ки осори ин алломаи бузургро пурра ба забони тоҷикӣ ба табъ расонанд ва ба забонҳои дигар тарҷума кунанд» [53, 238]. Аз ин ҳидояти Пешвои миллат маълум аст, ки ҳам сурат, ҳам сират ва ҳам осори камназири ин нобиғаи ҷаҳонӣ барои мардуми мо ва мардуми олам то ба ҳол ба таври пурра муаррифӣ нашудааст.

Дар миёни миллатҳои гуногуни олам афроди алоҳидае дар давраҳои гуногуни таърих ба арсаи ҳаёт омадаанд, ки тавассути афкори бикр, андешаҳои амиқ ва маҳсули илмию фарҳангиашон номбардори миллати хеш дар тамоми дунё гардидаанд. Миллати куҳанбунёди тоҷик ифтихори онро дорад, ки дар масири ҳазорсолаҳо барои фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ нобиғаҳои зиёдеро тарбия намуда, ба воя расонд, ки аз маҳсули афкору андешаҳои онҳо дар тамоми олам истифода мекунанд. Абӯалӣ ибни Сино аз ҷумлаи он чеҳраҳои бузурги таърихии дунё аст, ки хизматаш барои илмҳои мухталиф, махсусан илми тибби ҷаҳонӣ бидуни муқоиса боқӣ мемонад. Бо дарназардошти мақоми Ибни Сино дар улуми мухталифи дунё соли 1980 бо қарори ЮНЕСКО ҷашни зодрӯзи 1000-солагии Абӯалӣ ибни Сино дар миқёси ҷаҳон таҷлил гардида буд.

Мусаллам аст, ки манзалат ва мақоми Ибни Сино дар илм ва тамаддуни ҷаҳонӣ беназир аст ва ин мақоми шоёнро барои вай табъи фавқулода ва илми беназираш таъмин кардааст. Синоро ба ҳайси як олими мумтоз, як ҳакими суханвар ва як табиби шифобахшанда ба ҳар дард пазируфтаанд. Аммо ин

олимӣ, ҳакимӣ ва табибиро танҳо дар партави маҳсули илмӣ ва адабии худи Сино ба таври умумӣ шинохта ва пазируфтаанд. Симо, хулқу атвор, тарзи муносибат, муҷассама, хислату хисолашро на ҳама кас метавонад тасаввур кунад.

Дар маҷмуъ Ибни Сино дар саҳифаи таърихи илму адаби асри X-и тоҷик ба сифати чеҳраи фарҳангӣ, ҳамчун табиб, файласуф, мантиқшинос, нуҷумдон, табиатшинос, адабиётшинос, забондон, шоир, омӯзгор ва равоншинос шинохта шудааст. Падидаи шинохт аз шахсияти Ибни Сино ҳанӯз вақти ҳаёт буданаш оғоз гардидааст. Минбаъд фаъолияти илмӣ ва зиндагии ӯ дар баробари аз ҷониби донишмандону ҳаводоронаш омӯхта шудан, дар нақлу ривоятҳои мардумӣ низ ба таври назаррас бозгӯ шудааст.

Нақлу ривоятҳое, ки дар бораи Ибни Сино интишору паҳн мегардиданд, кайҳо боз диққати аҳли илму адаб ва ҳаводорони осори адабиёти даҳанакиро ба худ ҷалб карда омадаанд. Маводи гирдомада собит менамояд, ки нақлу ривоятҳои марбута ба Ибни Сино аз нигоҳи мавзӯъ рӯзгор ва осори Ибни Синоро фаро мегиранд: дар ин асарҳо гоҳ чун олим ва мутафаккири забардаст, гоҳ чун табиби муъҷизакор, гоҳ чун кимёгари мумтоз ва гоҳе ҳам ба сифати табиатшиноси моҳир ва мутахассиси беҳамтои соҳаи олами коинот ва шоири тавоно ба тасвир омадани Ибни Сино ба мушоҳида мерасад, яъне дар аксарияти нақлу ривоятҳо халқ Ибни Синоро, чӣ хеле ки дар ҳаёт буд, ҳамон тавр ба тасвир додааст. Новобаста аз афкори олимони алоҳида, нисбати ӯ ин баҳои халқ ва ин муҳаббати мардум ба қаҳрамони худ аз баррасии амиқи илмӣ дар канор мондааст.

Чунон ки маълум аст, нақлу ривоятҳо, шеъру ҳикояҳо, ёддоштҳо ва андешаҳою қайдҳои ҷудогонаи ҳамасрон ва баъдомадагон дар бораи Сино маҳз аз зумраи манбаъҳое маҳсуб мешаванд, ки образи Абӯалӣ ибни Синоро ба таври пурра ва дар ҳар сурат барои хонанда мушаххас менамоянд. Аммо то кунун, агарчи ин нақлу ривоятҳо, қайдҳо ва ёддоштҳо, шеъру осори дигари бадеӣ дар бораи Шайхурраис мавҷуданд ва дастраси аҳли илм шуда, афкори алоҳида ҳам дар ин замина иброз гардидаанд, таҳлили хулқу атвор, тарзи

муносибат, муҷассама, хӯю атвору хислати ӯ дар заминаи онҳо ба таври бояду шояд баррасӣ нагаштааст. Аз ин рӯ, мушаххас намудани шахсияти Абӯалӣ ибни Сино ба таври куллӣ ва муайян намудани сувар, симо, хулқу атвор, сиголу муносибати ӯ ба таври ҷузъӣ дар заминаи ривояту нақлҳои мардумӣ ва осори китобӣ зарурат ва аҳамияти интихоби мавзӯи диссертатсияро дар миён мегузорад.

**Дараҷаи омӯзиш ва таҳқиқи мавзӯъ.** Дар асоси таснифи маводи ҷамъшуда дар бораи Ибни Сино маълум гардид, ки он дар чор шакли асосӣ эҷод шуда интишор ёфтааст:

- мавод дар шакли нақлу ривоятҳои мардумӣ;
- мавод дар шакли ёддоштҳои мустақим;
- мавод дар шакли бозгӯйии муаррихон, адибон ва ҳаводорони фарҳангу ҳунар;
- мавод дар шакли осори адабӣ (роман, ҳикоя, шеър, достон ва ғайра).

Бояд қайд намуд, ки ба ҷуз аз ёддошт, ки асосан ба қалами шогирдони Ибни Сино мутааллиқ буданд, се шакли дигари мавод бар нақлу ривоятҳо ва боварҳову шунидаҳои мардумӣ асос ёфтаанд. Албатта, дар осори адабӣ, хосса дар шаклҳои ашъори ғиноӣ тахайюли бадеӣ дар эҷоди образи Сино мавқеи махсус дорад, аммо ҳамон ҳам дар замина ва бо такя ба ривоятҳои мавҷуда пайдо шудааст.

Мавриди зикр аст, ки ҳанӯз аз замони зиндагии худи Сино нақлу ривоятҳо дар бораи ӯ бофта ва паҳн шуда, дар ҳар аср аз забон ба забон ва аз асаре ба асари дигар мунтақил мегардиданд. Чунончи, «Сафарнома»-и Носири Хусрав, асри XI [86, 8-9], «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ асри XII [38, 108-112], «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашиддидуни Ватвот асри XI [2,37], «Асрор-ут-тавҳид»-и Муҳаммад ибни Мунаввар асри XI [2,38], «Татимаи сивон-ул-ҳикмат»-и Абулҳасани Байҳақӣ асри XII [2, 39], «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ асри XIII [2,42], «Фавоид-ул-фавод»-и Ҳасани Деҳлавӣ асри XIII [2, 43], «Равзат-ул-ҷаннот фӣ авсофи мадинат-ул-

ҳирот»-и Мӯинуддин Замчии Исфизорӣ асри XV [2, 43], «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайнуддин Маҳмуди Восифӣ асри XVI [2, 44] аз ҷумлаи он осори гуногунмазмун ва мухталифҳадаф маҳсуб мешаванд, ки дар онҳо доир ба Ибни Сино сухан рафтааст.

Дар замони муосир низ чунин таваҷҷуҳ ба манзалати Сино паст нашуда, асарҳои олимоне амсоли С. Айнӣ «Шайхурраис Абӯали Сино» (Сталинобод-Ленинград, 1941. 82 саҳ.), А. Мирзоев «Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ» (Сталинобод, 1953, 140 саҳ.), А. Алимардонов, Ҷ.Додалишоев "Ибни Сино аз назари мардум" / Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон №3 (101) июли сентябр. 1980. саҳ. 66-75. 107 саҳ.), А.Алимардонов, Ҷ. Додалишоев "Сурат ва сирати Ибни Сино" («Ирфон», Душанбе, 1980. -118 саҳ.), С.С. Гавҳарин "Ҳуҷҷатулҳақ Абӯалӣ Сино" (Теҳрон, 1952. 327 с.), Д.Обидов "Ҳафт пири сухансаро дар наклу ривоятҳо" (Душанбе, 2010. с. 103-104. 238 саҳ.), Д. Обидов "Пирони сухан дар қиссаҳои куҳан" (Душанбе, 2009 с. 59-60), Д. Обидов "Ҳакими мумтоз дар қиссаҳои дилнавоз" (Душанбе, 2005, с. 27- 28), Д.Обидов, Ҷ.Рабиев "Ҳакими мумтоз. Наклу ривоятҳо дар бораи Абӯалӣ ибни Сино" (Душанбе, Маориф, 1981), А.В.Сагадеев "Ибн- Сина (Авиценна)", М. «Мысль» 1980. 238 саҳ), Саид Нафисӣ "Зиндагонӣ ва кор ва андеша ва рӯзгори пури Сино" (Теҳрон.с.1333 (1956), Семенов А.А. "Абу-али Ибн- Сина (Авиценна)" (Сталинабад, «Таджикгосиздат» 1953. 62 саҳ.), А.А. Семенов «Абӯ Алӣ Ибни Сино» (Сталинобад, 1945), М.Субҳӣ "Афсонаҳои Бӯалӣ Сино", Китоби аввал. с.1954, ба нашр расиданд.

Дар баробари ин дар бораи Ибни Сино боз асарҳое арзӣ ҳастӣ намуданд, ки повести "Пири ҳакимони машриқзамин"-и Сотим Улуғзода (Душанбе 1980, 138 саҳ.), романи "Ҳакими бузург"-и В.Воскобойников («Ирфон», Душанбе, 1980. 245 саҳ.) аз ҷумлаи онҳост.

Дар осори ба Сино бахшидашуда кам-кам аз хулқу атвор ва рафтору муносибат, тарҳи чеҳра ва хисолу ахлоқаш тасвир гардидааст. Аммо асаре ё рисолае, ки сирф ба таҳлилу таҳқиқи образи Сино дар ривоёту ашъори

барҷомонда бахшидашуда бошад, то ба имрӯз рӯи кор наомадааст ва диссертатсияи мавриди назар нахустин қадам дар таҳлили ин мавзӯъ маҳсуб мешавад.

Бо вуҷуди ин, осори дар боло зикршударо чун сарчашмаи асосӣ ва манбаъҳои илмию назарӣ барои ин пажӯҳиш истифода намудем. Аз ҷумла, китобҳои «Ҳакими мумтоз дар қиссаҳои дилнавоз» (Душанбе 2005) ва «Ҳакими мумтоз. Нақлу ривоятҳо дар бораи Абӯалӣ ибни Сино» (Душанбе, Маориф, 1981), ки аз тарафи муҳаққиқони тоҷик Д.Обидов ва Ҷ.Рабиев мунташир гардиданд, ҳамчун мавод барои таҳлил ва асари илмии академик Абдулғанӣ Мирзоев «Ҳикояҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ» (1953) ва мақолаҳои А. Алимардонову Ҷ.Додалишоев «Ибни Сино аз назари мардум» (Ахбороти АИ Тоҷикистон, шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ, 1980, ш.3), «Машҳури асрҳо ва маҳбуби наслҳо» дар маҷмӯаи «Сурат ва сирати Ибни Сино» ба ҳайси маводи назарӣ дар пажӯҳиши мавзӯи асосии диссертатсия истифода шудаанд.

Боз як асари дигар, ки барои таҳлили сират ва сурати ибни Сино дар ривоятҳои мардумӣ аз он истифода гардид, асари адиби рус Валерий Воскобойников бо номи “Ҳакими бузург”[16, 245] мебошад. Ин китоб аз саргузашти аҷибу рӯзгори наҷиби ҳакими бузург Абӯалӣ ибни Сино ҳикоят мекунад. Нависанда маълумоти сарчашмаҳои таърихиву адабӣ ва таълифоти худи нобиғаро дақиқназарона омӯхта ва муҳити сиёсиву иҷтимоии давррo заминаи тасвири бадеӣ қарор дода, симои Ибни Синоро офаридааст. Инчунин дар китоби мазкур ривоятҳое, ки нисбат ба Ибни Сино эҷод гардидаанд, вобаста ба мавқеъи худ дар давраҳои гуногуни ҳаёти Шайхурраис ҷой дода шудаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади асосии таҳқиқ ошкор намудани чигунагии тасвири чеҳраи Абӯалӣ ибни Сино дар адабиёти бадеии шифоҳӣ ва хаттӣ дар заминаи нақлу ривоятҳо мебошад. Бо такя бар натиҷаҳои чунин таҳлил шахсият, симо, хулқу атвор ва муносибати Абӯалӣ ибни Сино то андозае мушаххас мегардад.

Барои ҳаллу фасли пурраи мавзӯъ масъалаҳои зайл мавриди пажӯҳиш қарор дода шудаанд:

- муайян намудани заминаҳои таърихии пайдоиши образи ривоятии Абӯалӣ ибни Сино;
- мушаххас намудани симои таърихии Ибни Сино дар асоси ёддоштҳо ва ҳодисаҳои воқеии ҳаёти ӯ;
- нишон додани нақши ривоятҳо дар муайян намудани шахсият ва мусаввара (образ)-и Ибни Сино;
- таҳлили ҳунар ва истеъдоди тиббӣ, омӯзгорӣ, равоншиносӣ, кайҳоншиносӣ ва шоирии Ибни Сино дар асоси нақлу ривоятҳои мардумӣ;
- барқарор намудани симо (портрет), муайян намудани сиришту хисол (характер)-и Ибни Сино дар асоси маълумоти тазкираҳо, сарчашмаҳои илмию таърихӣ ва ашъори бадеӣ;
- таҳлили образи Абӯалӣ Сино дар тасаввур ва осори руҳониёни мутаассиб.

**Бозёфтҳои илмии диссертатсия.** Дар бораи Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино ва фаъолиятҳои чашмгири ҳамаҷонибаи ӯ дар байни мардум нақлу ривоятҳо ва дар миёни аҳли таҳқиқу адаб осори фаровоне густариш ёфтаанд. Ин мавод, агарчи муътамадтарин сарчашма ва манбаъ барои таҳлили ҳаматарафаи мусаввара (образ)-и Абӯалӣ ибни Сино ба шумор равад ҳам, то ба имрӯз мавриди таҳлили илмӣ қарор дода нашудааст.

Дар диссертатсияи пешниҳодшуда бори аввал дар илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик таҳқиқи ривоятҳои мардумӣ ва осори таърихӣ, илмӣ ва бадеӣ оид ба Абӯалӣ ибни Сино, бо мақсади муайян намудани истеъдоди фитрӣ, тасвири портрет ва характери Сино, кору фаъолият ва маҳорату истеъдоди волои ӯ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар диссертатсия, пеш аз ҳама, ҷанбаҳои маҳорати табибӣ, ситорашиносӣ, омӯзгорӣ, шоирӣ ва ҳатто соҳирии Ибни Сино дар ривоятҳои мардумӣ, характеру рафтору муносибати ӯ аз назари муаррихон ва адибон

мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Бо дарназардошти чунин таҳлил арзиши илмии диссертатсия ба тариқи зайл муаррифӣ мешавад:

Пеш аз ҳама, нахустин маротиба заминаҳои таърихии пайдоиши образи ривоятии Абӯалӣ ибни Сино муайян гардида, симои таърихии Ибни Сино дар асоси ёддоштҳо ва ҳодисаҳои воқеии ҳаёти ӯ то дараҷае мушаххас карда шуд.

Дувум, бори нахуст нақши ривоятҳо дар муайян намудани шахсият ва мусаввараи (образ)-и Ибни  Сино таҳлил ва муайян гардид.

Севум, дар асоси маълумоти тазкираҳо, сарчашмаҳои илмию таърихӣ ва осори бадеӣ симо (портрет) ва сиришту хисол (характер)-и Ибни Сино таҳлил гардида, то андозае бо портрети ӯ дар ривоятҳои мардумӣ муқоиса карда шуд.

Ҳамаи ин масъалаҳо боиси ошкор гардидани сабабҳои шуҳрати Сино дар таърихи тамаддуни мардуми тоҷик ба таври алоҳида ва дар тамаддуни ҷаҳонӣ ба таври умумӣ муайян шуда, ҳатто замина ва сабабҳои пайдо шудани образи соҳирии Сино, ки махсус аз тарафи рӯҳониёни мутаассиб эҷод шуда буд, мушаххас гардиданд. Дар ҳамин замина, натиҷаҳои таҳлили диссертатсия барои илми филологияи тоҷик маводи навро дар масъалаи синошиносӣ пешниҳод мекунад ва барои таҳлили дигар тарафҳои ҳаёт ва эҷодиёти Шайхурраис роҳ мекушояд. Бар замми ин, асли таҳлили образу портрет дар асоси нақлу ривоятҳо, ки нахустин маротиба ба таври густурда истифода шуд, метавонад минбаъд барои мушаххас намудани симо ва сиришту сиголи дигар намояндагони машҳури фарҳанги тоҷик истифода шавад.

**Мавод ва усул (методология)-и таҳқиқ.** Сарчашмаҳои омӯзишу пажӯҳиши диссертатсияи мазкурро маъхазҳои илмии марбут ба рӯзгору осори Абӯалӣ ибни Сино дар Ганҷинаи фолклори тоҷик воқеъ дар Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллои Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва осори илмии мавҷудаи фолклоршиносон ва адабиётшиносон ташкил медиҳанд. Манбаъҳои дигари пажӯҳишро китобу

маҷмӯаҳо, аз ҷумла «Сафарнома»-и Носири Хусрав (Душанбе, 1980), «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (Душанбе, 1986), «Шайхурраис Абӯалӣ Сино» (Сталинобод-Ленинград, 1941)-и С. Айнӣ, «Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ»-и (Сталинобод, 1953) А.Мирзоев, «Пири ҳакимони машриқзамин»-и С.Улуғзода (Душанбе, 1980), «Ибни Сино»-и Раҳим Ҳошим (Душанбе, 1977), «Пирони сухан дар қиссаҳои куҳан» (Душанбе, 2009) ва «Ҳафт пири сухансаро дар нақлу ривоятҳо» (Душанбе, 2010)-и тартибдодаи Д. Обидов, «Ибни Сино аз назари мардум» (1980)-и А. Алимардонов ва Ҷ. Додалишоев, «Гаҳвораи Сино»-и М.Қаноат (Душанбе 1983) фароҳам овардаанд. Вобаста ба талабот ва вазифаҳои таҳқиқ маводи адабӣ бадеие, ки дар он паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолият, рафтору муносибат, ҳунару истеъдоди Ибни Сино ба тасвир гирифта шудааст, низ мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор дода шудаанд.

Дар таҳлили маводи диссертатсия аз адабиёти назарӣ ба таври васеъ истифода гардид ва масъалаҳои назарии илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ, ки истифодаи онҳо аз тарафи олимони машҳури рус ва тоҷик, амсоли Э.Е. Бертелс, И.Брагинский, С.Айнӣ, Р. Амонов, Х. Мирзозода, В.Асрорӣ, Р.Мусулмониён, Х.Шарифов, А. Satторзода Б.Шермуҳамедов, Р.Раҳмонӣ, М.Субҳӣ, А.Мирзоев, А.Алимардонов, Д. Обидов, Д. Раҳимов ва чанд тани дигар ба субут расонда шуда буданд, раванди асосии пажӯҳишро фароҳам оварданд.

Бинобар доштани ҷанбаҳои илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ, дар пажӯҳиши масъалаи марказии диссертатсия аз усул (методҳо)-и марбутаи ҳар дуи ин илм ба таври пурра истифода гардид.

Муҳимтарин усули таҳқиқ дар диссертатсия асли таҳлили муқоисавӣ таърихӣ буд, ки дар асоси он на танҳо ривоятҳои мардумӣ ва афкори аҳли маънӣ дар бораи Ибни Сино мавриди муқоиса қарор дода шуданд, балки он имкон дод, то баъзе андешаҳо дар мавриди таърих, заминаҳо, сабабҳо ва раванди рушду интишори онҳо низ гуфта шаванд.

Дар мавридҳои алоҳида ва махсусан дар таҳлили масъалаҳои ғоя, мазмуну мундариҷа ва шаклу услуби нигориши баъзе аз ривоятҳо ва осори адабӣ-бадеӣ дар бораи Шайхурраис бошад, аз усули таҳлилҳои матнӣ, назариявӣ муқоисавӣ-таърихии адабиётшиносӣ ва таҳлили поэтикӣ истифода шуд.

**Предмет ва объекти диссертатсия**. **Предмети** омӯзиш ва таҳқиқи диссертатсияро тасвири симо ва сигол, муносибату рафтор, ҳунару истеъдоди Абӯалӣ ибни Сино ҳамчун табиб, омӯзгор, шоир, кайҳоншинос, мураббӣ ва муҳаққиқи нотакрор дар нақлу ривоятҳои мардумӣ ва осори илмию бадеӣ ташкил додааст.

**Объекти** омӯзиши диссертатсияро нақлу ривоятҳои мардумӣ, ёддоштҳои шогирдону ҳамзамонон, асару рисолаҳои илмӣ, таърихӣ ва осори адабӣ бадеии дар бораи Ибни Сино эҷод ва дастрасшуда фароҳам овардааст.

**Арзиши назарии пажӯҳиш.** Диссертатсия ба пажӯҳиши масъалаҳои камтаҳқиқшудаи адабиётшиносии тоҷик бахшида шудааст ва қимати назарии он дар таҳлили системавии ривоятҳои халқӣ ва осори таърихию тазкиравӣ, дар муайян намудани образ, шахсият, портрет ва характери Абӯалӣ ибни Сино зоҳир мегардад. Дар диссертатсия силсилаи ривоятҳо ва ёддоштҳову қайдҳои ҷудогона дар осори гуногуни таърихию фарҳангӣ ба доираи таҳлил кашида мешаванд ва онҳо дар асоси хислату муносибат, симо ва ҳунари Сино гурӯҳбандӣ шудаанд. Бар זамми ин, таҳлили ривоятҳову ёддоштҳои дастрас тамоми давраҳои ҳаёти Синоро, аз даврони туфулият то ба дами марг, дарбар гирифтааст. Арзиши дигари назарии диссертатсияи пешниҳодшуда дар он зоҳир мегардад, ки он заминаи илмии таҳлили ривоятҳоро барои шахсиятҳои машҳури фарҳанг, илм ва ҳунар фароҳам меорад.

**Арзиши амалии пажӯҳиш.** Диссертатсияи пешниҳодшуда ҳам барои илми фолклоршиносӣ ва ҳам барои илми адабиётшиносии тоҷик арзиши махсуси амалӣ дорад. Он, пеш аз ҳама, барои ҳар ду илм маводи хуби таълимиро фароҳам меорад, ки дар таълиму тадриси хонандагони мактабҳои

миёна ва донишгоҳҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад истифода бурда шавад. Яъне, маводи пешниҳодшуда барои таҳияи китобҳои дарсӣ мувофиқ аст ва инчунин метавонад дар курсҳои махсуси омӯзишии фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ мавриди истифода қарор гирад.

Яке аз муҳимтарин арзишҳои дигари пажӯҳиш дар он аст, ки вай билкул ба таҳлили ҳаёт, рафтор, муносибат, симову сурат ва хулқу атвори Абӯалӣ ибни Сино дар заминаи маводи фолклорӣ ва таърихию бадеӣ бахшида шудааст. Аз ин рӯ, натиҷаҳои тадқиқи маводи мазкур метавонад, пеш аз ҳама, барои таълими ҳаёт ва фаъолияти Шайхурраис ибни Сино дар тамоми сатҳҳои таълим ва дар курсҳои махсуси омӯзишӣ мавриди истифода қарор гирад. Диссертатсия инчунин барои илмҳои таърих, санъатшиносӣ, рассомӣ ва мардумшиносӣ маводи хуби илмиро дар омӯхтани шахсияти Ибни Сино пешкаш менамояд.

Мазмуни диссертатсия инчунин дар мавриди навиштани китобҳои таълимӣ ва илмии фолклори тоҷик барои мактабиён ва донишҷӯён аҳамияти хоса дорад. Дар баробари ин, диссертатсия дар таҳқиқи бевоситаи мукаммалтари ривоятҳо дар бораи Абӯалӣ ибни Сино, омӯзиши паҳлӯҳои дигари ҳаёт ва кору фаъолияти ин нобиға, таълифи корҳои курсӣ ва дипломӣ, таълиму тадриси адабиёти шифоҳӣ ва курсҳои махсуси омӯзиши жанрҳои фолклорӣ метавонад хизмат кунад.

Бо дарназардошти мақсади асосии пажӯҳиш ва дар заминаи ҳалли вазифаҳои диссертатсия **масъалаҳои асосии зерин барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

- Образи ривоятии Абӯалӣ ибни Сино заминаҳои воқеӣ дошта, муҳимтарин хислату ҳунарҳои ӯро муаррифӣ мекунад.
- Ёддоштҳои шогирдону ҳамзамонон ва ҳодисаҳои воқеии ҳаёти Ибни Сино муътамадтарин мавод барои мушаххас намудани симои таърихии ӯ ба ҳисоб меравандад.

- Дар муайян намудани шахсият ва мусаввара (образ), сиришту хисол (характер)-и Ибни Сино маълумоти тазкираҳо, сарчашмаҳои илмию таърихӣ ва ашъори бадеӣ нақши махсус доранд.
- Ривоятҳои халқӣ ҳамчун муҳимтарин воситаи интиқолдиҳандаи иттилоот дар бораи Сино маҳсуб шуда, чун асоси образофаринӣ барои ашъори бадеӣ дар бораи ӯ хидмат кардаанд.
- Ривоятҳои бофтаи мутаассибону диндорон шаҳомату бузургии Синоро дар тафаккури мардум коста карда натавонистанд.

**Тасвиби кор.** Диссертатсия дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ баррасӣ ва барои ҳимоя пешниҳод шуда буд (протоколи № 2 аз 18.06.2018).

Натиҷаҳои илмӣ ва андешаҳои таҳлилии диссертатсия дар ҳаҷми 8 мақолаи илмӣ ба нашр расидаанд, ки аз онҳо 4 мақола дар нашрияҳои илмии таҳти қайди ВАК-и Федератсияи Россия буда чоп шудаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат мебошад.

# БОБИ I:
# ШАХСИЯТИ ТАЪРИХИИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО ВА ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ ОБРАЗИ РИВОЯТИЮ БАДЕИИ Ӯ

## Фасли 1: ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ПАЙДОИШИ ОБРАЗИ РИВОЯТИИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино аз зумраи он чеҳраҳои тамаддуни миллати тоҷик мебошад, ки дар бисёре аз маворид симои ривоятии онҳо аз симои таърихиашон дида зиёдтар мавриди таваҷҷуҳи мардум қарор доштааст. Ҳадафи таҳлили мавзӯи маркази диссертатсия маҳз нишон додани симо ва хулқу атвори ин нобиға дар заминаи ривоятҳо ва нақлҳои шифоҳию китобӣ мебошад ва чунин таҳлил бидуни омӯхтани заминаҳои воқеию таърихии он ривоёт ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, зарур аст то муҳимтарин санаҳои таърихии ҳаёти ибни Сино, ки боиси пайдоиши силсилаи ривояту нақлҳои шифоҳиву китобӣ гардидаанд, мавриди таҳлили илмӣ қарор гиранд.

Дар бораи чараёни зиндагӣ ва санаҳои ҳаётии Абӯалӣ ибни Сино, хушбахтона, беҳтарин маъхаз ва муътабартарин ҳуҷҷат барои мо мавҷуд мебошад, ки ба дурустии он дар таърихи шарқшиносӣ заррае шубҳа мавҷуд нест. Ин ҳуҷҷат он рисолаи оид ба шарҳи ҳоли Ибни Сино тартибдодаи шогирди наздики ӯ Абӯубайди Абдулвоҳиди Ҷузҷонист, ки қисми аввали он аз тарафи Ибни Сино таҳрир ёфта, қисми дувуми вай бо қалами худди Абдулвоҳид навишта шудааст. Ибни Сино дар қисми якум ҳаёти оилавӣ, машғулияти падараш, айёми кӯдакӣ, таҳсили илм, аз ватан ҳиҷрат намудан аввал ба Хоразм ва пас чигуна ба Гургон (Ҷурҷон) омадани худро менависад. Абӯубайд Абдулвоҳид аз вақти дар Ҷурҷон бо Ибни Сино ҳамроҳ шуданаш сар карда, то рӯзи вафоти устоди худ дар бораи зиндагонии сиёсӣ, мусофират ва оворагардиҳо, машғулияти илмӣ, шумораи асарҳои вай ва ғайра хеле муфассал маълумот медиҳад [31, 55].

Муҳимтарин санаҳои ҳаётии Ибни Синоро метавонем танҳо аз тарҷумаи ҳоли ӯ дарёфт намоем. Дар мавриди тарҷумаи ҳоли Ибни Сино

омӯзишҳои муҳаққиқонаи назаррасе анҷом шудаанд. Инчунин вобаста ба ин мавзӯъ метавон китобҳои нашргардидаи олимони тоҷику рус: Низомии Арӯзии Самарқандӣ «Чаҳор мақола», С.Айнӣ «Шайхурраис Абӯали Сино», А.Алимардонов, Ҷ.Додалишоев «Сурат ва сирати Ибни Сино», В.Воскобойников «Ҳакими бузург», А.В. Сагадеев «Ибн- Сина» (Авиценна), Саид Нафисӣ «Зиндагонӣ ва кор ва андеша ва рӯзгори пури Сино», А.А. Семенов «Абӯ Алӣ Ибни Сино», Субҳӣ «Афсонаҳои Бӯалӣ Сино», С.Улуғзода «Пири ҳакимони машриқзамин» Муъмин Қаноат достони «Гаҳвораи Сино», Д.Обидов «Ҳафт пири сухансаро дар нақлу ривоятҳо» ва «Пирони сухан дар қиссаҳои куҳан», ва ғайраҳоро номбар намуд.

Маълумоти манбаъҳои муътамади таърихӣ ва китобҳои мавҷударо мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулосае омадем, то тарҷумаи ҳолеро, ки устод А.Мирзоев таҳти унвони «Тарҷумаи ҳоли асосии Абӯалӣ ибни Сино» пешниҳод намудааст, ҳамчун сарчашмаи таърихии асосӣ қарор диҳем. Ногуфта намонад, қисмате аз маълумотҳоеро, ки устод Абдулғанӣ Мирзоев дар китоби «Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ» (Сталинобод, 1953), дохил намуда, пешкаши хонандагон гардонидааст, дар дигар сарчашмаҳо во нахӯрдем. Дар ҳамин замина, муҳимтарин санаҳои ҳаёт ва фаъолияти ибни Синоро, ки боиси пайдоиши симои ривоятӣ ва адабии ӯ дар таърих ва адабиёт гардидаанд, ба эътибор мегирем.

Аз даврони туфуллият ва наврасии ибни Сино ба чанд сана ва саҳнаи зиндагии ӯ мутаваҷҷеҳ шудан зарур аст, ки ба ҳадафи мавзӯи мо робита доранд. Пеш аз ҳама, Сино дар оилаи равшанфикр ва мансабдор ба дунё омадааст, зеро ба қавли худаш, падари ӯ дар замони салтанати Нӯҳ бинни Мансури Сомонӣ аз ватани худ Балх ба Бухоро меояд ва дар ин ҷо ба кори девон мепардозад. Ҳукмронии қарияи Ҳурметан (Рометан) аз навоҳии Бухоро ба вай супорида мешавад. Бояд зикр кард, ки Балху Бухоро, муҳимтарин шаҳрҳои мутамаддини миллати тоҷик буданд ва онҳо аз ҷиҳати иқтисод, илму фарҳанг якдигарро пурра месохтанд. Ҳаёти ибни Сино ба набзи ҳар ду марказ ҳам пайвастагии бевосита дошт.

Маҳз дар Бухоро Сино ба ҳифзи улуми қуръонӣ ва аз ҷумла худи Қуръон мепардозад ва то 10-солагӣ Қуръон ва улуми адабро хонда аз худ менамояд [31, 54]. Дар касби илмҳо ба андозае тезу тунд ва хуб пешрафт кардааст, ки ҳама дар ҳайрат афтода буданд. Ин ҷанбаи дигари муҳим аз ҳаёти Сино аст, ки баъдтар мавриди эҷоди ривоёт ва ҳикоёт шуд ва ба адабиёт ҳам таъсир расонд.

Ба қавли худи Сино, падараш ба исмоилиён гаравида буд ва аз пайравони Исмоилия ба шумор мерафт. Падар ва бародар аз нафс ва ақл бо кеши исмоилиён сухан ба миён меоварданд ва Сино мешунид, меандешид, вале қабул намекард. Ҳарчанд онҳо ӯро ба ойини худ даъват мекарданд, вале манфиате надошт, ва онҳо бештар навмед мешуданд. Масъалаи гароиш ё нагароидани Сино ба мазҳаби Исмоилия, ки бо таваҷҷуҳи хеле амиқ ба улуми ақлӣ ва афкори хирадгароёнаи худ аз мазоҳиби дигарандеш маҳсуб мешуд, заминаи дигаре буд барои пайдоиши гаҳ симои мусбат ва аксар симои манфӣ, ки аслан аз ҷониби рақибони исмоилиён бофта мешуд.

Синоро падараш  аз фалсафа ва ҳандаса  ва аз ҳисоби ҳиндӣ чизе меомӯхт ва инчунин ӯро ба назди сабзифурӯше фиристод, ки аз ӯ ҳисоб ва рақамҳои ҳандасаро омӯзад. Инчунин аз Абӯабдуллои Нотилӣ, ки дар донистани фалсафа маъруф буд, ба тадрис нишаст. Барои омӯхтани фиқҳ ба назди Исмоили Зоҳид мерафт ва мегӯяд, ки “дар баҳс ва истидлол (далел овардан) ва тариқаи рад кардан ва эрод гирифтани масъалаҳои фиқҳ забардаст шуда будам” [31, 59].

Масъалае, ки дар омӯхтан ва ҷаҳди дониш андӯхтани Сино барои таҳлили мо муҳим аст, ин аст, ки зиракӣ ва ҳунари тез омӯхтани ӯ баъдтар боиси пайдоиши ривоятҳо гардида буд. Барои тақвияти ин андеша ба чанд гуфтаи худи Сино марбут ба даврони омӯзиш ва парваришаш таваҷҷуҳ намудан зарур аст:

1) Омӯхтани китоби «Исоғуҷӣ»-ро (оид ба мантиқ) дар пеши Нотилӣ оғоз намудам. Дар масъалаи таърифи ҷинс таҳқиқоте кардам, ки устодам ҳаргиз аз касе нашунида буд. Диққат ва таҳқикро ба ҷое расонидам, ки

Нотилӣ ба ҳамаи фазлу донишам ҳайрон монд. Ӯ ҳама вақт дар хавфи он буд, ки падарам маро аз паи таҳсили илм боз дошта, кори дигар насупорад. Аз ин ҷиҳат ҳамеша ба падарам мегуфт, ки ӯ маро аз таҳсил боз надорад.

Ҳар масъалае, ки устодам тарҳ мекард, беҳтар аз худаш ба ҳақиқати он пай мебурдам. То он ки зоҳири мантиқро аз ӯ омӯхтам, ҳоло он ки ӯ ҳақоиқи онро намедонист. Баъд аз он ба мутолиаи китобҳои оид ба мантиқ машғул гардидам ва дақоиқи ин фанро аз пеши худ омӯхта дар ин (қисмати) фан низ пурқувват ва забрдаст шудам. 5-6 шакл ҳам аз ҳандасаи Уқледис (Эвклид)-ро дар назди вай хондам, боқимондаро ба худи худ дарёфтам ва ба ҳалли мушкилоти он комёб гардидам. Онгоҳ ба мутолиаи китоби Маҷастӣ гузаштем. Чун аз муқаддимоти он фориғ шуда ба шаклҳои ҳандасӣ расидем, Нотилӣ аз омӯхтанам фурӯ монд. Гуфт: «Худат мутолиа кун ва мушкилотро ҳал намо, он гоҳ пеши ман ой ва натиҷаро маълум кун, то дурустро аз нодуруст (бароят) ошкор созам» [31, 60]. Пас ман аз пеши худ ба ҳал кардани масъалаҳои китоб шурӯъ намудам ва матлаброро ба устод арз намудам, вале натиҷаи ин кор мушкилоти худи устодро бартараф мекард. Ҳар мушкилиеро, ки то он вақт намедонист, аз ман ёд мегирифт.

2) Дар ин пораи ёддошти тарҷумаиҳолӣ зеҳни тез ва истеъдоди воқеъан фавқулодаи Сино зикр гардидааст, ки устодаш аз ӯ дар ҳайрат ва ҳатто бисёр вақт малул мемонд. Маҳз чунин рафти омӯзиш ва паҳн гардидани нақлҳо дар хусуси он баъдтар боис шуд, то чеҳра ва сирату сурати Синои наврас барои мардуми қаторӣ ва сонитар барои адибону ҳаводорон ҳамчун як чеҳраи баъзан ривоятӣ ва ҳамчунон афсонавӣ муаррифӣ гардад. Ҳар касе бар ин симо чизе меафзуд ва ҳар яке бар ин рафтор чизеро зам мекард, то образи ҷавони мутафаккир, ки хостаҳои мардуми қаториро бароварда мекард, рӯи кор омад. Пас Нотилӣ аз Бухоро ба Гурганҷ (Урганҷ) рафт. Ман машғули мутолиа ва ҷамъ намудани китоб шуда, оид ба табиӣ ва илоҳӣ, фусус ва шуруҳи дигар ба даст даровардам, рӯз ба рӯз дарҳои дониш ба рӯям боз мешуд. Онгоҳ рӯй ба илми тиб овардам ва ба мутолиаи китобҳои тиббӣ машғул гардидам. Азбаски тиб чандон душвор набуд, дар андак замоне дар

ин фан пояи маҳоратам ба андозае боло рафт, ки бисёрии табибони вақт барои омӯхтани тиб дар назди ман зону мезаданд. Ба тарзи амалӣ низ ба муолиҷаи беморон машғул шудам. Дарҳои илоҷи беморон ва озмоиш чунон ба рӯям боз шуд, ки ба васф рост намеояд. Дар айни ҳол аз мутолиаи фиқҳ даст накашидам. Дар ин вақт 16-сола [31, 61] будам. Муддати якуним сол беш аз пеш ба мутолиа машғул гардидам. Мантиқ ва дигар фанҳои фалсафаро бори дигар мутолиа карда баромадам. Дар тамоми ин муддат шаб то рӯз хоб намекардам ва рӯз то шаб намеосудам ғайр аз ба даст даровардани илм ба кори дигар машғул намешудам. Ҳама вақт саргарми хондан ва навиштан будам.

Чунин хондану навиштан, мутолиаву омӯзиши пайваста, ки на ҳар кас метавонад онро бо ҳамин шева анҷом диҳад, боиси офариниши образи як сарсупурдаи илм дар фолклор ва адабиёти тоҷик гардид.

3) Ду ҳодисаи дигаре, ки ба фикри мо, боиси таваҷҷуҳи аҳли ҳунар ва ҳам мардум ба симои Сино гардида буданд, аз кушоиши баъзе муаммоҳо дар хоб ва ҳам тасодуфӣ дарёфти асаре барои ҳалли муаммоҳои пешомада буданд. Аз ҷумла, олим менависад, ки  агар гоҳе андаке ба хоб мерафтам, айнан ҳамон масъалаҳои илмиро ба хоб медидам ва баъзе вақтҳо мешуд, ки дар хоб парда аз рӯи масъалаҳои душвор бардошта шуда, ба ҳал кардани онҳо моил мегардидам. Ҳамчунон будам то он вақте, ки поям дар илмҳо устувор шуда, розҳои ниҳонӣ бар ман ошкор гардиданд. Яъне, барои Сино як навъе ваҳйи кушоиши масъалаҳои ҳалношуданӣ ё душворҳал дар хоб меомад. Тасаввур кардан душвор нест, ки дар ҷомеаи мусалмоние, ки Сино дар он зиндагӣ мекард ва баъд низ чунин ҳодиса ва чунин гуфтор барои як қисмати мардум нақши ӯро чун як одами дорои алоқа бо олами боло муаррифӣ мекард ва онҳо ба қувваи фавқулодаи зеҳну ботинаш боварӣ пайдо менамуданд ва қисмати дигар бошад, ӯро ба шаккокиву сеҳру ҷодугарӣ айбдор менамуданд. Бо вуҷуди ин, муносибати ҳар ду тараф ҳам ба Сино боиси пайдоиши нақлу ривоят, шеъру достонҳо ва сарзанишу таънҳои зиёд дар таърих гардиданд.

Ҳодисаи дувум марбут ба тасодуфи дарёфти китобе дар шарҳи китоби метафизика будааст, ки аз тарафи худи олим чунин нақл шудааст: Китоби «Мобаъд-ут-табиа» (метафизика)-ро хондам, вале чизе нафаҳмидам ва мақсадҳои вазъ кардаи он илм бар ман пӯшида монд. Ин китобро гашта баргашта аз аввал то охир 40 маротиба хонда баромадам, ба дараҷае, ки ибораҳои он китоб ба ман ҳифз шуд, бо вуҷуди ин нафаҳмидам ва аз фаҳмидани он навмед гардидам ва ба худ гуфтам: ин китоб фаҳмиданӣ нест.

Дар ин ҳангом рӯзе аз бозори саҳҳофон мегузаштам, даллоле як ҷилд китобро ба даст гирифта, харидор садо мекард. Ӯ онро ба ман нишон дода, таклиф кард, ки бихарам. Ман аз рӯи дилсардӣ онро рад кардам ва бо худ гуфтам: барои фаҳмидани ин илм манфиате намебахшад. Даллол таъкид намуд, ки ин китобро бихар, арзон аст ва соҳибаш муҳтоҷ. Он (китоб)-ро ба 3 танга харидам, дидам, ки «Иғрози мобаъд-ут-табиа» ном асари Абӯнасри Форобӣ будааст. Ба хона омадам ва онро хондам. Дари мақсади он китоб ба рӯи ман боз шуд ва тамоми мушкилот ҳал гардид. Аз ин пешомад бисёр шодмон шудам. Рӯзи дигар ба шукронаи ин пешомади бузург ба фақирон ва бенавоён садақаи бисёре бахшидам.

Воқеаи мавриди қайд бидуни ягон муболиға иброз гардидааст ва дар зиндагонии ҳар нафаре рух додани чунин ҳол мумкин аст. Аммо дар ҳаёти Сино барин нобиға рух додани чунин ҳолро танҳо ба хости Худо вобаста донистан мумкин аст ва худи Сино ҳам инро то андозае эътироф намудааст ва ҳамчун шукргузорӣ ба фақирону бенавоён садақаи зиёде кардааст. Чунин ҳолатҳо низ боиси бофтани ривоятҳову қиссаҳои нав дар хусуси Сино гардидаанд. Бузургтарин ҳодисаи ҳаёти мутафаккир, ки боиси машҳур гардидани ҳунар ва истеъдоди табибии Сино гардида буд, муолиҷаи подшоҳи вақти Сомонӣ Нӯҳ ибни Мансур ба ҳисоб меравад. Бояд эътироф кард, ки маҳз ҳамин ҳодиса меҳвари тамоми ҳикояҳо, ривоятҳо, қиссаҳо ва ашъор дар бораи ҳунари пизишкии ибни Сино қарор гирифт.  Воқеаро Сино ба ин тарз тасвир намудаст:

Дар ин байн Нӯҳ бинни Мансур ба касалии сахте мубтало гардид. Табибон дар муоличаи ӯ дар монданд, касалии ӯ кӯҳна шудан мегирифт. Дар байни табибон ман дар бисёр мутолиакунӣ шуҳрат пайдо карда будам. Дар пеши Султон аз ман ном бурда, ҳозир шудани маро хостанд. Ҳозир шудам ва дар муоличаи Султон бо онҳо иштирок намудам, то он ки беҳбудӣ ҳосил шуд. Дар назди Султон мартабаи баланд ёфтам.

Муоличаи Султон боз як фаъолияти дигареро дар пай дошт, ки ба ҳиммату зеҳни Сино шуҳрате бештарро зам намуд. Ин хоҳиши аз китобхонаи султон дидан кардани ӯ мебошад, чунончи:

Рӯзе аз Султон хоҳиш намудам, ки ба ман иҷозат диҳад, то ба китобхонаи подшоҳӣ рафта аз мутолиаи китобҳои тиббӣ баҳраманд гардам. Султон хоҳиши маро қабул кард. Вақто ки ба китобхона дохил шудам, ҳавлие дидам ки дорои хонаҳои зиёде буд. Дар ҳар хона сандуқҳои пур аз китоб меистоданд. Яке аз хонаҳо махсуси китобҳои арабӣ ва шеър, дигаре оид ба фиқҳ ва ҳамчунин ҳар як хона ба китобҳои илмҳои ҷудогона хос буд. Феҳристи китобҳои гузаштагонро мутолиа мекардам ва ҳар якро, ки мехостам, мегирифтам. Китобҳои гуногуне ки ман дар ин ҷо дидам ва хондам, касе ҳатто номи онҳоро ҳам нашунида буд, ман низ то он вақт надида будам ва баъд аз он ҳам дигар надидам.

Пас он китобҳоро хондам ва аз онҳо баҳраманд шудам, дараҷа ва мартабаи донишмандонро дар дониш дарёфтам. Вақто ки ба синни 18-солагӣ расида будам, аз тамоми ин илмҳо фориғ гардидам. Аз он вақт инҷониб чизе барои ман кашф нашудааст, тафовуте, ки ҳаст, он аст ки он рузҳо дар илмҳо бештара ҳозируззеҳн будам, имрӯз илмам бештар расида ва онҳоро пухтатар ва равшантар медонам ва ҳоло ин ки илм якест.

Дар тарҷумаи ҳоли ибни Сино омадааст, ки ӯ бо як дидан аз ин ё он китоб, матни онро чун аккос дар зеҳн сабт мекард ва ба бисёре аз маонии он китобҳо бо хондани як-ду саҳифа сарфаҳм мерафт. Ҳамаи ин ба шуҳрат ва ҳунару илми ӯ равнақи бештарро мебахшид, ки барои мардум дар шакли афсонаву ривоят оид ба як шахси фавқунеру ҷилвагар гардида буд. Боиси

зикри махсус аст, ки Сино санаҳо ва воқеаҳои дигареро низ аз сар гузаронида буд, ки ба шуҳрати табибии ӯ боис шуданд. Аз ҷумла, дар дарбори Саида ва писари вай Маҷдуддавла дар Рай иттифоқи табобати дуюмӣ ба Сино даст дода буд. Маҷдуддавла ба касалии молихулиё ва ғалабаи савдо гирифтор шуда буд ва Шайх ба муолиҷа кардани вай машғул гашт. Аз ин сабаб ӯро бештар иззат ва ҳурмат менамуданд.

Инчунин, Шайх Шамсуддавла, писари дигари Саидаро аз бемории қулунҷ дар давоми 40 рӯз табобат намудааст. Шамсуддавла, пас аз оне ки устодӣ ва мақоми илмии шайхро пай бурд, ба ӯ либосҳои хуб ва ҳадяҳо бахшида, ӯро аз надимони наздики худ гардонид.

Абӯалӣ Сино на танҳо ба муолиҷаи ашхоси боломақом, балки ба табобати қишрҳои гуногуни аҳолӣ низ мепардохт ва маҳз мардумони одӣ ҷидду ҷаҳд ва ҳунари пизишкии ӯро дида, қаҳрамони худро бо беҳтарин сифот васф мекарданд. Ба ҳайси мисол, табобати зане дар Хоразм аз бемории сил. Ба нақл аз шогирдаш Ҷузҷонӣ, Шайх фармуд, ки ғайр аз гулангубини шакарӣ чизе нахӯрад. Он зан ба ин тартиб сад ман гулқанд хӯрд (ва якҷо бо гулангубин) қурси кофур ба кор бурда истод ва аз чанголи дард халосӣ ёфт.

Шайх дар бораи муолиҷа низ таҷрибаҳои зиёде дошт, натиҷаҳои муолиҷа ва таҷрибаҳои худро ҷудогона навишта буд ва мехост онро ба китоби «Ал-Қонун» илова кунад. Вале пеш аз тамом шудани «Ал-Қонун» аз байн рафт. Аз он ҷумла рӯзе шайх ба дарди сар гирифтор шуд ва гумон бурд моддае даркор аст, ки ба пардаи сараш бирезад. Пас ях талаб намуда онро майда кард ва дар лифофе печида онро бар сараш гузошт. Ин корро якчанд маротиба такрор намуд, то маҳалли қувватро пайдо кард ва аз қабул кардани модда даст кашид ва офият ёфт.

Дар хусуси муолиҷаи худӣ низ суханҳо дар таърих бисёранд ва аз ҷумла Ҷузҷонии шогирд тасвироте воқеӣ аз ин хусус овардааст. Ба фикри инҷониб, худро табобат карданҳои Ибни Сино низ боис шудаанд, то дар хусуси вай ривоятҳои зиёде паҳн гарданд.

Заминаи дигаре, ки боиси интишори гуфтаҳо дар бораи Абӯалӣ ибни Сино гардид, муносибати ӯ ба илм, ба намояндагони илми дарбор ва инчунин ба таълифи осори илмии ҷавобгӯй ба ин ё он аҳвол мебошад. Лаҳзаҳое аз ҳаёти ибни Сино нақл мешаванд, ки дар он Шайхурраис аз хеш ҳунари фавқулодаро барои собит намудани ин ё он амал зоҳир сохтааст. Барои тақвияти ин андеша ба як ҳодисаи ҳаёти Сино муроҷиат мекунем, ки ҳамоно аз гуфтаҳои шогирдаш бар меояд.

Рӯзе шайх дар маҷлиси Алоудавла буд, Абӯмансури Ҷабоӣ низ дар он ҷо ҳузур дошт, яке аз масъалаҳое, ки ба миён омад илми луғат буд. Шайх низ ақидаи худро дар ин бора иброз намуд. Абӯмансур ба шайх гуфт: «Файласуф ва ҳакимӣ, вале дар илми луғат ихтисос надорӣ, бинобар он суханат писандида нест». Ин сухан ба Шайх бисёр гарон омад. Ӯ ба омӯхтани китобҳои луғат машғул гардид, дар ин роҳ се сол меҳнат сарф кард. «Таҳзиб-ул-луғот» ном китоби Абӯмансури Азҳариро аз Хуросон дархост кард ва дар луғат чунон забардаст шуд, ки ҳеҷ кас дар ин соҳа ба дараҷаи дониши вай нарасида буд. Пас се қасида навишта, дар онҳо алфози ғарибаро кор фармуд ва се китоб таълиф кард, ки яке аз онҳо бо услуби Ибн Ал-Амид, яке ба тариқи Собӣ ва дигаре ба сабки Соҳиб буд. Фармуд, ки онҳоро дар ҷилдҳои кӯҳнаи қадиманамо муқова кунанд.

Онгоҳ бо амир сухан ба як ҷо қарор дод. Амир он китобҳоро ба Абӯмансур дода гуфт: «Ҳангоми шикор ин китобҳоро дар биёбон ёфтам, дида баро ва бигӯ, ки инҳо чӣ навъ китобанд ва аз они кӣ мебошанд». Абӯмансур онҳоро аз назар гузаронида, дар таъин кардани бисёре аз матлабҳои он китобҳо оҷиз монд. Дар ҳамин вақт, мувофиқи маслиҳати кардашуда, шайх ба он ҷо даромад ва монанди одати маъмулӣ дохили гуфтугӯ шуд. Он чизеро ки Абӯмансур намедонист, Шайх аз китобҳои луғат далел оварда истода, асли онҳоро тавзеҳ медод. Пас Абумансур, ки дар луғат ҳарзагӯй ва ноустувор буд, шарманда шуда ва донист, ки ин рисолаҳо аз тарафи худи шайх таълиф шудаанд ва ҷавоби густохии онрӯзааш мебошанд. Пас аз шайх узр хост [34, 74].

Маҳз чунин лаҳзаҳо боис шуданд, то симо ва чеҳраи Сино барои аксари мардум азизу гиромӣ ва барои гурӯҳе аз дарбориёну аҳли дин чун як шахси сеҳру ҷодукунанда ҷилвагар шавад. Вале таҳлили аксари ривоят ва осори марбут ба сурату сират, чеҳраву намод ва рафтору ҳунари Абӯалӣ ибни Сино нишон медиҳад, ки шахсияти ӯ барои ҳам аҳли ҳунар ва ҳам мардуми оддӣ азизу гиромӣ будааст. Осору ривоёте, ки ба ғараз дар бораи ибни Сино эҷоду паҳн гардида буданд, дар қиёс бо нақлу ривоёт, шеъру достонҳо ва румону ҳикояҳои бар воқеияти ҳаёту ҳунари ӯ асосёфта ночиз ба назар мерасанд.

## Фасли 2: ТАҲЛИЛИ СИМОИ ТАЪРИХИИ ИБНИ СИНО

Номи Абӯалӣ ибни Сино дар саҳифаҳои заррини таъриху тамаддун ҳамчун шахсияти таърихӣ сабт гардида, аз замони зиндагии худи ӯ сар карда, дар ҳама давру замон симои ӯ ҳамчун ҳакими бузургу фарзона тасвир гардидааст. Дар ин бора муҳаққиқи мардумӣ Д.Обидов баъди омӯзиши зиндагинома ва фаъолияти илмии ӯ ва муҳтавои нақлу ривоятҳои дар бораи ӯ эҷодгардида ба чунин хулоса омадааст: «Абӯалӣ ибни Сино, ки дар Машриқзамин бо лақаби «Шайхурраис», дар мамолики Араб бо номи «Амирултабъ» ва дар кишварҳои Аврупо бо унвони «Авитсенна» низ ёд шудааст, аз зумраи дурахшонтарин ситораҳои фазои тамаддуни умумиҷаҳонӣ ба шумор меравад. Ӯ на фақат ба ҳайси зубдатарин донишманд, азимтарин файласуф ва мутафаккири забардаст, мумтозтарин ҳакиму табиб, балки ҳамчун тавонотарин равоншинос, риёзидон, беҳтарин омӯзгори мантиқ, назарияпардози беҳамтои ирфон ва тасаввуф, мусиқидони асил, ситорашинос ва ниҳоят шоир ва қаламкаши ҳунарманд шинохта шуда аст» [42, 85].

Ин фарзонаи бузург дар давоми панҷоҳу ҳафт соли ҳаёташ зиндагии бесукуне, ки аксаран басе ноҳамвор, пурвоқеа ва бо зиндонӣ шудану саргардониҳо гузаштааст, дар соҳаҳои гуногуни дониш тавонистааст ба теъдоди 120 ҷилд китоб таълиф намояд. Собит шудааст, ки дар тамоми ин китобҳо андешаҳояш олимона, ҳақиқатҷӯёна, муассир, нирӯманд ва ҷуръатмандона мебошанд. Ӯ дар китоби худ «Ал-қонун-фи-тиб» ба наҳви камол муҳтавои тамоми тибби асрҳои миёнаи Шарқро матраҳ сохта, натиҷаҳои рушди ин илми бостониро ҷамъбаст ва бисёре аз дастовардҳои пизишкии асрҳои баъдиро пешбинӣ ва муайян намудааст. Беҳуда нест, ки эҷодиёти доманадори ин абармард ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш донишмандони маъруфи Шарқро ба ҳайрат оварда буд. Асарҳои илмии ӯ баъдтар тамоми мамлакатҳои Ғарбро низ тасхир карданд ва «Ал қонун-фи-тиб»-и ӯ шашсад сол китоби рӯимизии табибони Осиё ва Аврупо шуда, то охири асри 17 ба сифати китоби асосии дарсӣ дар тиби Урупо ҳукумат меронд.

Ба замми ин ҳама, истеъдоду қобилияти илмии фавқулода ва ақлу заковати ҳайратангез, Абӯалӣ ибни Сино ба маънои пуррааш инсони комиле буд, ки номаш бо раиятпарварӣ ва адолатпешагӣ машҳур шуд. Ҳеҷ гуна такаббурӣ ва худситоиро намедонист, балки табиатан шахси мутавозеъ, хоксор, бо нангу номус, боҳаё, муаддаб ва марди саховатманду ҳимматбаланде буд, ҳарчи бештар мутолиа мекард, ба печидагиҳои масоили илмӣ ва маҳдудиятҳои яъсовари ақли одамӣ зиёдтар пай мебурд. Яқинан, ба эътибори ин гуна хислатҳои ҳамида ва ба шарофати ақлу хиради оламгираш аст, ки ҳамватанону ҳаммилатонаш обрӯю эътибори Шайхурраисро арҷ гузоштаанд, шахсияташро бузург доштаанд ва дар бораи рӯзгор ва фаъолиятҳои чашмгири ҳамаҷонибааш нақлу ривоятҳои рангину хотирнишин гуфтаанд.

Нақлу ривоятҳое, ки дар бораи Ибни Сино баҳс мекунанд, на фақат дар фолклори мардумони кишварҳои ҳамзабон Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон, балки дар байни сокинони мамлакатҳои туркзабон: Туркия, Озорбойҷон, Ӯзбекистон, Тотористон ва Туркманистон низ маълуму машҳуранд. Мумкин аст, ки ин асарҳо дар мамлакатҳои Араб, Ҳиндустон ва Покистон низ густариши зиёде доранд. Роиҷ будани нақлу ривоятҳои мавриди назар дар адабиёти шифоҳии бошандагони кишварҳои Аврупо низ аз эҳтимол дур нахоҳад буд. Далели ин гуфтаҳо бо забонҳои гуногун тарҷума шуда ва дар шабакаи Интернет паҳн гаштани матни ин ривоятҳо низ шуда метавонад.

Хушбахтона, имрӯз дар Ганҷинаи шуъбаи фолклори Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоде аз ин қабил нақлу ривоятҳо нигоҳдорӣ мешаванд, ки онҳоро кормандони илмии шуъба дар давоми солҳои тӯлонӣ аз шаҳру ноҳия ва деҳоти гуногуни Тоҷикистон ва маҳалҳои тоҷикнишини Ҷумҳурии Ӯзбекистон - шаҳрҳои Тошканд, Самарқанду Бухоро ва вилоятҳои Сурхандарёву Қашқадарё, инчунин аз нашриёҳои мухталифи Эрону Афғонистон гирд овардаанд. Ва қобили ёдоварист, ки аксарияти маводи дар Ганҷинаи фолклори тоҷик гирдомада ду-се даҳсолаи охир тавассути чанд

маҷмӯаи хурду калони фолклорӣ, аз қабили «Ҳакими мумтоз» (1980), «Ҳафт аллома» (1994), «Пирони сухан дар қиссаҳои кӯҳан» (бо алифбои форсӣ, Машҳад Эрон,1382 ҳиҷрӣ), «Ҳакими мумтоз дар қиссаҳои дилнавоз» (2005), рӯзномаҳои «Адабиёт ва санъат» ва «Авитсенна» ва ғайра ба табъ расидаанд. Гирдоварӣ ва нашру табъи миқдоре аз ин асарҳо бо саъю кӯшиши устод Садриддин Айнӣ, М.С.Андреев, Воҳид Асрорӣ, Амрияздон Алимардонов, Ҷобулқо Додалишоев ва дигарон низ анҷом дода шудаанд.

Вале аз гуфтаҳои боло набояд чунин хулоса баровард, ки нақлу ривоятҳои оид ба Ибни Сино эҷодшуда дар гузаштаҳо гирдоварӣ ва нашр нашуда буданд. Аз далелҳо пайдост, ки намунаи бисёри ин осор дар давру замонҳои гузашта низ аз ҷониби ашхоси алоҳида, адибон, муаррихон, тазкиранависон, фолклоршиносон ва мухлисони эҷодиёти даҳанакии халқ ҷамъоварӣ шуда, ба воситаи тазкираҳо, маҷмӯаҳои фолклорӣ ва асарҳои илмию бадеӣ чи дар ватани худи Ибни Сино ва чи берун аз ҳудуди он рӯи чоп омадаанд.

Барои исботи ин гуфтаҳо дар ин бора аз хотирот ва мушоҳидаҳои сафари ҳафтсолаи шоир ва мутафаккири барҷастаи форсу тоҷик Носири Хусрав, ки дар асри XI дар асари худ «Сафарнома» (1063) дар бораи Ибни Сино низ маълумот додааст, мисол меоварем: «*Ғурраи зилҳиҷҷаи санаи сабъу саласин ва арбаъмоя ба роҳи Обхӯрӣ ва Чоштхорон ба Симнон омадам ва он ҷо муддате мақом кардам ва талаби аҳли илм кардам. Марде нишон доданд, ки ӯро устод Алии Нисоӣ мегуфтанд. Наздики вай шудам, марде буд сухан ба забони форсӣ ҳамегуфт ба забони аҳли дайлам ва майкушуда ҷамъе пеши вай ҳозир. Дар аснои сухан мегуфт, ки бар устод Абӯалӣ Сино раҳматуллоҳ алайҳи чунин хондам ва аз вай чунин шунидам. Ҳамоно гарази вай он буд, то ман бидонам, ки ӯ шогирди Абӯалӣ Синост*» [2, 27].

Ё ин ки якчанд ҳикояте, ки дар «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (асри XII), ки дар мавзӯъҳои ҳакимӣ ва табибии Ибни Сино сухан меравад. Инчунин ривояте, ки дар он бартарӣ доштани «Қонун»-и Ибни Сино аз «Фусул»-и Буқрот, «Масоил»-и Ҳунайни Исҳоқ, «Муршид»-и Закариёи Розӣ ва *«Шарҳ»-и Нилӣ,* қайд шудааст ба таври мухтасар қайд

менамоем: «*Дар санаи асно ашра ва хамсамия (512 ҳ - 1118-19 м) дар бозори атторони Нишопур бар дӯкони Муҳаммади Мунаҷҷими табиб аз Хоҷа Имом Абӯбакри Даққоқ шунидам, ки ӯ гуфт: «Дар санаи иснатин ва хамсамия (502 ҳ - 1118-19 м) яке аз машоҳири Нишопурро кулинҷ бигирифт ва моро бихонд ва бидидам ва ба муолиҷат машгул шудам ва он чи дар он боб фароз омад, ба ҷой овардам, албатта, шифо рӯй нанамуд ва се рӯз бар он баромад. Намози шом баргаштам ноумед бар он ки ними шаб бемор даргузарад. Дар ин ранҷ бихуфтам, субҳдам бедор гаштам ва шак накардам, ки даргузашта бувад. Ба бом шудам ва рӯй бад-он ҷониб овардам, ҳеҷ овозе нашунидам, ки бар гузаштани ӯ далел будӣ…*

*Яке дари сарой бизад. Нигоҳ кардам каси ӯ буд, башорат, ки бикшой.*

*- Гуфтам: - Чӣ шуд?*

*Гуфт: - Ин соат раҳо ёфт.*

*Донистам, ки аз баракоти фотиҳат-ул-китоб будааст…*

*Пас табиб бояд, ки некуэътиқод бувад… ва аз илми тиб бояд, ки «Фусул»-и Буқрот ва «Масоил»-и Ҳунайни Исҳоқ ва «Муршид»-и Муҳаммад Закариёи Розӣ ва «Шарҳ»-и Нилӣ, ки ин муҷмалотро кардааст, ба даст орад, мутолиат ҳамекунад… Ва агар хоҳад, ки аз ин ҳама мустагнӣ бошад, ба «Қонун», кифоят кунад…*» [2, 29].

Ҳамчунин дар асари мазкур ривояти машҳури «Ҷавони ошиқ» низ ҷой дода шудааст. Дар ин ривоят Сино аз тариқи ба даст гирифтани набзи ҷавони бемор муайян кардааст, ки ӯ ошиқ аст. Усуле, ки Сино дар табобати ин навъи беморӣ истифода намудааст, хеле сода ба назар мерасад, вале чи тавре ки аз сарчашмаҳо пайдост, ин тарзи табобатро аввалин бор Сино кашф ва барои табобати беморон тавсия ва истифода намудааст. Инчунин ривояти дигар, ки бо унвони «Шахси говшуда» машҳур аст, дар ин асар ҷой дода шудааст. Дар ривояти мазкур низ усули хосе ба кор бурда шудааст, ки ба назари кас хеле сода ва осон менамояд, вале чунин усулу тарзи табобатро танҳо шахсе метавонад истифода намояд, ки дорои илму фазл ва ҳунари қавии пизишкӣ бошад.

Чеҳраи таърихии Синои табиб инчунин аз гурӯҳи ривоятҳое пайдост, ки дар онҳо ҳаким ба табобати худдии худ пардохтааст. Ин намуди гуфтаҳо аксаран бар воқеаҳои зинда ва таърихии ҳаёти Сино асос ёфтаанд. Он ки Абӯалӣ Сино табобати шоҳону маликзодагонро анҷом дода буд, куллан воқеъият дошт ва ин амалҳо барои ҷилвагар сохтани симои ҳам таърихӣ ва ҳам ривоятии ӯ хизмати калоне намудаанд. Таҳлили мавқеи онҳо дар фароҳамоварии симо ва намоди Абӯалӣ ибни Сино дар қисмати дигари диссертатсия баррасӣ хоҳад шуд.

Ғараз аз овардани ин ривояту ҳикоятҳо он аст, ки ҳанӯз аз замони ҳаёташ сар карда, ин марди ҳунар ва илм машҳурияти зиёдеро касб кардааст ва ривояту нақлҳои овардашуда заррае муболиға нестанд ва бар воқеъияти таърихӣ асос доранд. Таври дигар, гӯем ривояту нақлҳои мутазаккира симои таърихии ибни Синоро дар назари хонанда ва шунаванда ҷилвагар месозанд. Силсилаи ривоятҳое мавҷуданд, ки маҳз симои таърихии Синоро чун табиби ҳозиқ муаррифӣ мекунанд.

Гурӯҳи дигари ривояту нақлҳо симои таърихии Синои ҳакимро дар назари хонанда ва шунаванда ҷилвагар месозанд ва дар аксари онҳо гуфта мешавад, ки маҷлисҳое, ки Сино дар онҳо ҳузур дошт, сухан бар қонуни ҳикмат мепечид.

Рашиддидуни Ватвот (асри XI) дар асари худ «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ҳикояҳоро дар бораи Ибни Сино ҷой додааст, ки яке аз онҳо чунин аст: «*Абӯалӣ Сино рӯзе дар бозор нишаста буд, рустоие бигузашт, баррабаҳое бар душ гирифта буд.*

*Бӯалӣ пурсид, ки: Барра ба чанд?*

*Гуфт: - Ба диноре.*

*Бӯалӣ гуфт: - Барра инҷо бигузор ва соате дигар боз ой, то баҳо бидиҳам?*

*Рустоӣ ӯро мешинохт гуфт:*

- *Ту ҳакими оламӣ, чаро бояд ин қадар нодонӣ, ки барра дар муқобили тарозу бошад, то барра насанҷӣ, барра ба хона набарӣ.*

*Бӯалиро аз он аҷаб омад ва ӯро изъофи баҳои барра бидод.*» [2, 37].

Ҳатто дар ҳамин ҳикоят ҳам, агарчи ҳарфе дурушт аз даҳони рустоӣ нисбат ба Сино гуфта шуда бошад (“нодон”), аммо он ба маънои “Ҳакими олам” набояд чунин бехабар бошад, омадааст. Яъне эътирофи ҳакими олам будани Сино нишонгари чеҳра ва намоди таърихии ӯст.

Бар ҳакимӣ ва ҳикмати Сино ин гуфтаҳо аз китоби «Асрор-ут-тавҳид»-и Муҳаммад ибни Мунаввар (асри XI) низ гувоҳанд, ки суханон ва гуфторҳои шайх Абӯсаидро роҷеъ ба ҳолот ва истилоҳоти тасаввуф дар бар мегиранд: «*Баъд аз он ки миёни Бӯалӣ Сино ва Шайх Абӯсаид Абулхайр мукотибот ва муросилот буда буд, Абӯалӣ Синоро орзу буд, ки мусоҳибати Шайхро дарёбад ва аз мусофаҳати ӯ баҳраманд гардад.*

*Чун ба Маҳина расид, Шайх дар маҷлис буд. Бӯалӣ мутаннакирвор даромад ва дар кунҷе бинишаст, чунон ки кас вайро нашинохт. Чун Шайх гарм шуд, гуфт: - Магар Абӯалӣ Сино имрӯз дар маҷлиси мо ҳозир аст, ки сухани мо ҳама бар қонуни ҳикмат меравад? Боре чун осмондон ба маҷлиси осмонбин ояд, ҳар оина бар ин тарз бояд гуфт. Чун ин маънӣ бар лафзи Шайх бирафт, Абӯалӣ бар пой хост ва салом гуфт. Шайх бар вай дуо гуфт ва сано.*

*Чун аз маҷлис фориг шуд қурби як ҳафта ҳар ду дар сарои Шайх дар савмиаи Шайх бинишастанд, ки кас ба наздики эшон дарнаёмад...*»

Аз муҳтавои ривояти мазкур ба осонӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳанӯз аз замони зиндагии худи Ибни Сино бузургон ва оммаи мардум ӯро ҳамчун ҳаким мешинохтанд ва ба ҳакимӣ ва бузургии ӯ арҷ мегузоштанд. Аз забони сӯфие чун Абӯсаиди Абулхайр чунин суханҳоро дар ҳаққи ҳар кас шунидан муяссар набуд ва ӯ исми Синоро муродифи ҳикмат қарор дода буд.

Нақлу ривоятҳое дар бораи Сино мавҷуданд, ки ба ҳақталошӣ ва ҳақпазирии ӯ далолат мекунанд. Ин навъи ривоёт шахсеро барои хонанда муаррифӣ мекунанд, ки ӯ, новобаста аз вазъ ва муҳит, макону шароит амал ва сухани ҳақро думболагирӣ мекунад ва мепазирад. Ҳатто вазъҳое рух медиҳанд, ки Синои Ҳаким, бо вуҷуди бузургӣ ва илми қавии худ, ба сухани ҳақ таслим мешавад. Масалан, дар китоби «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи

Муставфӣ (асри XIII) қаринаи ривояте мавҷуд аст, ки дар он сухан аз мулзам шудани Шайхурраси аз ҷавоби як каннос меравад ба ин тарз: «*Шайх-ур-раис, бо вуҷуди он ки устоди уламои ҷаҳон буд, канносе дар сухан ӯро мулзам гардонид. Ва он чунон буд, ки каннос дар ҳолати нақли матои худ мегуфт.Байт:*

*Гиромӣ доштам, эй нафс аз онат,*

*Ки бар дил бигзарад осон ҷаҳонат.*

*Шайх-ур-раис бо кавкабаи вазорат дар гузар буд, бишнид бар сабили истеҳзо гуфт: - Куҷо гиромиш доштӣ, ки мазаллати канносӣ гирифтораш кардӣ?*

- *Гуфт: - Аз он ки ба назди ҳиммати мардӣ нон аз канносӣ хӯрдан беҳтар, аз чун туе ҷустан. Дигар он ки ба вақти раҳил канносеро аз ҳиммати канносӣ мурдан нек осон бувад, аммо дунёдорро аз муҳаббати худшиносӣ ва кавкабаву тантанаи носипосӣ мурдан сахт душвор бошад.*

*Шайхурраис ҷавоби рост ва ҳақ ёфт, сокит шуд.*» [2, 42-43].

Чеҳраи Абӯалӣ ибни Сино дар бисёре аз осори тазкиравӣ ҳамчун фозил, шоир ва олим қайд шудааст. Дар бузургтарин тазкираҳои орифону фозилон ва шоирон ному фаъолияти Сино дар қатори дигар бузургони тамаддуни машриқ зикр шудааст ва ин гувоҳи эҳтироми ояндагон ба ҳунари фозилию шоирии ӯ мебошад. Чунончи, дар асари машҳуре бо номи «Равзат-ул-ҷаннот», ки аз ҷониби Муҳаммадбоқири Хонсорӣ (асри XVIII) таълиф гардидааст, дар миёни 742 нафар орифон ва фозилону шоирони асрҳои пешин номи Ибни Сино ҳам ҷой дода шудааст. Ҳикояте, ки дар ин асар қайд гардидааст, аз забони шогирди Сино Баҳманёр нақл мешавад. Дар ривояти мазкур аз беҳуда зоеъ намудани вақт ва сабаби нороҳатии Сино гаштани ин рафтори шогирдон сухан меравад. Ривояти мазкур дар боби дуюм пурра оварда шуда, мавриди омӯзишу таҳлили дақиқ қарор дода шудааст. Танҳо зикр кардан раво аст, ки ин ривоят ва соири ривоятҳое, ки ба тарбияву таълими шогирдон далолат мекунанд боз як тарафи намод ва чеҳраи Синоро

ошкор месозанд. Дар ин қабил ривоятҳо Сино чун омӯзгор ва таълимгари олӣ намудор мешавад.

Ҳамчунин «Қисас-ул-уламо»-и Муҳаммад ибни Сулаймони Тункобунӣ (вафоташ солҳои 1890-91) аз ҷумлаи маъхазҳоест, ки доир ба 153 уламои мазҳаби шеӣ (асри X-XIX) маълумот медиҳад. Муаллифи он дар қатори дигар олимону шоирон, доир ба Абӯалӣ Сино низ маълумот дода ҳикоятҳои меҳмон шудани дарвеш ба хонаи падари Абӯалӣ, Шайхурраис унвон гирифтани Сино, мусоҳибаи Сино бо Абӯсаид Абулхайр, ҳикояти охунд ва Абӯалӣ Сино ва ғайраҳоро ҳамчун мисол аз фаъолияти ин марди ҳунар дар он ҷой додааст.

Инчунин аз «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (асри XII) «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддини Восифӣ (асри XVI) ва «Афсонаҳои Бӯалӣ»-и Муқтадӣ Субҳӣ (китоби аввал, ибтидои нимаи дуюми асри 19) метавон ном бурд, ки Синоро дар қатори бузургони илму ахлоқ гузоштаанд

Бояд гуфт, ки қисми зиёди нақлу ривоятҳое, ки дар гузаштаҳои дуру наздик дар тазкираҳо, таърихномаҳо, маҷмӯаҳои фолклорӣ, асарҳои илмию бадеӣ ва ғайра ба таври инфиродӣ аз тарафи ашхоси гуногун чоп шудаанд, дар маҷмӯае, ки таҳти унвони «Сурат ва сирати Ибни Сино» ба муносибати ҷашни ҳазораи Абӯалӣ Ибни Сино бо салоҳдиди олимони Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон (соли 1980) ба дасти хонандагон расида буд, шомил гардидаанд. Ин нахустин маҷмӯаи нисбатан мукаммали нақлу ривоятҳои оид ба Ибни Сино мебошад, ки мурратибон ҳангоми таҳияи он аз беҳтарин нусхаҳои нақлу ривоятҳои мавриди назар, ки аксаран манбаи китобӣ доранд, кор гирифтаанд, ки ин амр арзиши маҷмӯаро ба маротиб афзудааст.

Дар баробари гирдоварӣ ва табъу нашри нақлу ривоятҳои дар бораи Ибни Сино гуфташуда дар бобати шинохти вижагиҳои жанрии ин асарҳо баъзе навиштаҳо, ёддоштҳо ва ишораҳои судманде низ рӯи кор омадаанд, ки онҳоро дар роҳи тадқиқу ковишҳои жарфи нақлу ривоятҳои мазкур ба сифати гомҳои нахустин қабул кардан ва арзёбӣ намудан мумкин аст. Дар ин

замина хусусан асари илмии Абдулғанӣ Мирзоев «Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ» (1953) ва мақолаҳои А.Алимардонов ва Ҷ. Додалишоев «Ибни Сино аз назари мардум» ва «Машҳури асрҳо ва маҳбуби наслҳо» нақши бештаре доранд.

Як қисм афсонаю ҳикоятҳои, ки дар «Афсонаҳои Бӯалӣ Сино» ном маҷмӯаи мураттабсохтаи Субҳӣ (асри XX) ҷамъоварӣ карда шудаанд: зеҳни Абӯалӣ Сино, қувваи чашми Абӯалӣ Сино, қувваи ҳофизаи Абӯалӣ, дар роҳ, гурбаи бемор ва ғайраҳо аз ҷумлаи онҳоянд. Мувофиқи маълумоти қисмати аввали ин асар як миқдор ҳикоятҳо аз маъхазҳои давраҳои пеш навишташуда ва таҳрир гардидаанд. Аммо дар қисмати дуюми асар гӯё муаллиф ривоятҳоро шахсан худ аз забони халқ ҷамъоварӣ намуда, қайд намудааст, ки ин ривоятҳо то кунун дар ҳеҷ асаре дарҷ нагардидаанд. Дар ривоятҳои мазкур Ибни Сино ҳамчун соҳир ва муъҷизакор тасвир ёфтааст. Мутобиқи маълумоти А.Алимардонов ин ривоятҳо бо ривоятҳои дар китоби «Ганҷинаи ҳикмат» дарҷгардида, ки аз ҷониби Зиёуддин ибни Саидяҳё дар соли 1873 нашр гардидааст, як умумият доранд. Ӯ мегӯяд мумкин аст, ки ин ривоятҳо зери таъсири ҳамин китоб ба вуҷуд омада бошанд [2, 8]. Аммо чи тавре, ки дар боло зикр намудем дар китоби «Бадоъе-ул-вақое»-и Восифӣ низ дар бораи аз илми сеҳру соҳирӣ бохабар будани Сино сухан рафтааст. Вале дар ин ҳикоят гуфта мешавад, ки Сино бо вуҷуди донистани илми сеҳр соҳир набуд ва аз ин илм барои манфиати хеш дар ҷодаи расидан ба ин бузургӣ истифода накардааст.

Ҳамин тариқ, тасвири симо ва рафтори Сино тавассути ҷамъоварӣ таҳқиқ ва табъу нашри ривоятҳои вобаста ба Абӯалӣ ибни Сино эҷодшуда, аз ҷониби тазкиранависон ва пажӯҳишгарон аз замони зиндагонии худи ӯ, яъне аз асрхои X-XI, шуруъ шуда, дар замони Шӯравӣ низ идома ёфтааст. Дар бораи паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти Ибни Сино олимон, фолклоршиносон ва пажӯҳишгарони тоҷик Садриддин Айнӣ, Абдулағанӣ Мирзоев, Бобоҷон Ғафуров, Амрияздон Алимардонов, Додоҷон Обидов ва инчунин, шарқшиноси варзидаи рус Е.Э.Бертелс ва дигарон тавассути асару мақола ва рисолаҳои илмӣ ба хотири миёни мардум тарғибу талқин намудани бузургии

шахсияти Ибни Сино ва нишон додани садоқати халқ нисбат ба ӯ корҳое анҷом додаанд.

Шарқшиноси маъруфи рус Е.Э.Бертельс аз натиҷаи таҳқиқотҳои илмии худ дар бобати рӯзгор ва осори Ибни Сино ба хулоса омада, Синоро ба оташи зеризаминие шабоҳат медиҳад ва ин шабоҳатдиҳӣ ҳашамати шахсият ва образи Шайхурраисро ба назарҳо ҷилва медиҳад: «*Абӯалӣ ибни Сино дар таърихи адабиёти халқҳои Шарқи мусулмон эпизод нест, ҳодисаи тасодуфи нест, муаллифе нест, ки дар аснои нақл ё чанд саҳифаро ба ӯ набахшида бошад. Абӯалӣ Сино манбаи намоёни оташи зеризаминиест, ки ба силсилаи қуллаҳои оташбор ғизо медиҳад*» [70, 70].

Ин ташбеҳ гувоҳи он аст, ки шахсияти Абӯалӣ ибни Сино на танҳо дар мамлакатҳои Шарқ, балки дар Ғарб низ мақому манзалати баланд дошта, нотакрор будани ин нобиғаро дар ҷаҳон тасдиқ менамояд.

Сардафтари адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ на танҳо дар бораи ҳаёт ва фаъолияти илмию адабии Ибни Сино яке аз аввалинҳо шуда таҳқиқоте навиштааст, балки дар бобати омӯхтан ва муайян намудани хусусиятҳои нақлу ривоятҳои халқӣ, ки бо номи Абӯалӣ ибни Сино вобастаанд, яке аз муҳаққиқони аввалини асри ХХ-и тоҷик ба шумор меравад.

С.Айнӣ дар бораи нақлу ривоятҳои Ибни Сино асари алоҳида ва ё мақолаи махсуси илмӣ нанавиштааст, вале ӯ дар бораи ин ривоятҳо дар китоби худ «Шайхурраис Абӯалӣ Сино» (соли 1941), ки ба таҳқиқи ҷараёни зиндагӣ ва мероси илмию адабии ин марди хирадманд бахшидааст, танҳо баъзе фикру мулоҳизаҳо дорад. Аммо ҳарчанд ки ин фикру мулоҳизаҳо хеле кӯтоҳу мухтасаранд ва ҳамагӣ дар 5-6 ҷумла ифода ёфтаанд, моҳиятан аҳамияти илмӣ доранд.

Устод Айнӣ дар ин китоби худ чанд ишора дорад, ки онҳо дар бобати омӯзиши ривоятҳои оид ба Ибни Сино, тасвири шахсият ва намоди ӯ, дарки ақида ва муносибати нисбат ба ин асарҳо доштаи устод Айнӣ аз аҳамият холӣ намебошанд. Яке аз чунин ишораҳо ба масъалаи омилҳои асосии ба вуҷуд омадани нақлу ривоятҳои оид ба Ибни Сино ва дар байни халқ ба

тavри васеъ густариш ёфтани онҳо иртибот дорад. Устод Айнӣ дар ин бора навиштааст: «Шояд аз ҷиҳати аз одат берун олими бузург буданаш ва ба муносибати пешааш-табобат ба халқ наздик буданаш бошад, дар бораи Абӯалӣ ибни Сино дар миёни омма афсонаҳои бисёре паҳн шудааст» [1, 55].

Чунон ки дида мешавад, С.Айнӣ сабаби ба вуҷуд омадан ва дар байни мардум васеъ паҳн гардидани нақлу ривоятҳои оид ба Ибни Синоро аз донишманди беназир ва ҳамчун табиб ба дили халқ роҳ ёфтани худи ӯ медонад, ки ба ҳақиқат наздик будани ин ақидаро нақлу ривоятҳои сершуморе, ки дар тӯли солҳои зиёд аз замони зиндагии худи ӯ сар карда то ба имрӯз ҷамъоварӣ шуда, қисман дастраси хонандагон гардидаанд, комилан ба тасдиқ мерасонанд.

Гуфтан мумкин аст, ки дар замони Шӯравӣ низ нест олиме, ки дар бораи зиндагӣ, рӯзгор ва осори Ибни Сино асаре ва ё мақолае нанавишта бошад. Дар ин қатор олимони тоҷик ҳам шомиланд, ки яке аз онҳо академик Бобоҷон Ғафуров мебошад.

Бобоҷон Ғафуров низ баъди омӯхтани осору рӯзгори Сино ӯро бузургтарин олими тиб, беҳтарин файласуф ва нобиғаи нотакрор номида чунин мегӯяд: «*Ибни Сино бузургтарин олими тиб, беҳтарин файласуф, ҳайвоноташиноси дараҷаи аввал, беҳтарин донишманди соҳаи биология, шоир, устоди наср, илова бар ин бузургтарин донишманди санъати мусиқӣ ҳисоб мешуд. Ҳеҷ як соҳаи дониши он замон мавҷуд набуд, ки энсиклопедисти асрҳои X-XI тоҷик онро наомӯхта бошад*» [70,70].

Инчунин дар ин қатор маҷмӯае, ки таҳти унвони «Сурат ва сирати Ибни Сино» ба муносибати ҷашни 1000-солагии таваллуди Абӯали ибни Сино аз ҷониби олимони Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон (соли 1980) ба дасти хонандагон расида буд, шомил мегардад. Ин нахустин маҷмӯаи нисбатан мукаммали нақлу ривоятҳои оид ба Ибни Сино буд, ки мурратибон ҳангоми таҳияи он аз беҳтарин нусхаҳои нақлу ривоятҳои мавриди назар, ки аксаран манбаи китобӣ доранд, истифода намудаанд.

Ҳамзамон олими дигари мо А.Алимардонов дар мақолаи худ, ки «Машҳури асрҳо ва маҳбуби наслҳо» унвон дорад, рӯзгору осори Синоро

хеле дақиқ таҳлил намуда, чунин менависад: «Замони давлатдории Сомониён (873-999) дар таърихи то инқилобии халқи тоҷик дурахшонтарин ва мусоидтарин давраи равнақи забон, адабиёт, маданият ва соҳаҳои гуногуни илму дониш ҳисоб меёбад. Дар ин давра як гурӯҳ адибон ва донишмандони соҳибистеъдод зуҳур кардаанд, ки ба воситаи осори адабӣ ва илмии гаронбаҳояшон дар роҳи инкишофи соҳаҳои мухталифи илму адаб ва тавсеаи тафаккури илмӣ ва адабӣ хизмати бузургро анҷом дода, ба ганҷинаи фарҳанги башарӣ дурдонаҳои тоза зам намудаанд. Аз миёни ин нобиғагони илму адаб бузургтарин ва машҳуртаринашон Шайх-ур-раис Абӯалӣ ибни Сино мебошад, ки ҳазор сол пеш аз ин дар осмони илму ҳикмати халқи соҳибифтихори мо чун офтоби дурахшон тулӯъ карда, бо мурури замон шуҳрати оламгир пайдо намуд ва дар давоми асрҳо ба нури маърифати худ илму дониши халқҳои гуногуни Шарқу Ғарбро мунаввар сохт» [2, 3].

Ҳамчунин фолкоршиноси тоҷик Додоҷон Обидов як қисми нақлу ривоёти дар Ганҷинаи фолклори тоҷик тайи ду-се даҳсолаи охир гирдомадаро тавассути чанд маҷмӯаи хурду калони фолклорӣ, аз қабили «Ҳакими мумтоз» (1980), Инчунин китоби «Ҳафт аллома» (1994), «Пирони сухан дар қиссаҳои кӯҳан» (2009) чоп намудааст.

Яке аз маҷмӯаҳои тартибдодаи устод Д.Обидов «Ҳафт пири сухансаро дар нақлу ривоятҳо (дар мисоли нақлу ривоятҳои тоҷикӣ)» (2010) ном дорад, ки дар он муҳаққиқ дар қатори ривоятҳои халқие, ки нисбат ба шоиру нависандагони классики форсу тоҷик аз қабили Абӯабдулоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ гирдоварӣ ва таҳқиқ шудаанд, ривоятҳои оид ба Абӯалӣ Синоро низ ҷой додааст. Устод дар ин китоб ба таври мухтасар дараҷаи омӯхта шудани ривоятҳо ва мундариҷаи ғоявии ин ривоятҳоро таҳлил намудааст. Инчунин Д.Обидов илова ба нашри маҷмӯаву китобҳо, боз тавассути мақолаҳои илмӣ дар баъзе рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ намунаҳои ривоятҳоро дар бораи Абӯалӣ Ибни Сино ба табъ расонидааст.

Ҳамин тариқ аз маълумоти сарчашмаҳои муътабар муайян мешавад, ки фаъолият ва зиндагиномаи Ибни Сино ҳанӯз аз замони зиндагии худи ӯ оғоз

гардида, тӯли асрҳо, инчунин дар замони шӯравӣ то ба имрӯз аз ҷониби олимони адабиётшинос ва шарқшиносони чӣ ватаниву чӣ хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳамин омӯзишу таҳқиқотҳо ва маълумоти сарчашмаҳо сабаб гардидааст, ки дар саҳифаҳои таърих Абӯалӣ ибни Сино ҳамчун шахсияти таърихӣ шинохта шавад.

Аз шарҳи ҳол ва сарчашмаҳои истифода намудаи мо ба хулосае омадан мумкин аст, ки воқеан Сино аз рӯи шахсият олиму донишманди фозил будааст. Зеро таърих на ҳама шахсони тасодуфиро дар саҳфаи заррини худ сабт менамояд. Ба андешаи мо, маҳз орифиву оқилӣ ва симои аслии худи Сино ӯро то ба ин дараҷа шуҳратманд намудаву то кунун тадқиқотҳо дар бораи ӯ идома доранд.

Ривоятҳое, ки аз тарафи уламои дигар ва таърихшиносон дар осори илмию таърихӣ сабт шудаанд, маҳз симои таърихии Синро нишон медиҳанд. Аз ин рӯ мо дар ин қисмати таҳлил такя бар чунин нақлҳо ва ривоятҳо намудем.

## Фасли 3: ШУҲРАТИ ИБНИ СИНО ВА НАҚШИ РИВОЯТҲО ДАР МУАЙЯН НАМУДАНИ ШАХСИЯТ ВА СИМО (ОБРАЗ)-И Ӯ

Теъдоди зиёди нақлу ривоятҳое мавҷуданд, ки дар бораи паҳлӯҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти Абӯалӣ ибни Сино эҷод ва мунташир гардидаанд. Маводи гирдоварда собит менамояд, ки нақлу ривоятҳои оид ба Ибни Сино аз нигоҳи мавзӯъ ва мундариҷа гуногунанд ва муҳимтарин ҷиҳатҳои марбут ба рӯзгор, шахсият ва фаъолияти Ибни Синоро фаро гирифтаанд: Яъне мардум дар аксарияти нақлу ривоятҳои халқӣ Ибни Синоро, чи хеле ки дар ҳаёт будааст, ҳамон тавр тасвир кардаанд.

Аз ин рӯ, Абӯалӣ ибни Сино дар миёни мардум бештар ҳамчун табиби маъруфу ғамхор шуҳрат ёфта, қисми зиёди ривояту ҳикоятҳои халқии нисбат ба ӯ дарҷ гардидаро ривояту ҳикоятҳои ба ин соҳаи фаъолияти вай бахшидашуда ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, мувофиқи сарчашмаҳо доир ба паҳлӯҳои гуногуни фаъолият ва эҷодиёти ин абармард аз ҷониби олимону муҳаққиқони фолклоршинос нақлу ривоятҳои ҷолибе ҷамъоварӣ гардидаанд.

Силсилае аз ин нақлу ривоятҳо, ки намунаи онҳо дар тӯли солҳои гуногун тавассути маҷмӯаю тазкираҳо ва асарҳои илмию бадеӣ манзури хонандагон гардидаанд, манбаи китобӣ доранд. Вале бо сабаби дар давоми асрҳо тавассути аз насл ба насле ба таври шифоҳӣ интиқол ёфтанашон ба дигаргуниҳо дучор омадаву таҳрир шуда вариантҳо пайдо кардаанд.

Нақлу ривоятҳое низ ҳастанд, ки онҳо сирф мансуби адабиёти шифоҳии тоҷикони Осиёи Миёнаанд ва намунаҳои ин навъ асарҳоро хусусан дар бораи Абӯалӣ ибни Сино дар бисёр шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон ва маҳалҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон метавон ба даст овард. Нақлу ривоятҳое низ ҳастанд, ки танҳо дар байни аҳолии як вилоят, як шаҳр ва ё як ноҳия интишор ёфтаанд. Ҳудуди густариши нақлу ривоятҳои мавриди назар басе васеъ ва доманадоранд. Тибқи маълумоти баъзе манбаъҳо ин гуна нақлу ривоятҳо ҳатто дар давлатҳои Туркия, Арабистон, Ҳиндустон, Покистон ва кишварҳои Урупо доман паҳн кардаанд.

Саволе ба миён меояд, ки нақлу ривоятҳои оид ба ин ё он адиб дар кадом кишварҳо бештар густариш ёфтаанд? Эзоҳи ин масъала ҳанӯз аз имкон берун аст, фақат ҳамин қадар метавон гуфт, ки нақлу ривоятҳои марбути шахсият ва фаъолияти эҷодии ин ё он шахсон эҳтимол дар мамлакате бештар густариш пайдо карда бошад, ки он шахс дар он мамалкат зиндагӣ ва кору фаъолият карда бошад. Нақлу ривоятҳое, ки дар ин хусус эҷод шудаанд, дар боби дувуми диссертатсия пурра мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Вале ҳоло ҳамин масъала равшан аст, ки ба ин қабил нақлу ривоятҳо дар ҷойе ва дар ҳар маконе мардум ҳамеша алоқа ва таваҷҷуҳи зиёде доранд ва намунаҳои онҳоро дар маҳфилу ҷамъомадҳо, шабнишиниҳо, маъракаҳо, меҳмониҳо ва суҳбату нишастҳои хоса мегӯянд, мешунаванд ва ҳифз менамоянд. Гуфтан ва шунидани ин асарҳо ғолибан дар маҷлису конфронсҳои илмии бахши адабиётшиносӣ ва ҳангоми тадриси ҳаёт ва эҷодиёти ин адибон дар донишкадаҳо ва макотиби таҳсилоти мутавассита аз ҷониби олимон, устодон ва муаллимон низ ба вуқӯъ меоянд.

Нақлу ривоят ва ҳикояҳое, ки дар бораи ибни Сино то кунун ба даст даромадаанд, аз он ҷиҳат ҷолибанд, ки дар онҳо зиндагинома, хислат, рафтору кирдор ва фаъолияти илмию адабии Ибни Сино воқеъбинона ва ба таври дилчаспу хотирмон ба тасвир омадаанд. Дар ин асарҳо халқ аз рӯи דониш, фаҳмиш ва пиндошти худ кӯшидааст намояндаи илму адаби миллати худро мувофиқи тасаввури худ нишон диҳад.

Аз мутолиаи нақлу ривоятҳои мавриди баҳс маълум мегардад, ки дар онҳо масъалаҳои муҳимтарини ахлоқ ва тарбия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар ин ривоятҳо хусусан ғояҳои некию накӯкорӣ, инсонпарварӣ, ҳимматбаландӣ ва тарғиби омӯзиши илму дониш ва амсоли инҳо аз бузургтарин ва заруритарин маҳаки ахлоқӣ дониста мешаванд. Ин ривоятҳо собит менамоянд, ки соҳиб будан ба хислатҳои неки инсонӣ аз азимтарин ва мумтозтарин саодати зиндагӣ ва муҳимтарин омилҳои ифтихори ҳар як фард аст, ки ин гуна масъалаҳо ва ғояҳо бо масъалаҳои ғояҳои асарҳои доир ба ахлоқ ва одоб навиштаи ин адиб ва донишманд созгору мутобиқанд.

Бино ба муҳтавои ривоятҳо Ибни Сино шахсе будааст, ки доимо ғами аз дарду ранҷ халос намудани мардумро меҳӯрад ва таъмини саломатии одамон барои ӯ аз бузургтарин қарзҳои инсонӣ ба ҳисоб мерафтааст. Сино ҳамеша кӯшиш ба харҷ додааст, ки тавассути илму дониши хеш ба мардуми бечора ва дармондагон кӯмак намояд. Ҳамчунин, ба ин васила баҳри сайқал додани донишу малака ва ба комёбиҳои назаррас ноил шудан низ кӯшиши зиёд намудааст.

Вай ҳамчун донишманди беназири илми тиб ва ҳакими ғамхору меҳрубон асрори табобатии чандин гиёҳро кашф намуда, онҳоро барои рафъи бемориҳо тавсия кардааст. Хосияти бешумори заҳри мор ва ҳазорсипандро низ бори аввал Ибни Сино ошкор сохтааст. Ба ақидаи халқ, асрори шифобахшии чойи кӯҳӣ, ҳулбӯй, пудинаро низ нахустин бор Сино муайян кардааст. Дар ривоятҳо инчунин қайд карда мешавад, ки аввалин касе, ки шулукро барои аз бадан дур сохтани хуни мурдор ва асалро барои табобати маразни гӯш тавсия намудааст, Ибни Сино мебошад.

Як нуктаро ёдовар шудан ба маврид аст, ки Абӯбакри Розӣ (865-925) низ илми тибро аз ҳама охир омӯхт ва ғайри душвор мепиндошт. Ин ҷо дар бораи илми тиб душвор нест гуфтани Ибни Сино ҳаминро бояд ба назар гирифт, ки аввалан баъди ба дараҷаи олӣ омӯхтани тамоми донишҳои замона, хусусан илмҳои табиӣ ва риёзӣ, албатта тиб ғайри душвор ба даст меояд. Сониян, албатта дар шахси Абӯалӣ Сино истеъдоди фавқуллода вуҷуд дошт.

Дар осори табиӣ-илмии Ибни Сино, ки бештар хусусияти фалсафӣ доранд, баъзе назарияҳои олимони Юнони қадим тасҳеҳ ва баъзеашон рад шудаанд. Масалан, ӯ бар хилофи Феофраст, ки аз ҷонибдорони назарияи худ ба худ пайдо шудани растаниҳо буд, назарияи танҳо аз тухм пайдо шудани онҳоро пешниҳод месозад ва вобастагии байни муҳиту растаниҳоро возеҳ тасвир менамояд. Ҳамаи ин далели он аст, ки Ибни Сино пайрави одии пешиниёнаш нест, балки олими эҷодкор ва ихтирокор мебошад ва назариёти ӯ аҳамияти илмии худро то ба ҳол аз даст надодааст.

Ҳамзамон Абӯалӣ ибни Сино дар мамлакатҳои Шарқу Ғарб чун пизишк (табиб)-и ҳозиқ, чун «амири пизишкон» шинохта шудааст зеро дар такомули илми тиб, санъати табобат, тарбияи пизишкони ҳозиқ, ривоҷу равнақи бахшҳои гуногуни тибби назариявӣ ва амалӣ саҳми беҳамто гузоштааст. Хизмати Синоро барои илми тиб ба тариқи хулоса ин тавр ҷамъбаст кардаанд:

1. Ӯ тибро пурра аз афсунгариву ҷодугарӣ ва девпарастӣ озод намуд.
2. Вай тибро ба чорчӯбаи илм, яъне ба шакли илми таҳлилӣ ва тасдиқшаванда дохил кард.
3. Ӯ тибро аз парешониҳову зиддиятҳои байни мактабҳои гуногун ё системаҳои гуногуни тиббӣ озод намуд.

Дар асоси ҷамъбасти таҷрибаи амалӣ ва назариявии тибби авестоиву сосонӣ, таҷрибаи юнониву румӣ, арабӣ ва дигар халқҳо системаи нави тиббиро таъсис дод, ки он пурра дорои шакли байналмилалӣ мебошад.

Ҳамин тавр, корҳое, ки дар соҳаи гирдоварӣ, нашру табъ ва тадқиқи нақлу ривоятҳои дар бораи Ибни Сино эҷодшуда сурат гирифтаанд, як масъаларо равшан менамоянд: он нақлу ривоятҳои халқиро, ки бо номи Ибни Сино алоқамананд, то ҳадди имкон ҳар синф ва ҳар гурӯҳи иҷтимоӣ ба манфиати худ истифода бурдааст, ки ин, албатта, ҳодисаи аввалин дар таърих нест. Ҷой доштани чунин ҳодисаро на фақат дар мисоли ривоятҳо, балки дар мисоли жанрҳои дигари фолклорӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳанӯз нақлу ривоят ва ҳикояҳои оид ба ин абадмард эҷодшуда ба таври кофӣ гирдоварӣ нашудаанд. Яқинан дар бораи ӯ дар байни мардум нақлу ривоят ва қиссаву афсонаҳо ҳанӯз хеле зиёданд, ки ҷамъоварӣ, танзим, нашру табъ ва таҳқиқу баррасии жарфи онҳо аз вазифаҳои пурифтихори пажӯҳишгарони риштаи адабиёт ва фолклор хоҳад буд.

Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии нақлу ривоятҳои мардумӣ дар бораи ин нобиғаи ҷаҳонӣ ва таҳқиқи амиқу ҳамаҷонибаи фикру ақидҳои олимону донишмандони ҳар давру замон ба чанде аз саволҳои мубрами робитаи фарҳангӣ ва адабии мардумони кишварҳои форсизабон ва дорои тамаддуни

муштарак, ки то ба имрӯз баҳсталаб мондаанд, посуххои судманде хоҳад дод. Инчунин равобит ва таъсири мутақобилаи адабиёти китобӣ ва шифоҳиро равшан месозад ва манбаи муфиду арзишманде барои тавзеҳ ва равшан сохтани бисёре аз ҷанбаҳои муҳими осори фолклорӣ ва адабиёти китобӣ маҳсуб мегардад.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки як гурӯҳ донишмандон, олимон ва шарқшиносони Шарқу Ғарб дар ситоиши Абӯалӣ ибни Сино ақидаҳои ҷолиб ва пурмуҳтаво гуфтаанд. Абуҳомиди Козарунӣ, ки дар (асри XII) зиндагӣ кардааст, ақидаи худро нисбат ба Ибни Сино чунин иброз медорад: «*Абӯалӣ Сино устоди ҳукамои ислом аст. Толибони ҳикмати назария ва табибон баъди Арасту ва Афлотун аз таснифот ва осори ӯ истифода карда, манфиат бурдаанд ва аз ин ҷиҳат ӯро муллақаб ба Шайхурраис намудаанд*» [2, 86].

Ё ин, ки ҷои дигар Абӯубайди Ҷузҷонӣ, шогирди садоқатманди Ибни Сино иброз доштааст: «*Мегӯянд, ки вай дар кӯдакӣ аз зеботарин мардуми рӯзгор буд ва гузарҳо дар камин мебуданд, ҳангоме ки аз хона ба масҷиди ҷомеъ мерафт, бар зебоии ҷамолаш бингаранд*» [89, 6].

Бояд тазаккур дод, ки ин ақидаҳо ба паҳлуҳои гуногуни кору фаъолият ва ҳаёту зиндагии Ибни Сино тааллуқ гирифта, эътиқоду садоқати ҷомеаи ҷаҳониро нисбати ин нобиғаи нотакрор таҷассум менамоянд.

Таҳлили ин гуфтаҳо собит месозад, яке Ибни Синоро манбаи ниҳонии оташи зеризаминӣ, ки як силсила қуллаҳои оташфишонро ғизо медиҳад, дигаре таъсири дар ҷараёни афкори шарқиён расонидаи мероси илмии ибни Синоро то дараҷае бузург меҳисобад, ки барои исботи он далел овардан ҳам ҳоҷат намедонад ва сеюмӣ Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Синоро яке аз он шахсони бузург медонад, ки асарҳояш ифтихори на танҳо як миллат ва мардумони мазҳаби ҷудогона, балки тамоми инсоният аст.

Бояд қайд намоям, ки аз муҳтавои ҳамаи ин фикру ақида ва ситоишҳо ба хулосаи омадан мумкин аст, ки ҳамаи он ривоятҳое, ки оид ба кору фаъолият ва ҳаёту зиндагии Ибни Сино ба вуҷуд омадаанд, манбаи китобӣ доранд ва дар асоси фикру ақидаи олимону донишмандон ва аксаран дар заминаи таҷрибаю кашфиётҳои амиқи доманадори илмии худи Ибни Сино

арзи ҳастӣ намудаанд. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки ин ақидаҳо низ барои пайдоиши образи ривоятӣ ва бадеии Ибни Сино заминаи хубе гузоштаанд.

Дар китоби Муҳаммад бинни Сулаймон «Қисас-ул-уламо» ҳикояте ҳаст, ки аз рӯи бурҷи ситораҳо ва дар кадом вақту соат дар батни модар пайдо шудани Ибни Сино сухан рафтааст: «*Гӯянд дарвеше бар падари Абӯалӣ меҳмон шуд. Пас аз сарфи гизо дарвеш ба падари шайх гуфт:*

*- Ман мехобам ва ту бедор бош. Имшаб ситорае дар фалон мавзеи осмон тулуъ мекунад, фавран маро бедор кун, ки маро шугле аст, ки бояд анҷом диҳам. Пас дарвеш дар хоб шуд. Ва падари Абӯалӣ Сино ҳамчунон бедор нишаст ва чун дид ситораи мавъуд дар фалон маҳал тулуъ кард, қувваи шаҳвияи ӯ ба хаяҷон омад. Ночор ба утоқи завҷаи худ рафт ва бо ӯ мувоқеа намуд, сипас гусл кард ва ба суроги дарвеш омад ва ӯро бедор кард.*

*Дарвеш чун ба осмон нигарист, дид ситора аз маҳалли мавуд таҷовуз кардааст.*

*Ба падари Абӯалӣ эътироз кард, ки маро дер бедор кардӣ ва вақт гузаштааст!*

*Падари Шайх кайфияти воқеаро бо дарвеш дар миён ниҳод.*

*Дарвеш гуфт: - Муборак бод, бар ту, ки барои ту валаде пайдо хоҳад шуд, ки аъҷубаи замон ва ваҳиди даврон бошад. Пас Шайх ба вуҷуд омад.*» [2, 86].

Аз мазмуни ривояти мазкур алоқаи мустақими онро бо ривоятҳои дигар, аз ҷумла хостани шогирдон аз Сино то даъвии нубуват кунад ва ё ин ки дар ривояте Ибни Сино ҳамнишини паёмбар тасвир шудааст, пай бурдан метавон. Яъне, Сино барои шогирдон ва ҳаводоронаш чунон азиз буд, ки аз ба дунё омадан то вақти аз дунё рафтанаш ба ӯ воқеаю ҳодисаҳои ба пайғамбарон иттифоқ афтодаро раво медиданд.

Вай ҳамчун донишманди беназири илми тиб ва ҳакими ғамхору меҳрубон асрори табобатии чандин гиёҳро кашф намуда, онҳоро барои рафъи бемориҳо тавсия кардааст. Дар ин замина, дар баробари ривоёти

заминаи воқеӣ дошта, ҳатто нақлҳои соддалавҳона низ паҳн гардида буданд, ки ҳамоно ишора ба қобилияти кашшофӣ ва ҳунари табибии Сино мекарданд. Муҳим ин буд, ки дар чунин ривоятҳо образ ва амали ибни Сино содда ва тибқи тасаввур ва ҳатто тарзи баёни омиёна тасвир мешуд. Чунончи, дар ин ривоят:

*«Рӯзе ибни Сино шогирдонашро ба назди худ хоста, бо дасташ ба тарафи як қогазпора ишора кардан гирифтааст. Шогирдон қогазпораро гирифта дидаанд, ки дар рӯи он ин тавр навишта шудааст. Дар осмон занбӯру дар замин шулук. Инро хонда шогирдон фаҳмиданд, ки шулук ба хуни мурдору асал ба марази гӯш даво будааст.»* [42, 103].

Чуноне ки қайд шуд, аз маълумоти сарчашмаҳо бармеояд, ки Ибни Синоро бештар фаъолияти табибии ӯ машҳури ҷаҳон гардонидааст. Дар воқеъ Абӯалӣ ибни Сино аз зумраи он мардони бузурги таърихиест, ки ба шарофати қобилияти баланди илмиаш дар қатори намоёнтарин арбобони маданияти пешқадами ҷаҳон меистад. Эҷодиёти доманадори ин мутафаккири забардаст ҳанӯз дар овони барҳаёт буданаш донишмандони маъруфи Шаркро дар ҳайрат оварда буд. Асарҳои илмии Ибни Сино баъдтар тамоми мамлакатҳои Ғарбро тасхир кард ва то асри XYIII «Ал-қонун-фи-тибб»-и ӯ китоби асосии соҳаи тиб ба шумор мерафт.

Ҳамчунин, халқ дар пиндори худ симои ҳакимону бузургонро бо якдигар омезиш медиҳад ва ин боис гардидааст, ки дар баъзе нақлу ривоятҳо номи қаҳрамон иваз мешавад. Миёни нақлу ривоятҳои ба Ибни Сино нисбатдошта низ ривоятҳое ҳастанд, ки муҳтаво як асту лекин қаҳрамонро гоҳ Ибни Сино ва гоҳе Луқмони Ҳаким ном мебаранд.

Инчунин, вобаста ба ин мавзӯъ дар байни халқ чунин як ақидаву боварӣ ҳаст, ки гӯё Луқмони Ҳаким номи Абӯалӣ ибни Сино аст ва ин тахаллус ба мартабаи олӣ ва шуҳрати ниҳоят баланд расидани ӯро дар илми тиббу фалсафа нишон медиҳад. Аммо чунин ақида ба ҳақиқати таърихӣ мувофиқ намеояд, зеро номи Абӯалӣ ибни Сино дар илм худ як баҳри бекарон аст. Аз Луқмони Ҳаким ғайр аз панд ва зарбулмасалҳои мансуб ба он дигар ягон осоре вуҷуд надорад, ки мо онро аз ҷиҳати ҳаҷму мазмун бо

осори Ибни Сино ва дигар олимон муқоиса намоему Луқмонро ба воситаи асарҳояш шиносем ва баҳо диҳем. Пажӯҳишгар ва гиёҳшиноси тоҷик Ю.Нуралиев дар хусуси киёси ин ду шахсияти таърихӣ чунин андешаеро баён намудааст: «Луқмони Ҳаким ё рамз бошад ё симои таърихӣ мо набояд ӯро ҳеҷ гоҳ бо Ибни Сино ва дигар сардафтарони тибби форсу тоҷик омехта намоем. Зеро ҳар яки онҳо дар таърихи илму адаб мақоми махсуси худро доранд.» [40, 5].

Нависандаи маъруфи асри XVI тоҷик Зайниддин Маҳмуди Восифӣ саҳми Абӯалӣ ибни Синоро дар соҳаи ҳикмат ва фалсафа баҳо дода чунин менависад:

*Чунон дар илми ҳикмат гашт комил,*
*К-аз ӯ ҷусти Арасту ҳалли мушкил.*
*Гар Афлотуну Луқмон зинда гаштӣ,*
*Зи рӯи ҳикмат ӯро банда гаштӣ.*
*Мусоҳиб гар ба ӯ будӣ Сикандар,*
*Кунун мебуд чун Хизри паямбар* [15, 1517].

Чи тавре ки аз маънии мисраҳо маълум мегардад, Восифӣ Луқмонро дар қатори Арасту (Аристотель) ва Афлотун (Платон) хилофи ақидаи Ю.Нуралиев Луқмони Ҳакимро на рамз ё симо, балки ҳамчун шахси таърихӣ нишон дода, саҳми Ибни Синоро бошад, дар инкишофи илми ҳикмат ва фалсафа аз ҳар сеи онҳо баландтар мешуморад.

Абӯалӣ ибни Сино бо ин ҳама истеъдоду қобилияти фавқулода, ақлу заковати ҳайратангез дорои хислатҳои ҳамидаи инсонӣ буда, бо шарофати ақлу дониш ва хиради оламгираш дар миёни ҳамватанону ҳаммиллатонаш обрӯю эътибори зиёд дошт. Аз ин рӯ, дӯстону ҳаводорони ӯ шахсияташро бузург дошта, дар бораи рӯзгор ва фаъолиятҳои илмию адабиаш нақлу ривоятҳои рангину хотирмон гуфтаанд.

Чуноне ки қайд намудем, тасвири шахсият ва симои Абӯалӣ ибни Сино фарогири паҳлуҳои гуногуни фаъолияти ӯ мебошад. Ин абармард бо вуҷуди номусоидии замон, ноҳамворию гирифториҳои зиндагӣ (гурезагӣ, таъқиботи

мухолифон, маҳбусӣ, хизмати дарбор) ва кӯтоҳии умр боноймардии зеҳни тоза, ақли расо, қувваи ҳофизаю идроки фавқулҳад, истеъдоди бузург ва ҷидду ҷаҳди пайвастаи худ тамоми комёбиҳои илмии то асри X ба даст овардашударо ба таври муфассал ва дақиқ омӯхта, доир ба соҳаҳои илму дониш дар ҳудуди 450 асари хурду калон таълиф менамояд. Ӯ ҳамчун донишманди дақиқназар дар осори илмии худ аз як тараф, муваффақиятҳои дар соҳаҳои гуногуни илму дониш дарёфтнамудаи мутафаккирони давраҳои гузаштаро ба таври равшан ва саҳеҳ ҷамъбаст карда, аз тарафи дигар, нуктаҳои асосию муҳимми ба миён гузоштаи онҳоро эҷодкорона инкишоф медиҳад ва дар айни замон доир ба мантиқ, риёзиёт, ҳайат, мусиқӣ, тиб, санъат, назмшиносӣ, луғат ва дигар илмҳо афкори назариявӣ ва амалии зиёди бикру тоза баён менамояд. Аз ин ҷост, ки осори илмии ин фарзанди номовари халқи тоҷик зуд мавриди таваҷҷуҳ ва омӯзиши аҳли илму дониши мамлакатҳои Шарқи Наздику Миёна ва Ғарб қарор гирифта, дар тӯли қарнҳо омӯзандагони фалсафа ва дигар қисматҳои илмҳои ҳикматро саргарм сохт. Ақидаву назариёти ӯ баъди Арасту аз ҷониби аксари мутафаккирон дурусттарин ва саҳеҳтарин назарияҳои илмӣ ва фалсафӣ эътироф карда шуданд. Худи Абӯалӣ ибни Сино бошад, аз ҷониби донишмандони бузурги давраҳои гуногуни Шарқу Ғарб дар радифи машҳуртарин бузургони илму ҳикмати Юнон, Рим ва Искандарияи қадим гузошта шуда, дар фалсафа ва тиб Арасту ва Ҷолинуси сонӣ шуморида мешавад.

Бояд хотирнишон сохт, ки дар таърихи ҳазорсолаи баъди вафоти Абӯалӣ ибни Сино аз мамлакатҳои гуногуни Шарқ дар давраҳои мухталиф як силсила донишмандони бузург ва соҳибистеъдод зуҳур карда, бо осорашон дар инкишофи тафаккури илмии ин ё он давр ё халқ саҳми намоён гузоштаанд. Аммо доираи таъсир ва шуҳрати ҳеҷ яке аз онҳо аз ҳудуди як давр ва ё худ як ё ду мамлакат берун намебарояд. Шуҳрату нуфузи Шайхурраис бошад, дар тамоми давраҳо бо вуҷуди интиқоду эродҳои як гурӯҳ уламои таасубпеша идома ёфта, тамоми Машриқзаминро фаро мегирад. Эътирофи бузургии таълимот ва нуфузи афкори Абӯалӣ ибни Сино дар асрҳои миёна то дараҷае пурқувват мебошад, ки донишмандон ва

муаллифони асарҳои илмӣ афкори илмӣ ва фалсафаи мардуми Ховарзаминро ба ду қисм: «афкори қудамо» ва «афкори мутааххирин» ё худ «то Абӯалӣ ибни Сино» ва «баъд аз Абӯалӣ ибни Сино» ҷудо карда, таълимоти Ибни Синоро ба сифати марказ қарор додаанд, ки он ҳамчун ҳалқа ин ду қисматро ба ҳамдигар мепайвандад. Сабаби асосии ба чунин мақоми баланд сазовор гардидани Абӯалӣ ибни Сино дар он аст, ки ӯ аз як тараф, дар осори худ афкору ақидаҳои ҳакимону файласуфони машҳури қадим, махсусан Юнонро бо маҳорат ҷамъбаст намуда, ҳамчун давомдиҳандаи анъанаи онҳо ба шумор меравад ва аз тарафи дигар, ҳамчун донишманди нуктасанҷ ва ихтирокор афкору назариёти ҳакимони қадимро тавсиа ва такмил дода, ба онҳо афкори назариявӣ ва хулосаҳои муҳими илмии тозаро илова менамояд ва ба ҳамин восита дар илми ҳикмат давраи навро оғоз менамояд. Дар осори донишмандони асримиёнагӣ, бо унвонҳои «афзат-ул-мутааххирин» ва «ало-ул-халқ» ёдоварӣ намудани Абӯалӣ ибни Сино ба эътироф кардани саҳми бузурги ӯ дар такмили афкори файласуфони қадим ва асосгузори давраи нав дар илми ҳикмат шумориданӣ вай гувоҳӣ медиҳад. Аз ҷумла, донишманди маъруфи асри XII форсу тоҷик Низомии Арӯзии Самарқандӣ ба ҳамин маънӣ ишора намуда менависад:

«Чаҳор ҳазор сол бувад то ҳукамои авоил ҷонҳо гудохтанд ва равонҳо барбохтанд то илми ҳикматро ба ҷое фуруд оранд, натавонистанд. То баъд аз ин муддат ҳакими мутлақ ва файласуфи аъзам Аристотолис ин нақдро ба қистоси мантиқ бисахт ва ба маҳаки ҳудуд нақд кард ва ба миқёли қиёс паймуд, то шакку райб бархост ва мунаққаҳу мунаққақ гашт. Ва баъд аз ӯ дар ин ҳазору понсад сол ҳеҷ файласуф ба кунҳи сухани ӯ нарасид ва бар ҷодаи сиёқати ӯ нагузашт, илло афза-ул-мутааххирин, ҳаким-ул-машриқ, ҳуҷҷат-ул-ҳақ, ало-ул-халқ Абӯалӣ ал-Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино…» [38, 60].

Инчунин саҳми бузурги Абӯалӣ ибни Сино дар роҳи инкишофи илми ҳикмат ва тозахаёлию навоварии ӯ дар ин соҳа дар миёни аҳли илму адаби мамлакатҳои исломии Шарқ то андозае шуҳрат ёфта будааст, ки вай монанди суратгарии Монӣ ҳамчун амри маъруф дар назм ба сифати образи шоирона ё худ воситаи барҷаста ва возеҳтар тасвир карда шудааст.

Масалан, донишманди маъруфи асри XIV Ҳиндустон Абулфазли Алломӣ дар «Акбарнома» хуррамию сарзабзии айёми баҳору иди Наврӯзро тасвир карда, барои тақвияти фикраш байти зеринро меорад, ки дар он гуногунрангии чаманзор ба фикри Абӯалӣ ибни Сино монанд карда мешавад:

*«Ҷаҳон аз нақши қудрат шуд чу суратхонаи Монӣ,*
*Чаман аз нури ҳикмат шуд чу фикри Бӯалӣ Сино».*

Агарчи ин байт зоҳиран, як чизи оддӣ ба назар мерасад, вале дар асл вай бар замми баъзе далелҳои дигар ба он гувоҳӣ медиҳад, ки таълимоти Ибни Сино дар нимҷазираи Ҳиндустон ҳам шуҳрати босазо ёфта, бузургӣ ва азамати ӯ аз тарафи аҳли илму адаби он диёр низ эътироф гардидааст.

Саҳми Абӯалӣ ибни Сино дар роҳи ривоҷу равнақи дигар соҳаҳои илми асримиёнагӣ, аз ҷумла дар инкишофи тиб, риёзиёт, табииёт, илоҳиёт, ҳандаса, ҳайат, фиқҳ, нуҷум, назарияи мусиқӣ ва санъат, адаб, назмшиносӣ, арӯз, услубшиносӣ, фонетика ва монанди инҳо ҳам бузург мебошад. Ӯ ҳамчун донишманд доир ба тамоми илму фанни замони худ ё асарҳои ҷудогона таълиф намудааст ва ё дар дохили асар ба ин ё он илми муайян бахшидашудааш боб ё ки фасли ҷудогонае овардааст. Нуқтаи асосии ҳамаи асарҳо ва таълимоти Ибни Синоро нишон додани бузургии ақлу хирад ва зарурияти ҷустуҷӯи мунтазам, ки ба ақидаи ӯ моҳияти зиндагии инсон дар онҳост, ташкил менамояд. Руҳи ҷӯё ва дили бузурги ин ҳакими ҳақиқатҷӯ ба он нигаронида шуда буд, ки инсонро аз нокомиҳою мушкилотҳои зинадгӣ озод карда, аз бими марг наҷот бахшад. Доир ба ин мавзӯъ дар китоби «Чаҳор мақола» ҳикояте оварда шудааст, ки гӯё шахсеро, ки мардум мурда пиндошта мехостанд ба хок супоранд бо хоҳиши Ибни Сино, ки медонист он шахс зинда аст ба ӯ месупоранд. Ибни Сино дар миёни як чанд рӯз он шахсро табобат намуда дубора ба ҳаёт бармегардонад. Инчунин дар миёни мардум низ ривояте, бо унвони «Ҳамоми Бирез! Бирез!» [42, 103] мавҷуд аст, ки бори дигар он ҳама кӯшишу талошҳои Ибни Синоро барои аз марг наҷот бахшидани иносният тасдиқ менамояд.

Комёбию муваффақиятҳои дар роҳи равнақи соҳаҳои гуногуни назариявӣ ва амалии илми тиб ба даст овардаи ӯ то андозае бузург мебошанд, ки онҳо табибони машҳури айёмӣ зиндагии вай ва даврони минбаъдаро дар ҳайрат гузоштаанд. Бесабаб нест, ки Абуалӣ Сино дар миёни оммаи мардум низ пеш аз ҳама ҳамчун табиби ҳозиқ ва беназир шуҳрат ёфтааст. Нависандаи маъруфи асри XVI тоҷик Зайнуддин Восифӣ дар илми тиб машҳур гардидани Ибни Синоро зикр карда менависад: *«…Ҳар маъюбу мақтул-ул-тамаъро, ки ба пеши ӯ овардандӣ, ӯро филҳол муолиҷа кардӣ ва ҳеҷ муолиҷаи вай тахаллуф нанамудӣ»* [15, 1538].

Ба ғайр аз нақлу ривоятҳои шифоҳии миёни мардум машҳур буда доир ба Абӯалӣ ибни Сино як қисм ривояту ҳикоятҳое мавҷудан, ки онҳо дар давраҳои пеш ба шакли китобӣ даромада, дар сарчашмаҳои адабӣ, таърихӣ ва маҷмӯаҳои ҳикоёту қиссаҳо сабт гардидаанд. Дар ин соҳа баъзе корҳо ба анҷом расидааст, ки барои иҷрои баъзе масъалаҳо заминаи воқеӣ фароҳам овардааст. Аз ин миён рисолаи А.М.Мирзоев «Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ» (1953) муҳим буда, мазмуни мухтасари нақлу ривоятҳои дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ва баъзе китобҳои дигар доир ба Абӯалӣ ибни Сино дарҷгардидаро нақл мекунад.

Ҳамчунин дар Туркия китобе бо унвони «Ибни Сино» (1937), ки дар он нақлу ривоятҳо оид ба Ибни Сино оварда мешавад нашр гардидааст. Як қисми ривоятҳои мазкур ба ривоятҳои дар китобҳои форсӣ-тоҷикӣ дарҷ гардида умумият дошта, бузургии ақлу дониши Абӯалӣ ибни Синоро тавсиф менамояд.

Абӯалӣ Сино на танҳо дар роҳи тавсиаю инкишофи соҳаҳои гуногуни илм саҳми калон дорад, балки дар адабиёт ва ривоҷу равнақи насру назм низ мақоми арзандаро ишғол менамояд. Ибни Сино дар баробари ба забони арабӣ навиштани аксарияти китобҳои худ баъзе асару рисолаҳои илмӣ ва порчаҳои шеъриашро ба забони модарии хеш таълиф намуда ба ин восита дар роҳи ташаккул ва инкишофи насру назми тоҷик ҳам хидмати арзандаро анҷом додааст. «Таъсири равиш ва усули дар таълими насри илмӣ ва назм пешгирифтаи Абӯалӣ ибни Сино бо вуҷуди бо мурури замон тағйирот

пазируфтаи дар осори илмӣ ва ашъори дар қарнҳои минбаъда таълифгардида мушоҳида карда мешавад» [2, 6].

Маълум мешавад, ки ба болои ин ҳама илмҳои ҳақиқии ҷаҳонӣ дар мусиқӣ, шеър ва адабиёт ҳам шуғл кардани ин олими бузург танҳо як ҳавас набуда, - мегӯяд устод С.Айнӣ, - балки «Бӯалиёна» будааст. Бинобар ин, як қисми «Донишнома»-ро ба мусиқӣ бахшидааст ва дар забони арабӣ ҳам «Алмадхалӯ ило саноатил- мусиқӣ» ном китобе навиштааст ва дар бораи арӯз ҳам китоби ҷудогонае ба қалам гирифтааст [1, 47].

Дар миёни аҳли илму адаб ва оммаи мардуми мамлакатҳои Шарқи Наздику Миёна доир ба шахсияти Ибни Сино ривояту афсонаҳои зиёде ба вуҷуд омадаанд, ки нисбат ба ягон донишманди гузаштаи Машриқзамин ин миқдор ривояту ҳикоятҳо офарида нашудааст. Ҳамаи онҳо дар ибтидо маҳсули шухрати Сино буданд ва пас аз он ба таблиғи шухрати ӯ пардохтанд.

Гарчанде аз рӯзгори Абӯалӣ Сино то замони мо зиёда аз 1000 сол гузаштааст, вале то кунун шуҳрати бузургии ӯ дар миёни халқи тоҷик ва тамоми дунё аз байн нарафтааст. Мардум тавассути нақлу ривоятҳои ҷолиби худ дар доираи тавоноиаш номи ин абармарди ҷаҳониро то абад зинда нигаҳ дошта, бузургии ӯро ба наслҳои оянда ҳамчун ганҷи арзишманду бемисл барои тарбияи насли наврас ба мерос мегузорад. Нақлу ривоятҳое, ки дар бораи Абӯали ибни Сино баҳс мекунанд, кайҳо боз диққати аҳли илму адаб ва ҳаводорони осори адабиёти даҳанакиро ба худ ҷалб карда омадаанд. Сабаби чунин таваҷҷуҳу омӯзиш натанҳо дарк ва таҳлили шухрати Сино мебошад, балки инчунин, муайян намудани шахсият, симои ӯ, амалу рафтор, муносибату муоширату характеру портерети ин шахси нотакрор мебошад. Ин нақлу ривоятҳо барои чунин таҳлил судмандтарин сарчашма ба ҳисоб мераванд.

# БОБИ II. ТАСВИРИ ШАХСИЯТ ВА СИМОИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР РИВОЯТҲОИ ШИФОҲИИ ТОҶИКӢ

## Фасли 1. ТАҲЛИЛИ ДОНИШИ ТИББӢ ВА ҲУНАРИ ПИЗИШКИИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР РИВОЯТҲОИ МАРДУМӢ

Чуноне ки аз санаҳои воқеии ҳаёти Абӯалӣ ибни Сино маълум гардид, шахсияти ӯ дар худи замони зиндагияш мавриди таваҷҷуҳи хосу ом гардида буд. Маҳз ҳамин таваҷҷуҳ боис шуд, ки дар хусуси тарафҳои мухталифи шахсият ва ҳунари Абӯалӣ Сино ривоятҳои ҳам қобили қабул ва ҳам муболиғаомез дар миёни мардум паҳн гарданд. Қисмате аз ин ривоятҳо заминаи воқеӣ дошта, онҳо боиси боз ҳам шуҳратманд гардидани номи Сино шуданд ва саргузаштҳои вобаста ба ҳунари табиии ӯ аз зумраи чунин ривоёт мебошанд. Дар ин қисмати диссертатсия ривоятҳо ва саргузаштҳои мардумӣ оид ба ҳунари пизишкии Сино таҳлил гардида, симо ва хисолу муносибати ӯ ҳамчун як табиби ҳозиқ дар назари мардуми қаторӣ ва ҳамчун як донишманди тиб дар миёни аҳли ҳунару илму фарҳанг нишон дода мешавад.

Симои Абӯалӣ Сино дар ҳама давру замон ҳамчун табиби ҳозиқ, табиатшинос, адабиётшинос, файласуф, шоир, омӯзгор ва равоншинос маълуму машҳур будааст. Аз маълумоти сарчашмаҳо ва китобу асарҳои таълифнамудаи худи ӯ, аз асару рисолаҳои илмии муҳаққиқон ва нақлу ривоятҳои мардумӣ бармеояд, ки Ибни Синоро бештар фаъолияти табибии ӯ машҳури ҷаҳон гардонидааст. Ибни Сино ба омӯзиши илми тиб хеле барвақт - аз сини 13-солагӣ оғоз менамояд ва пас аз чанде ба муолиҷаи беморон машғул мешавад. Комёбиҳои Сино дар соҳаи илми тиб чунон бузург аст, ки асару китобҳои пурарзиши ӯ далели ин гуфтаҳост ва ҳамчунон, дар тамоми тӯли таърих илми тиб аз онҳо баҳра мегирифт.

Бояд қайд намуд, ки мазмуни ривоятҳо нисбати кору фаъолият ва зиндагии ин абармарди ҷаҳонӣ самтҳои гуногун дорад. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтаем ҳар як самти онро дар алоҳидагӣ таҳқиқ намуда, ба чанде аз паҳлӯҳои тасвири чеҳраи ӯ равшанӣ андозем. Барои анҷоми чунин амал ба

мисолҳои мушаххас муроҷиат мекунем ва дар заминаи онҳо чеҳараву характери табибии Абӯалӣ Синоро ба риштаи таҳлил мекашем.

Чунин ривояте дар миёни мардум машҳур аст: «*Абӯалӣ Сино ба табибӣ ном баровардагӣ буд. Ҳар рӯз ба назди ӯ одамони бисьёр барои табобат меомаданд. Ҳамаи онҳо қатор менишастанд ва Абӯалӣ ҳар кадомро дида, касалашро мегуфт ва табобаташро ҳам нишон медод. Як рӯз вай аз ҷумлаи беморон як касро намебинад ва ба ӯ чизе намегӯяд. Он бемор бо димоғи сӯхта ба хонааш меояду ба занаш мегӯяд:*

*- Умри ман ба охир расидааст, ҳатто Абӯалӣ ҳам ба ман чизе нагуфт.*

*Бемор дар ҳуҷрааш парӯ зада, бо табъи хира мехобид. Як вақте бедор мешавад, як мор аз шикофии девор баромада ба тарафи чамбараки шир рафт. Мор рафта ширро хӯрду гардонда қайъ кард. Ҷавонмард фикр мекунад, ки мор ба косаи шир заҳр андохт, агар ҳозир ҳамон ширро хӯрад кораш тамом мешавад ва дигар маргро поида азоб кашида намехобад. Ҷавонмард ширро хӯрду дере нагузашта дар баданаш гармӣ пайдо шуд. То бегоҳ аҳволи ӯ беҳ шуда ва то рӯзи дигар сиҳат меёбад. Ҳафтаи дигар ӯ боз ҳамроҳи беморон ба назди Абӯалӣ Сино меравад. Абӯалӣ Сино ӯро дида:*

*- Шумо заҳри мор хӯрдед? - гуфта мепурсад.*

*Ҷавонмард воқеаи шударо нақл мекунад.*

*- Дуруст аст, касалии туро заҳри мор дуруст мекард, чун ёфтани он мушкил буд, ман чизе нагуфтам. Ба ту толеъат мадад кардааст, - мегӯяд Абӯалӣ.*

*Бемор ба дониши Абӯалӣ аҳсан мехонад»* [42, 100].

Мутобиқи муҳтавои ривояти мазкур симои Абӯалӣ ибни Сино ҳамчун табиби закӣ, ботаҷриба ва рамузфаҳм тасвир шудааст. Бо як маротиба аз назар гузаронидани ҷавони ба ӯ муроҷиаткарда, ба кадом беморӣ гирифтор будани ӯ ва давои дарди ӯро дарк менамояд, вале аз сабабе ки пайдо намудани чунин даво, ки заҳри мор аст, мушкил ва номумкин буд, ба ҷавон чизе гуфта наметавонад. Бояд гуфт, ки аз як тараф ҳамин беэътиноии Сино буд ки ҷавонро ба нӯшидани шири заҳрдор водор месозад. Агар Сино ба ҷавон давои дардашро мегуфт, ӯ ба хусусияти давоӣ доштани заҳри мор

боварӣ ҳосил накарда, ё ба нушидани чунин нӯшдору ҷуръат ҳам намекард. Аз тарафи дигар, ин таҷрибаи бомуваффақияти Ибни Сино буд, ки ҳам ҷавонро аз марг наҷот дод ва ҳам эътиқоди халқро нисбат ба табиби беҳамто будани ӯ зиёда гардонд. Албатта, ин таҳлил бар мабнои тафаккури мардуми қаторӣ ва махсусан, беморон, ки муҳтоҷи муолиҷа ҳастанд, асос ёфтааст. Агар аз нуқтаи назари дигар ба он нигоҳ карда шавад, метавон то андозае заъфи Абӯалӣ Синоро дар дасткӯтоҳ буданаш барои дарёфти дору, яъне заҳри мор нишон медиҳад ва ба ин хотир, табиб аз ифшои дармон лаб фурӯ баста буд. Яъне, табиб ҳақ надошт бе ягон сухану дилбардорӣ маризро ҷавоб диҳад. Бовуҷуд, тасдиқи пешакии "Шумо заҳри мор хӯрдед?" аз табиби ҳозиқ буданаш гувоҳӣ медиҳад ва барои мардум ҳам ҳамин тарафи симои Сино писанд афтодааст. Гуфтан ба маврид аст, ки рамзи соҳаи илми тиб, яъне мори дар сари коса истода низ дар асоси ривояти мазкур арзи ҳастӣ намудааст. Ҳамзамон имрӯзҳо муҳтавои ин ривоят тавассути наворҳои рекламавии телевизионӣ оид ба доруву дармонҳо пайваста намоиш дода шуда, бори дигар миёни халқ густариш доштани ин ривоятро тасдиқ мекунад ва қобилияти фавқулодаи Бӯалӣ Сино дар дигар ривоятҳо бо андаке дигаргунӣ низ ба назар мерасад, чунончи дар нақли зер омадааст:

*«Як вақтҳо дар тамоми шаҳри Бухоро касалии вабо паҳн мешавад. ...Подшоҳи Бухоро барои пеши ин касалиро гирифтан ҳамаи уламою донишмандони мамлакаташро ҷамъ карда, ба онҳо супориш медиҳад, ки илоҷи аз ин бало халос кардани мардумро ёбанд. Аммо ҳеҷ кас дар ин бобат чорае андешида наметавонад. ...Одам монда Абӯалиро ба пеши подшоҳ гирифта меоянд.*

*-Агар дар ҳақиқат табиб бошед, чораи ин касалиро бинед! – мегӯяд Подшоҳ.*

*Абӯалӣ хоҳиш мекунад, ки барои ӯ ҳазорсипанди бисёре ҷамъ карда биёранд. ...Абӯалӣ ҳазорисипандро дар мобайни шаҳр ғун карда, онро дуд мекунонад. ....Баъд аз ин ба тани одамони касал оҳиста-оҳиста ҷон медарояду касалӣ дар шаҳр барҳам мехӯрад.*

*Подшоҳ ба ақлу дониши Абӯалӣ қоил шуда, ба ӯ пулу чизи бисёр медиҳад ва сад аҳсану офарин мегӯяд. Аз ин кори Абӯалӣ одамон мефаҳманд, ки ҳазориспанд ба касалии вабо даво будааст»* [46, 31].

Дар ривояти мазкур ба дониши гиёҳшиносии Сино ишора шудааст. Яъне халқ дар ҳар ривоят зарра-зарра образи ин олими забардастро бо тасвири маҳорату дониш ва ақли нозукбинаш эҷод кардааст. Ҳамин тариқ, дар кулли ривоятҳо як образи комили Абӯалӣ Синои мардумӣ офарида шудааст. Истифодаи истилоҳи «образи мардумӣ» дар ин маврид вобаста ба он аст, ки дар ҳар ривоят талабот, зарурат ва ҷаҳонбинию дониши гӯяндагон низ ифода гардидааст ва симои Абӯалӣ бар заминаи фаҳми мардум шакл пазируфтааст.

Аз ин ривоят ва ривоёти ба ин монанд бар меояд, ки мардум кашфи хусусияти давогии ин гиёҳро ба Абӯалӣ Сино мансуб медонанд, ки баҳри беҳбуд бахшидани саломатии инсоният ва соҳаи илми тиб аз худ мерос гузоштааст. Аз ин рӯ, халқ то ба имрӯз ин гиёҳи шифобахшро ба таври фаровон истифода мебаранд.

Ривояте нисбат ба фаъолияти пизишкии Сино мавҷуд аст, ки дар он табиб дар заминаи ҳодисаи ҳузнангези марги писар, хусусияти давобахшии гиёҳеро кашф намуда, аз он хулосаи таҷрибавиро баровардааст. Ривоят чунин аст:

*«Як вақт писари Абӯалӣ Сино касал шудааст. Ибни Сино дорую дармон кардааст, аммо бемор сиҳат нашудааст. Баъд писараш вафот кардааст. Сино шиками ӯро кафонда, аз пеши ҷигараш халтачаи заҳрро гирифтааст. Дар халтача як чизи санг барин сахт будааст. «Ин чӣ бошад?» гуфта, халтачаро гирифта, ба лаби об рафтааст ва онро ба болои ҳулбӯй монда, дасташро дар об шустааст. Дасташро шуста омада дидааст, ки ҳамон санги дар халтачаи заҳр будагӣ об шудааст. Абӯалӣ Сино аз дилаш гузаронидааст, ки «давои санги дар халтачаи заҳр будагӣ ҳулбӯй будааст. Агар инро пештар мефаҳмидам, фарзандамро аз чанголи марг халос мекардам»* [46, 30].

Аз муҳтавои ин ривоят бармеояд, ки гарчанде Абӯалӣ Сино ба таври аъло донистани илми тиб ва кашфиётҳои беназири худ дар ин соҳа, натавонистааст фарзанди хешро аз марг наҷот диҳад, вале марги писари ӯ

боиси як кашфиёти дигари олӣ дар илми тиб ва дорусозӣ гардидааст. Ин гиёҳ дар илми тиб ҷойгоҳи муайяни худро дошта, ҳанӯз ҳам халқ аз он бо эътиқоди тамом васеъ истифода мебарад.

Агар аз лиҳози ҳақиқати воқеӣ ба ин ривоят назар андозем маълум мегардад, ки мутобиқи сарчашмаҳои таърихӣ Сино ҳеҷ вақт оиладор нашуда буд ва фарзанде ҳам надошт. Инчунин, ривояти мазкур дар сарчашмаҳои дигар ба шахсияти таърихӣ - Луқмони Ҳаким нисбат дода мешавад. Ин як қонунмандиии илми фолклоршиносӣ аст, ки онро вариантнокӣ меноманд ва хосияташ он аст, ки матнҳои фолклорӣ дар натиҷаи аз даҳон ба даҳон ва аз насл ба насл гузаштан қаринаҳои гуногун пайдо мекунанд. Аз ин хотир, барои халқ ҳақиқати он, ки Сино оиладор ва фарзанддор буд ё набуд, тафриқае надошт ва муҳим ин буд, ки онҳо ҳунари табибӣ ва хулосаҳои хуби табобатии қаҳрамони худро месутуданд ва аз онҳо истифода мекарданд.

Вобаста ба мавзӯи мавриди таҳлил бояд қайд намоем, ки дар миёни ривоятҳои оид ба Луқмони Ҳаким ҷамъоваришуда, ривояти мазкур бо варианти дигар вуҷуд дорад, ки ба таври мухтасар онро нақл мекунем: *«Баъд аз фаҳмидани сабаби марги писараш Луқмони Ҳаким нисфи он сипурҷи санг барин сахтшударо гирифта аз он дасти корд сохт. Аз миён чанд вақт гузашт. Рӯзе барои ҷамъ кардани гиёҳҳо вай ба саҳро баромад. Пас аз итмоми кор кордашро дар байни пудиназоре фаромӯш кард. Баъди 2-3 рӯз барои кофтуков ба пудиназор баргашт. Кордашро пайдо намуд вале дид, ки дастаи корд тамоман об шудааст. Чунин ҳолатро дида, Луқмони Ҳаким хеле афсӯс мехӯрад ва бо худ мегӯяд:*

*- Акнун фаҳмидам, ки давои он дарди марговари писарам пудина будааст. Сад дарег, ки то ҳол ман аз ин бехабар будам»* [39, 60-61].

Чуноне ки маълум гашт, аз ҷиҳати муҳтаво ин ду ривоят бо ҳам ҳаммазмун буда, танҳо қаҳрамонҳо бо номҳои Ибни Сино ва Луқмони Ҳаким сабт шудаанд. Инчунин ду ривояте, ки мо ба тозагӣ навишта гирифтем, вариантҳои дигари ривояти «Ҳулбӯй» аст. Аммо гӯяндаи аввали мо Ибни Синоро ба ҳайси «як мардак» ва гӯяндаи дуюмӣ бараъкси гӯяндаи аввала қаҳрамонро Ибни Сино ном мебарад, вале мазмуни матни ин ду ривоят ба

ҳам хеле монанд буда, аз доштани вариантҳои дигар низ дарак медиҳад. Чунончи:

*1. «Дар давра(ҳ)ои пеш дар давра(ҳ)ои қадим як мардак будааст. Писараш касали санг доштаст. Рӯзе ба пуштоба мерад, ҳамон ҷо-ба пудинаи лалмӣ будаст. Баъд кордаша дар даруни гилофакаш дар мобайни пудина мондаст. Мардака хоб мебарад, ай хоб мехезад, ки нӯги ғилофаке, ки аз пӯст сохта шудааст об шудаст. Мардак баъд мефаҳмад, ки ҳамин пудинаи лалмӣ дору будаст.*

*Афсӯс мехӯрад, ки ҳамин пудиная писарашба надодаст, агане вай сиҳат мешуд»[94, 1954].*

*2. «Ибни Сино пас аз марги писараш шиками писарашро кушода санге, ки дар меъдаи писараш буд мегирад. Ӯ аз ғами фироқи писараш ба боғе рафта, дар лаби ҷӯйи миёни пудиназор гиря мекунад. Чунон гиря мекунад, ки хобаш мебарад. Баъде, ки аз хоб бедор мешавад мебинад, ки санге, ки аз меъдаи писараш гирифта буд, дар болои пудина об шудааст. Баъд мефаҳмад, ки пудина ба санги меъда дору будааст [95, 1982]».*

Маълум аст, ки дар илми фолклоршиносӣ, пеш аз ҳама, ҳар як асар аз ҷиҳати вариантнокӣ дорои арзиши илмӣ буда, муҳтавои омӯзишу таҳқиқ аз ҳамин нуқтаи назар баҳо дода мешавад. Вобаста ба ин мо наметавонем ба гӯиши ягон минтақа иловае ё таҳрире ворид созем. Аз ин рӯ, дар ривояти якум аз сабаби он ки гӯянда бо лаҳҷаи минтақаи худ нақл мекунад ба маънои ривоят як каме костагӣ ворид сохтааст, вале ин боиси аз миён бурдани муҳтавои ривоят нашуда, ба арзиши илмӣ доштани он халале намеорад.

Ҳамчунон ки маълум гашт, ривояти дувум бо вуҷуди тағйиру иловаҳо ба Ибни Сино нисбат дода шуда, бори дигар тасдиқ менамояд, ки хусусияти давоӣ доштани (ҳулбӯ) пудинаро барои меъда бори аввал Ибни Сино кашф кардааст ва қаҳрамони дигаре, ки дар ин ривоят ба унвони писари Сино амал мекунад, ҳамчун образи ёрирасон барои тасдиқи донишманди илми тиб будани Сино хидмат менамояд.

Инчунин вобаста ба ин мавзӯъ ривояте бо номи «Чойи куҳӣ» вуҷуд дорад, ки дар ин ривоят низ хусусияти давоӣ доштани чой дарҷ шудааст ва

кашфи он ба ибни Сино марбут дониста мешавад: «*Рӯзе як зан касал шуда ба назди Ибни Сино рафтааст. Ибни Сино ӯро дида гуфтааст:*

*- Куҷои шумо дард мекунад?*

*- Дилам, - ҷавоб додаст зан.*

*Абӯалӣ ибни Сино як хел алафро ба зан дода фармудааст:*

*- Ҳамин алафро ҷӯшонда, обашро чор-панҷ бор хӯред, ин чойи кӯҳӣ аст, аз ҳамин аҷаб не, ки нагз шуда равед.*

*Зан алафро гирифта ба хонааш рафтааст ва онро ҷӯшонда обашро хӯрдан гирифтааст. Дидааст, ки дар ҳақиқат дарди дилаш гум шудааст. Баъд зан ба назди Ибни Сино омада дар ҳаққи вай дуои бисёр кардааст*» [46, 33].

Чуноне тибқи маълумоти сарчашаҳо маълум аст, симои Сино дар нақлу ривоятҳо гуногун офарида шудааст. Масалан, дар ривояти «Заҳри мор» Сино ба як нигоҳ фаҳмидааст, ки ҷавон ба кадом бемории гирифтор асту давои дарди ӯ заҳри мор аст, вале дар ривояти «чойи кӯҳӣ» баръакс Сино аз зани бемор пурсидааст, **«*Куҷои шумо дард мекунад?*»** ё дар мавриди он ки оё аз тарзи табобате, ки ӯ фармуд, ба бемории ин зан даво мебахшад ё не **«*аз ҳамин аҷаб не, ки нагз шуда равед*»** гуфта шудааст. Дар мавриди ин масъала гуфтан ба маврид аст, ки аз сабабе ки бемор зан аст ва дар он давру замон занҳо рӯйи худро аз мардони бегона паноҳ медоштанд, Сино ин занро ба таври дуруст ташхис карда натавониста аз худи ӯ савол мекунад, ки куҷояш дард мекунад ва аз суханони ӯ мефаҳмад, ки зан ба кадом бемории гирифтор ва ба дардаш кадом намуди гиёҳ дору аст. Барои мардум зарур аст тавассути чунин ривоятҳо як тарафи дигари симои қаҳрамонашро, аниқтар як хислати дигари ҳамидаи Абӯалӣ Синоро, яъне порсогии ӯро нишон диҳад. Бар замми ин, дар ин ривоят ду хислати Сино зикр шудааст, ки яке мустақиман, яъне ҳунари ӯ дар пешбинии пешгирии дард ва дуюм, хислати пасипардагиаш - пайрави шариати Ислом будан ва эҳтиром гузоштан ба анъанаҳову суннатҳои аҷдодӣ хулоса шудаанд. Барои ҳар ду хислат ва ҳунараш халқ аз ӯ шукргузор аст.

Аз сарчашмаҳо ва ақидаҳои донишмандон ва албатта, аз ривоёти халқӣ бармеояд, ки Ибни Сино барои абадӣ гардонидани умри инсонӣ низ

кӯшишҳои зиёде ба харҷ додааст. Ривояти дигаре, ки мо ин ҷо мехоҳем дар бораааш сухан ронем, «Ҳамоми бирез-бирез» ном гирифтааст. Бинобар маълумоти ин ривоят Ибни Сино барои ба инсон бахшидани умри дубора то ба дараҷае ноил гардидааст. Аз мазмуни ривояти «Ҳамоми бирез бирез!» бармеояд, ки гӯё Ибни Сино ба кашфи доруи дубора зинда кардани инсон муваффақ шудааст. Масалан, ривояти мутазаккира чунин мегӯяд:

*«Абӯалӣ Сино дар пиронсолӣ ба дарди бедаво мубтало шудааст. Ӯ ҳис кардааст, ки умраш ба охир мерасад, бинобар ин чил рӯз дар Таҳхона нишаста, аз ҳар хел гиёҳ чил шиша дору тайёр кардааст. Баъд аз ин Ибни Сино яке аз шогирдони содиқашро, ки тамоми илму ҳунари ӯро аз худ карда будааст, ба наздаш ҷег зада гуфтааст:*

*-Ҳамин, ки ман мурдам, ҷасадамро ба замбар андохта, ба гармхонаи ҳаммом бурда мон. Сонӣ ҳар рӯз аз болои ҷасадам як шиша, як шиша аз ҳамин дору рехтан гир. Баъд аз чил рӯз ман баргашта зинда мешавам ва дигар намемурам. Он вақт туро ба мурод мерасонам, ту ҳам монанди ман табиби машҳур мешавӣ.*

*Пас аз чанд рӯз Абӯалӣ Сино вафот кардааст. Шогирди содиқ мурдаро ба замбар андохта, ба гармхонаи ҳаммом бурда мондааст ва ҳар рӯз аз он дору ба болои ҷасади устодаш рехтан гирифтааст.*

*Рӯзи сию нӯҳум ҷасади Абӯалӣ Сино овоз бароварда гуфтааст:*

*-Бирез, бирез, бирез!*

*Шогирд шишаи охиринро гирифта аз шодӣ ба гармхона мерафтааст, ки пояш лагжида, шишаи дору аз дасташ афтода, шикастааст. Гӯё аз ҳамин сабаб Абӯалӣ Сино зинда нашуда мондааст.*

*Мегӯянд, ки ҳоло ҳам, агар одами поку нек ва раҳмдилу ростқавл аз назди вайронаи ҳаммом гузарад, садои «бирез, бирез»-и ҷасади Абуалӣ Синоро мешунидааст»* [42, 103].

Дар ин ривоят, тавре ки қаблан гуфтем, сухан дар бораи кӯшиши дубора зинда кардани ҷасади Ибни Сино меравад. Яъне гуфта мешавад, ки гӯё, Ибни Сино ба кашфи доруи ба олами ҳастӣ дубора баргардонидани шахси марҳум низ муваффақ гардида будааст. Чуноне ки фолклоршиноси тоҷик Д.Обидов

мегӯяд: «Зимнан чунин даъво ва чунин пиндошт, албатта, беасос, аз ҳақиқати воқеӣ дур ва ғайри қобили қабул мебошад. Беасос будани ин даъворо матолибе, ки дар қисми дуюми мисраи охирини рубоии зерин, ки аз забони худи Ибни Сино баён шудааст, низ ба тасвиб мерасонад:

*Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал*
*Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал,*
*Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял,*
*Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал»* [42, 109].

Вале дар ривояти мазкур дар шакли ғайриоддӣ ва аз ҳақиқати воқеӣ дур тасвир ёфтани фаъолияти табибии Ибни Синоро на ин ки камбудии асари мазкур, балки ба сифати комёбии он арзёбӣ бояд кард, зеро ривояти мазкур моли халқ аст. Вай бо эҷоди ин ривоят хостааст ва орзу кардааст, ки Ибни Синоро зиндаи ҷовид бинад, аз ӯ арҷгузорӣ намояд ва ҳамчун табиби тавоно дар илми тиб ва муолиҷаи одамон дар мақоми олитарин қарор доштани ӯро таъкид намуда, гӯяд, ки ин нобиғаи ҷаҳонӣ ва офоқӣ бо нерӯи қудратманди ақлу хиради худ ҳатто ба кушодани «банди аҷал» ҳам муваффақ гаридааст.

Бояд қайд намоям, ки нусхаи дигари ривояти мазкур, бо иштироки Луқмони Ҳаким садо медиҳад ва ӯ низ бо усули дигар доруи пешгирӣ намудани марги инсониятро омода карданӣ мешавад, вале дар охир мисли Сино кӯшишу талошҳои ӯ низ бенатиҷа анҷом ёфтааст, ки як порчаи онро ба таври мухтасар ҳамчун мисол меорем: *«Рӯзе Луқмони Ҳаким бо мақсади тайёр кардани доруи зидди марг аз китобҳои тиббӣ ҳазор номгӯи гиёҳҳои дорувориро ҷудо карда, ҳар яки онро ба миқдори муайян баркашида ба деги калони пур аз об меандохт. Навбат ба гиёҳи ҳазор расид ва онро бояд Луқмони Ҳаким мувофиқи нусхаи дар китоби тибби ҳиндӣ сабт шуда, бар кашида ба дег меандохт. Вале ҳамон саҳифа дарида ва кур шуда буд. Дар ин вақт Луқмони Ҳаким дегро ба занаш супорида, аз пайи ёфтани китоби дигар меравад.*

*… Дар ҳолате, ки дору ба миқдори се литр мерасад, дору ба се кабӯтар табдил ёфта, парида болои дарахте мешинанду нуҳ маротиба калимаи маргро такрор карда, парида меравand. Зани Луқмон аз тарс чизе гуфта наметавонад.*

*…. Ту бояд мепурсидӣ, ки доруи зидди марг чист? Кабутарҳо бояд се маротиба номи доруро такрор мекарданд ва ту онро аз худ мекардӣ мегӯяд Луқмони Ҳаким». Гӯё ҳамин тавр сирри доруи зидди марги инсоният тайёрнамудаи Луқмони Ҳаким норавшан мемонад* [39, 61-62].

Чуноне аз маълумоти ин ду ривоят маълум шуд, Сино ва Луқмон барои аз марг наҷот додани инсоният кушиш намудаанд, ки ин кӯшишҳо бенатиҷа мондааст. Агар ривоятҳои мазкурро аз дигар нуқтаи назар таҳлил намоем, дида мешавад, ки дар ривояти аввал миқдори доруи тайёркардаи Сино аз чил шиша иборат бошад, доруе, ки бояд Луқмон омода мекард, се литр гуфта мешавад ва инчунин миқдори гиёҳҳои шифобахше, ки аз онҳо бояд дору омода карда мешуд аз ҳазор иборат аст. Фарқияти дигари байни ин ду ривоят дар он аст, ки агар доруи омоданамудаи Луқмони Ҳаким барои пешгирӣ намудани марги инсоният бояд омода мешуд, доруи омоданамудаи Сино барои зиндашавии худи ӯ истифода гардидааст. Ва агар Луқмон барои омода кардани ин дору муваффақ нашуда бошад, Сино бо айби шогирдаш, ки доруро афтонда шикастааст, зинда нашуда мондааст. Яъне аз мазмуни ин ду ривоят ба хулосае омадан мумкин аст, ки халқ Ибни Синоро дар омода намудани доруи зидди марги инсон ва дубора зинда гардонидани он муваффақ нишон додаст, чунки мутобиқи маълумоти ривояти дувум, доруи Луқмони Ҳаким ҳанӯз омода нашуда мондааст. Мардум қаҳрамони худро донотар ва олимтар тасаввур кардааст.

Аҳли таҳқиқ бовар доранд, ки дар ҳар як асари адабиёти шифоҳӣ, агарчи он афсона, ривоят ё асотир бошад, ҳақиқате пинҳон ҳаст. Дар замири ривояти «Ҳаммоми бирез, бирез!» низ ҳақиқате нуҳуфта аст, ки кӯшишу талошҳои ҷуръатмандонаи Ибни Синоро бобати ҷилавгирӣ кардан аз марги нобаҳангоми инсоният ва давом бахшидан ба умри онҳо арзёбӣ менамояд.

Чуноне ки ҷои дигар Д.Обидов мегӯяд: «Дар ҳар сурат ҳодисаи ба вуҷуд омадани чунин як асари мардумӣ ва дар он мавриди муҳокима қарор гирифтани мавзӯи марбута ҳеҷ гоҳ бесабаб намебошад. Ривояти мазкур аз нуқтаи назари нишон додани тасаввуроти халқ дар бораи Абӯалӣ ибни Сино

ба ҳайси табиби беҳамто яке аз беҳтарин асарҳои фолклорист, ки дар бораи ин марди хирад ва шинохти шахсияти ӯ гуфта шудаанд» [42, 110].

Дар маҷмуъ, инсоният ҳамеша дар фикр ва талоши он будааст, то асрори маргро дарк кунад ва, агар тавонад пеши роҳи онро гирад, то наздиктарин одамони худро ҷовидонӣ бинад. Бо як назар, таносуб ва ҳамбастагии ривоятҳои дар бораи ҷустани доруи маргро бо ривоятҳои марги фарзанд ва ёфтани доруи дарди заҳра дидан метавон ва ин таносуб маҳз ба тафаккури мардум оиди маргу мир вобастагӣ дорад. Дар ҳар ду ривояти пешина маҳз аз марги фарзанди ҳам Сино ва ҳам Луқмони Ҳаким сухан рафтааст ва маҳз ҳамин ҳодиса метавонист сабабгори ҷустани доруи пешгирии марг аз тарафи ин ҳар ду табиб гардад. Аммо, мардум медонанд, ки аҷал ба дасти Офаридгор аст ва аз ин рӯ қаҳрамононашонро то он дараҷае, ки ба сирри Худо роҳ ёбанд, набардоштаанд. Бовуҷуд, чунон ки қайд шуд, мусавварai Абӯалӣ Сино дар ин ҷода пурҷилотар аз мусавварai Луқмон аст ва ин бори дигар мақому манзалати ӯро дар миёни омма нишон медиҳад.

Ҷанбаи халқии ривоятҳо дар бораи ибни Сино хеле қавитар аз дигарон аст ва ин ривоятҳо, чунон ки гуфта шуд, мисли дигар жанрҳои фолклорӣ аз ҷиҳати вариантнокии худ хеле бою рангин ва пурмуҳтаво мебошанд. Инак боз як нақли дигар, ки дар он низ портрет ва хислати Абӯалӣ Синоро мушоҳида карда метавон:

«*Абӯалӣ ибни Сино дар пиронсолагиаш сахт бемор шудааст. Вай пеш аз бемориаш давои ҳар як дардро ба шогирдонаш нишон дода, фақат давои хуни мурдору маразi гӯшро ҳанӯз нагуфта, аз забон мондааст. Рӯзе Ибни Сино шогирдонашро ба назди худ хоста, бо дасташ ба тарафи як қоғазпора ишора кардан гирифтааст. Шогирдон қоғазпорaро гирифта дидаанд, ки дар рӯи он ин тавр навишта шудааст. Дар осмон занбӯру дар замин шулук. Инро хонда шогирдон фаҳмиданд, ки шулук ба хуни мурдору асал ба маразi гӯш даво будааст*» [42, 103].

Дар ривояти мазкур низ Сино ҳамчун табиби доно, ғамхору меҳрубон ва ба иродаи хеш устувор хеле хуб ба тасвир омадааст. Ӯ аз он ҳунармандони

илму фан набуда, ки пас аз худ асореро нокшуда рафта бошанд. Агарчи аз забон монд, вале бо қаламу коғаз нишон дод, ки кадом даво ба кадом дард мувофиқ аст. Албатта, ҳамоно ҷанбаи ривоятӣ дар ин нақл хеле қавӣ аст, зеро агар аз ҷиҳати синну сол ва аз ҷиҳати тарзи муносибат нигоҳ кунем, нақл ба умр ва амали Сино мувофиқат намекунад. Аммо барои гӯяндагон ин муҳим набуда, балки хислату муносибати некбинона ва олимонаи қаҳрамонашон зарур буд.

Кашфиётҳои тиббии Абӯ Алӣ Сино на танҳо дар замони зиндагии худаш, балки то ба имрӯз аз ҷониби мардум ва олимони соҳаи илми тиб ба таври васеъ истифода мегарданд. Ӯ дар тасвири мардум ҳамчун шахсияти ҷӯяндаву ихтироъкор ва табиби беҳамтои фидокор, ки дар ҳар навбат бо роҳу усули нав дардмандону бечорагонро табобат менамояд, эътироф гардидааст. Ҳамчунин, бад-ин васила кашфиётҳои илмии беназири хешро сайқал дода, ба ҷаҳониён ҳамчун мероси пурарзиш ва гаронбаҳо боқӣ гузоштааст.

Қисмате аз ривоятҳои мавриди баррасии мо ба мушоҳида ва мушоҳидакориҳои хеле нозуки Абӯалӣ Сино бахшида шудаанд, ки дар онҳо низ ҳунар ва заковати табибиаш ҳувайдо мегардад. Масалан, дар ривояти зер ҳодисае чунин аз тарафи ӯ мушоҳида шудааст, ки ба наҷоти кӯдак оварда мерасонад: *«Як рӯзе Абӯалӣ ибни Сино бо шогирдаш аз роҳе мегузашт. Писареро дид, ки як хӯша ангур дар даст гирифта ва дар роҳ овоз мехонад ва донаҳои ангурро ба даҳон меандозад. Абӯалӣ Сино ба шогирдаш дастур дод дунболи ин писар биравад ва ҳар ҷо ки ӯ ба замин афтод, ӯро бихобонад ва бо даст рӯйи сина ва шикамаш бимолад, то хуб шавад.*

*Шогирди Бӯалӣ дунболи он писар ба роҳ афтод. Чанд дақиқа нагузашт, ки бача ба замин афтод ва наздик буд, бимирад. Шогирди Бӯалӣ ба дастури устод ӯро хобонид ва бо даст он қадар рӯйи сина ва шикамашро молиш дод, то хуб шуд. Ҳама аз ин кор ба тааҷҷуб афтода ва аз Бӯалӣ пурсиданд: - Аз куҷо донистед, ки ин бача чанд дақиқа баъд мариз хоҳад шуд.*

*Бӯалӣ дар ҷавоб гуфт: Чун ин писар дар байни роҳ овоз мехонд ва ангур ҳам мехӯрд, донистам фурсати хоидани ангурро надорад ва фаҳмидам, ки ба зудӣ он донаҳои дурушти ангур рӯйи дили ӯ гир мекунанд ва ӯро бемор*

*мекунанд. Ин буд, ки ба шогирдам дастур додам, ки фавран ин бачаро таъқиб кунад ва пеш аз он ки талаф шавад, ӯро наҷот диҳад»* [60. 68].

Аз ин ривоят бармеояд, ки Ибни Сино дар натиҷаи мушоҳидаи вазъу аҳволи ашхоси алоҳида ҳолати саломатии онҳоро барои минбаъд пешгӯӣ мекардаст ва ин хислати табибони ҳозиқ аст. Ӯ тавассути ҳиссиёти тезу некбини худ боиси аз касалӣ наҷот ёфтани беморон мегаштааст. Аз тарафи дигар, муҳтавои ин ривоят хусусияти тарбиявиро низ доро буда, симои Ибни Сино ҳамчун шахси тарбиятгар дар он тасвир ёфтааст. Хеле ҷолиб аст, ки дар ривоят масъалаи марбут ба одоби ошомидан ва дар ҷойи ҷамъиятӣ чигуна рафтор намудани шахсро низ бозтоб менамояд.

Ҳамзамон, мазмун ва ҳадафи ин ривоят аз он дарак медиҳад, ки нақлу ривоятҳои дар бораи рӯзгор ва шахсияту фаъолиятҳои гуногунпаҳлӯи Ибни Сино эҷодшуда, дар фолклори кишвари форсизабон – Эрон низ густариши васеъ дорад, ки китобҳои «Ҳазору як ҳикояти таърихӣ»-и Забеҳуллоҳи Сафо (Теҳрон; - 1373), «Ҳуҷҷатулҳақ Абӯалӣ Сино»-и С.С.Гавҳарин (Теҳрон; - 1952) ва ғайраҳо далели ин гуфтаҳост.

Маълум аст, ки мутобиқи таълимоти илми тиб риоя кардан ба қоидаҳои маъмули покию озодагӣ (гигиена), яъне тоза нигоҳ доштани узвҳои бадан, табдили саривақтии сару либос, шуғл варзидан ба тарбияи ҷисмонӣ, дар вақту замони муайян баҷо овардани сарфи таом ва амсоли инҳо аз шартҳои зарурии таъмини саломатии одамон дар ҳаёти онҳо дониста мешавад. Дар чанде аз ривоятҳои халқӣ таъкид гардидааст, ки Ибни Сино ба ин масъала низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Бозтоби ин мавзӯъ хусусан дар ривояти «Чаҳор шарти саломатӣ» хеле назаррас аст, чунончи:

*«Рӯзе дар кӯча писархонди Абӯалӣ Сино бо писари ҳамсоя дар вақти бозӣ баҳс карда монд.*

*-Хайр мебинем, ягон бор корат афтода ба назди падарам меоӣ, баъд ҳақ будани кӣ маълум мешавад,- гуфт писархонди Сино.*

*-Худи ман падар дорам ва ба назди падари ту намеоям,- гуфт бачаи ҳамсоя.*

*- Ту наой, падарат ё ягон хешу таборат меояд. Ҳеҷ кас аз оилаи мо эҳтиёҷи ба назди падари ту рафтанро надорад.*

*- Дар шаҳри мо касе нест, ки бемор нашаваду ба падари ман муроҷиат накунад. Пас чаро ту намеомадӣ?-гуфт бо фахр писархонди Сино.*

*- Мо ҳамаи чаҳор шарти саломатиро нағз медонем ва мӯҳтоҷи табиб нестем,- гӯён бачаи ҳамсоя роҳи ҳавлиашро пеш гирифт.*

*Писархонди Сино аз ин сухан ба хаёл афтод. Ӯ ба хона баргашт ва дид, ки падараш китоб мутолиа мекунад. Оҳиста-оҳиста қадам монда омад ва дар рӯ ба рӯи ӯ нишаст. Абӯалӣ Сино сар бардошта, ба писараш рӯ овард:*

*- Чаро, писарам, ғамгин менамоӣ? Магар ба ягон бача ҷанг кардӣ?*

*- Не, бо ҳеҷ кас ҷанг накардаам.*

*- Ба ту дурӯғ гуфтан намезебад,- гуфт Абӯалӣ Сино.*

*Писар маҷбур шуд воқеаро баён кунаду чаҳор шарти саломатиро аз падараш пурсад. Абӯалӣ Сино бо табассум гуфт:*

*- Бале, писарам, онҳо мӯҳтоҷи табиб нестанд.*

*- Барои чӣ? - ҳайрон шуд писар.*

*- Барон он, ки, - гуфт Сино, - онҳо мунтазам бо кори ҷисмонӣ машғуланд, ҳафтае як бор ба ҳаммом меравand ва нохуни дасту поро мегиранд, ҳар рӯз дар вақташ хӯрок мехӯранд, ҳафтае ду бор либоси тоза мепӯшанд, ки ин гарави саломатии одам аст. Шахсе, ки ин қоидаҳоро риоя мекунад, умри дароз мебинад.»* [46, 26].

Дар ривояти мазкур низ симои Ибни Сино ҳамчун шахси бозаковат ва донандаи соҳаи илми тиб тасвир шудааст. Аз рӯи гуфтаҳои ӯ агар инсон чаҳор шарти саломатиро мунтазам риоя намояд дар ин маврид ниёз ба табиб надорад ва чуноне, ки Сино фармудааст бо риояи ин қоидаҳо ҳатто инсон умри дароз мебинад.

Масъалаи аҳамияти покию озодагӣ ва зарурати тоза нигоҳ доштани узвҳои бадан дар бобати таъмини сиҳатмандии одамон дар ривояти дигар бо номи «Табобати дарди гулӯ» бозтоби амиқе дорад. Дар ин ривоят Ибни Сино ба касалии дарди гулӯ гирифтор шудани шахси корафтодаашро аз риоя накардани ӯ ба қоидаҳои тозагӣ медонад ва ба бемор маслиҳат медиҳад, ки

барои ин, ки аз ин бемори̇ раҳо ёбад, ҳар рӯз пеш аз сарфи таом дастонашро бишӯяд:

*«Бачае ба назди Абӯалӣ Сино омада гуфт:*

*-Табиби муҳтарам, чанд вақт аст, ки гулӯям дард мекунад.*

*-Пеш аз хӯрок хӯрдан дастатро шӯй,-гуфт Ибни Сино гулӯи беморро дида.*

*-Охир ман ба шумо «дастам дард мекунад»-нагуфтам ку? Норозигӣ баён кард бачаи бемор.*

*-Медонам, гулӯят дард мекунад,-ҷавоб дод Ибни Сино.*

*-Ин тавр бошад, даст бо гулӯ чӣ алоқа дорад?-пурсид бача.*

*-Алоқааш ҳамин аст, ки ту хӯрокро доимо ба даст мехӯрӣ.»* [46, 22]

Муҳтавои ривояти мавриди таҳқиқ қарордошта, аз он шаҳодат медиҳад, ки симои Сино дар ҳар ривояте ки ба бахши табибии ӯ тааллуқ дорад, ҳамчун табиби донову меҳрубон ва ботаҷриба ба тасвир омадааст.

Ривояте, ки дар он Ибни Сино бо як равиши бисёр ҷолиб подшоҳро, ки чанд сол аз бемории дарди по азоб мекашид табобат кардааст, низ аз симо ва рафтор ва ҳунари тиббии ӯ гувоҳӣ медиҳад. Дар ин ривоят, ки номи «Ибни Сино ва подшоҳ» [46, 55-56]-ро дорад, Сино ба воситаи ба қаҳру ғазаб овардани подшоҳ, яъне бо истифода аз таъсиррасонии руҳӣ ба дардаш даво мебахшад. Як ҷизи ҷолиби диққат дар ин ривоят ин аст, ки гӯянда афсонаи машҳуреро, ки ҳикоя ном мебарад, дар дохили ривоят хеле моҳирона ҷой додааст, ривоятро боз ҳам ҷолибтар мегардонад: вақте подшоҳ сиҳат мешавад аз Ибни Сино хоҳиш мекунад, то дар дарбор бимонад, вале Сино розӣ нашуда афсонаи мазкурро ба подшоҳ нақл мекунад. Ва ҳамин нақли ӯ сабаб мешавад, ки подшоҳ иҷозат медиҳад, то Сино дар дарбор намонад.

Ривояти боло то андозае дар заминаи ҳодисаи воқеӣ гуфта шудааст, зеро аз таърихи зиндагии олим маълум аст, ки ӯ подшоҳро табобат кардааст ва дар ивази табобаташ ба мутолиаи китобҳои китобхонаи дарбор мушарраф гардидааст. Аммо барои мардуми қаторӣ муҳим ин буд, ки қаҳрамони худро дар дарбор намонад, зеро дарбор ва халқ аз ҳамдигар дуранд. Маҳз дар дарбор намондани Сино ӯро ба халқ наздиктар сохта образи ӯро чун як табиб ва олими мардумӣ муаррифӣ намудааст.

Ҳамчунин ҳикояте, ки аз китоби «Татимаи сивон-ул-ҳикмат»-и Абулҳасан Байҳақӣ дастрас намудем, симои Ибни Синоро ҳамчун табиб васф мекунад ва бемор низ худи ӯст: «*Рӯзе судоъе сахт бо Абӯалӣ Сино рӯй намуд ва чанд рӯзе ба он ҳолат буд. Бидонист, ки моддаи ин сардард дар сар аст. Дастур дод то барфи зиёд оварданд, онҳоро дар ҳирқаи катоне печида ва сарро дар миёни он бипӯшонид. Муддате сарро дар миёни он нигоҳ дошт то мавзӯи сар қавӣ шуд ва ин корро муқаррар кард то он маҳал неру гирифт ва аз қабули модда мутанеъ шуд ва аз он сардард халосӣ ёфт*» [2, 40].

Чи тавре ки аз муҳтавои ривояти мазкур маълум шуд, Ибни Сино хусусияти давоӣ доштани барфро, ки сард аст, кашф намудааст. Чуноне гуфта мешавад, сардӣ ба дарди сар даво бахшидааст. Инчунин, дар илми тиб исбот шудааст, ки сардӣ хуни ғафсшуда ва лалбастаро тунук намуда, равон мекунад. Агар дарди сар ҳам аз сабаби ғафс шудани хун пайдо шуда бошад, ин тарзи табобат барояш мувофиқ меояд ва ба мушоҳида мерасад, ки табибон ин усули табобатро истифода мекунанд. Ин кашфиёти Абӯалӣ ҳам беасос нест, зеро бештари ривоятҳои халқӣ дар асоси китобу рисолаҳои худи Сино ба вуҷуд омадаанд ва аз сабаби аз даҳон ба даҳон интиқол ёфтанашон дар таи чандин асрҳо ба асарҳои шифоҳӣ табдил ёфтаанд.

Симои Абӯалӣ ибни Сино дар ривоятҳои «Табибии Абӯалӣ Сино», «Дар он дунё», «Усули хос», «Табобати дарди чашм», «Узр», «Гурбаи бемор», «Сино ва ҷавони дардманд», «Табобат аз рӯи фаросат», «Табиб ва Абӯалӣ Сино», «Гиёҳи шифобахш» ва ғайра низ ба сифати донишманди тавонои соҳаи илми тиб ва табиби беҳамтои бемориҳои гуногун тасвир гардидааст. «Дар ин ривоятҳо низ симои Абӯалӣ Сино бо як ихлосу эҳтироми махсус ёдрас шудааст, ки Ибни Сино дар бобати беморон ва истифодаи роҳу усулҳои мухталифи ташхису муолиҷаи бемориҳои гуногун чӣ комёбиҳои чашмгирро насиб гардида аст» [42, 107]. Чунончи, дар ривояти «Табобати дарди чашм» омадааст, Ибни Сино бо истифода аз усули хеле сода ва дар айни замон басе воқеию судманд чашмони дардманди подшоҳро шифо бахшонидааст:

*«Чашмони подшоҳ дард мекунад. Бисёр табибҳо дорую дармон мекунанд, натиҷа намедиҳад. Подшоҳ хабар меёбад, ки дар кадом як гӯшаи шаҳри Бухоро Ибни Сино ном ҳакиме зиндагӣ мекунад. Бо амри подшоҳ Ибни Синоро ба дарбор гирифта меоранд. Вай ба назди подшоҳ даромада, ба рӯи ӯ менигараду назбашро санҷида, дарҳол мегӯяд:*

*Подшоҳам! Дар шиками шумо ҷондоре пайдо шудааст, дарди чашмонатон ҳам аз ҳамин сабаб аст.*

*А? Чӣ? Ин шармандагӣ ку? Акнун чӣ мешавад? Илоҷаш чӣ?-гуфта мепурсад подшоҳ дар таҳлука афтода.*

*-Илоҷаш дар дасти худи шумо,-ҷавоб медиҳад Ибни Сино.*

*Подшоҳ Ибни Синоро тавалло мекунад:*

*-Илтимос, зудтар бигӯед, илоҷаш чӣ?*

*-Илоҷаш ҳамин, ки муддати ду ҳафта шумо шикаматонро бо ҳар ду дастатон мемолед, молидан, ки гирифтед, ҷондор дар шикаматон об шуда, нест мешавад. Баъд аз ду ҳафта ман боз омада, шуморо мебинам,-мегӯяд Ибни Сино ва бо подшоҳ хайру хуш карда, аз назди ӯ баромада меравад.*

*Подшоҳ дар давоми ду ҳафта беист шикамашро мемолад ва мебинад, ки дарди чашмонаш оҳиста-оҳиста барҳам мехӯрад. Ибни Сино мувофиқи ваъдааш пас аз ду ҳафта ба пеши подшоҳ омада, ба чашмони ӯ менигараду мегӯяд:*

*-Шумо акнун сиҳат шудаед, чашмонатон дар натиҷаи бисёр даст расонидану бисёр молидани худи шумо дард карда буданд. Барои он, ки ин корро дигар такрор накунед ва аз ин дард халосӣ ёбед, ман дастони шуморо бо молидани шикаматон банду андармон кардам. Агар ин одататонро тарк накунед, боз ба ҳамин дард гирифтор мешавед»* [46, 12].

Як ҷиҳати хеле ҷолиб ва шоистаи таҳсини шахсияти Ибни Сино ҳамчун табиби ҳунарманд ин аст, ки ӯ ба муолиҷаи беморони корафтодаи худ ҳамеша бо истифодаи роҳу равишҳои муассири табобат хизмат мекунад. Ва ҳар усуле, ки ӯ дар роҳи табобати беморон ба кор мебарад, натиҷаи дилхоҳ ба бор меоварад.

Дуруст аст, ки дар баъзе нақлу ривоятҳои мавриди баҳс бозтоби фаъолияти табибию заковати Ибни Сино аз ҳадди эътидол бурун рафта аст. Мисоли барҷастаи ин даъво ривояти «Ҳаммоми бирез, бирез!» аст, ки яке аз нусхаҳои нисбатан мукаммали онро қаблан зикр намудем.

Ҳамин тавр, дар тасаввури мардум симои Абӯалӣ ибни Сино ба мисли як табибе аст, ки дар бобати аз бемориҳои гуногун наҷот бахшидани одамон ва аз неъматҳои судманди табиат ба манфиати онҳо истифода намудан хизмати ниҳоят бузурге кардааст. Таърихан низ ин шахс бештарини умри нисбатан кӯтоҳ, вале бобаракати худро маҳз ба ҳамин кор сарф кардааст. Аз ин ҷост, ки ӯ дар байни мардум пеш аз ҳама ҳамчун табиб шуҳрат ёфтааст. Метавон гуфт, ки ин гурӯҳ ривоятҳо заминаи мустаҳками ҳаётӣ доранд ва аксаран дар асоси таҷрибаю кашфиётҳои аниқу доманадори илмии худи Ибни Сино ба вуҷуд омадаанд.

Дар байни силсилаи нақлу ривоятҳои дар бораи фаъолияти табибии Ибни Сино эҷодшуда асарҳое низ ҳастанд, ки мазмуни иҷтимоӣ доранд ва аз унсурҳои ҳаҷв, писханд, тамасхуру истеҳзо, киноя, ва амсоли инҳо саршору гаронборанд. Ҳадафи ҳаҷву масхара ва тамасхуру истеҳзои ин қабил нақлу ривоятҳо намояндагони дин, уламои мутаассиби ислом, яъне онҳое қарор гирифтаанд, ки бо ақида ва нуқтаи назари Ибни Сино зид буда, ба дониш ва кашфиётҳои беинтиҳои ӯ шак меоварданд, аз комёбиҳояш ба хашм омада, бединаш мехонданд, ба ҳаргуна туҳмату дасисаҳо бадном намуда, ҳатто барои қатл намудани ӯ ҳам ҳукм мебароварданд. Мутаваҷҷеҳ мешавем ба порчаи зеринии ривояти «Саргузашти Ибни Сино ва Абӯсолӣ», ки ҳадаф аз фошу мазаммат намудани тарсоию беиродагии подшоҳи давр ва муллоҳои ҷоҳил, ки бо роҳи туҳмату дасиса ва дурӯғу балво боиси тарки ватан намудани Ибни Сино ва бародараш Абӯсолӣ гардидаанд:

*«Абӯалӣ Сино дар Бухоро, вақто ки илмаш зиёд шуд, баромаду дорухона кушод. Дорухона кушоду ҳар хел касалиҳоро муолиҷа кардан гирифт. Муллоҳо аз кори Абӯалӣ Сино хабардор шуда, магал бардошта, пеши подшоҳ рафтанду гуфтанд, ки:*

*-Ҳамин Абӯалӣ Сино дар кори худо даст андохтааст, таваккалӣ ин тавр мегӯяд, таваккалӣ он тавр мегӯяд. Ҳаминро нест кардан даркор.*

*-Подшоҳ гуфт:*

*-Чӣ навъ табобат мекунад?*

*-Пешоби ҳар касалро тафтиш карда мебинаду баъд ба ҳар кадомаш дар шиша дору медиҳад.*

*-Подшоҳ гапи ин муллоҳоро шуниду гуфт:*

*-Сабр кунед, ман вайро имтиҳон мекунам.*

*Подшоҳ як гови зард дошт. Пешоби гови зардро ба як шиша гирифту ба як бачаи бесавод доду гуфт, ки:*

*-Инро ба Абӯалӣ Сино деҳ, гӯй, ки «дар мо як касал ҳасту пешоби ҳамонро овардам.» Бин, чӣ ҷавоб менависад, ман як дида бароям.*

*Бача шишаро ба Абӯалӣ оварда гуфт:*

*-Бародар, дар хонаи мо як касал ҳаст, худаш ба пеши шумо омада наметавонад, ман пешобашро овардам. Агар мумкин бошад, ҳаминро шумо дида, ба шумо ҳаёт диҳад, ба вай як дору диҳед, ки сиҳат шавад.*

*Абӯалӣ аз дасти бача шишаро гирифту гуфт:*

*-Саҳар биё.*

*Шабона Абӯалӣ Сино пешобҳоро аз назар гузаронида, давои касалро дар пушти шиша часпонда мемонад. Ҳамаи шишаҳоро гирифта дид, навбати шишаи подшоҳ омад. Гирифта дид, ки пешоби гови зард. Як табассум карду ҳеч чиз нагуфт. Ба қогаз навишт, ки: «давои ин касал кунҷораю каҳ. Каҳу кунҷораро мӯл диҳед, шира мӯл мегиред».*

*Саҳарӣ буд, ки ҳамон бача омад. Абӯалӣ Сино шишаро гап назада ба дасти бача дод. Бача гирифта пеши подшоҳ бурд. Подшоҳ қогази рӯи шишаро хонд, ки дар қогаз навиштагӣ: «Давои ин касал кунҷораю каҳ. Каҳу кунҷораро мӯл диҳед, шира мӯл мегиред».*

*-Ҳой, бародарҳо-гуфт подшоҳ,-ҳақиқатан табиб будааст. Ба вай дигар кордор нашавед.*

*Ба ҳамин ҳаври муллоҳо паст шуду Абӯалӣ Сино корашро давом додан гирифт. Тамоми халқ ба тарафи Абӯалӣ Сино гашт, ба муллоҳо нон намонд. Муллоҳо тамоман магал карда назди подшоҳ рафтанд.*

*Агар Абӯалӣ Синоро нобуд мекунӣ, кун, агар намекунӣ, мо чораи туро мебинем, - гуфтанд ба подшоҳ.*

*Подшоҳ аз он ваҳмида барои нобуд кардани Абӯалӣ Сино фикр кард. Аммо дар даруни инҳо шахсе аз Абӯалӣ Сино шифо дидагӣ буд. Оҳиста ба баҳонаи таҳоратшиканӣ хесту пеши Абӯалӣ Сино омад, гуфт, ки:*

*-Бародар, ҷонатро каш, ки ин муллоҳо балво кардаанд, туро нобуд мекунанд.*

*Абӯалӣ Сино гуфт:*

*-Ҳай, дарег! Охир ин муллоҳо балво кардаанд-дия!*

*Ин кас Абӯсолӣ гуфтагӣ ака дошт. Вай гуфт:*

*-Бародар, хез, акнун тарки ватан мекунем.*

*Абӯсолӣ ва Абӯалӣ Сино хестанд, аз ин шаҳр (Бухоро) баромада, ба мамлакатҳои дигар рафтанд…»* [46, 39].

Мисоли боло на фақат аз ҷиҳати фошу мазаммат намудани зудбоварӣ, беиродагӣ, тарсоӣ ва қаллобии подшоҳу ҳасудию нотавонбинӣ ва иғвогарию ҷоҳилии муллоҳо қобили мулоҳизааст, балки аз нуқтаи назари нишон додани бузургию дақиқназарии Ибни Сино ҳамчун табиби чирадаст низ басе муҳим мебошад. Танқиди ноҷавонмардонаи подшоҳи давр ва мазаммати иғвогарию шӯрандозиҳои уламову пешвоёну пайравони мутаассиби исломӣ, аз як тараф ва таъкиди ҳунари волои табобатӣ ва дар муқобили мухолифони ғоявӣ боло бардоштани обрӯю эътибори Ибни Сино бо роҳи нишон додани маҳбубияти ӯ дар байни мухлисони муқаррабонаш ҳадафи ин эпизод аст, ки ин ҳадаф бо шоистагӣ ба даст омадааст. Дар мавриди ба даст омадани ин ҳадаф хусусан ташхису муоинаи дурусти пешоб аз тарафи Ибни Сино ҷойгоҳи асосиро ишғол менамояд. Дар ин ривоят натанҳо образи Синоро чун табиби закииву доно ва як шахси поку беолоиш дар рӯ ба рӯи муллоҳои бадбин ва тангназар дидан мумкин, балки ҳамчунон муҳаббати намояндагони мардуми қаторӣ нисбати ӯ, ки дар симои як нафаре дар байни ин иғвогарон ҳувайдост.

Дар ривояти «Узр» низ муллоҳо бо Ибни Сино дар муносибати душманона қарор доранд. Вале бо вуҷуди он ҳама нотавонбиниву мухолифати муллоҳо дар ин ривоят низ чун ҳарвақта илму дониш ва ҳунари Ибни Сино пирӯзу дастболо аст. Воқеа чунин аст:

*«Домуллоҳо беморро «чилёсин» мекунанд, натиҷа намебахшад. Абӯалӣ Сино мехоҳад, ки беморро бинад, вале домуллоҳо иҷозат намедиҳанд ва мегӯянд:*

*Ҳозир чилёсин кардем, агар ба шумо нишон диҳем, ҷину аҷинаи вай ба ҷонатон зарар мерасонад.*

*Ниҳоят бо хоҳиши яке аз наздикони бемор домуллоҳо розӣ мешаванд. Абӯалӣ беморро мебинаду ба ӯ дору медиҳад. Баъди доруро хӯрдан касале, ки чанд вақт боз аз забон монда буд, сарашро аз болишт бардошта ба домуллоҳо мегӯяд.*

*-Ҷину аҷина худи шумо ҳастед. «Сиҳат мекунем» гуфта, одамро мекушетон-ку?*

*Одамоне, ки ба сари бемор ҷамъ омада буданд, ҳама ҳайрон мемонанд: «Касале, ки ҳеҷ гап зада наметавонист, ба гап даромад» – гуфта. Яке аз одамҳо Абӯалӣ Синоро шинохта, кӣ будани ӯро ба мардум мефаҳмонад. Баъд одамон ба Абӯалӣ саҷда карда, аз ӯ узр мехоҳанд.»* [46, 31-32].

Бо мақсади шармандаю беобрӯ кардани Ибни Сино ва қасосгирӣ аз ӯ роҳи фиребро пеш гирифтани муллоҳо ва дар ин роҳ нокому ноумед ва шармандаю шармсор гардидани худи онҳо дар ривояти «Алҳазар, алҳазар» низ ба таври хеле ҷолиб инъикос ёфтааст:

*«Пешвоёни шариат Ибни Синоро шарманда кардан хоста, рӯзе яке аз мухлисони худашонро ба тобут андохтанду фарёду вовайлокунон назди Ибни Сино бурда ба ӯ:*

*-Инро бинед, - гуфтанд.*

*Ибни Сино тобутро кушода шахси хобидаро аввал ба пойҳояш нигарист, ки пойҳои ӯ дарозу зонуҳояш рост, баъд пилки чашми ӯро кушоду дид, дар гавҳараки чашмаш чизе акс нашуд. Сино баъд ба сӯи муршид - сарвари муллоҳо нигоҳ карда гуфт:*

*- Ин одам мурдааст, ба қабристон баредаш.*

*Муллоҳо қоҳ-қоҳ зада хандиданд ва ба ӯ «ту каллобӣ, ту каззобӣ» гӯён заҳри таънаву маломат пошиданд. Баъд аз ин муршид ба нӯги асояш мурдаро нихта карда:*

*- Хез, ба ин нодон худро нишон деҳ, ки ту зиндаӣ! - гуфт.*

*Аз даруни тобут садое набаромад, он шахс осори ҳаёт зоҳир накард. Ӯ аз ҳайбати тобуту доду фарёди ваҳмангези тобутбардорон тарсида кайҳо мурда буд.*

*Ибни Сино ғазаб карда, ба муршид гуфт:*

*Шариатпаноҳо! Дурӯғ гуфтан ва қаллобӣ суфтан аз маърифати ҳаюлоӣ набувад. Ин пеша хоси табиати шумо ва шумо барин касон аст, ки ҷумлагӣ бо ҳамин роҳ зиндагӣ мекунед. Алҳазар! Алҳазар аз ин гуна зиндагӣ!* [46, 21-22].

Дар ин ривоят ҳуҷуми рӯҳониён на фақат бар зидди Ибни Сино, балки ин ҳуҷум ба муқобили илму дониш ва хиради умуминсонист, ки Ибни Сино намунаи таҷассумкунандаи барҷастаи он мебошад. Дар ин ривоят ҳуҷуми руҳониёни мутаассиб кушоду равшан, бешармона ва дар шакли басе нафратовар сурат гирифтааст. Аз ин амале, ки муллоҳо дар ривояти мазкур содир кардаанд, бармеояд, ки ин қабил одамон барои ноил шудан ба мақсади зишту ифлоси худ аз ягон кори нангину бешарафона, ҳатто аз қурбон кардани ҷони одами бегуноҳ низ худдорӣ намекунанд. Вале аз ин ҳодиса аён аст, ки ин гуна амалҳои нораво ва нанговари рӯҳониён ба онҳо комёбию пирузиҳо наоварда, баръакс боиси шармсору шарманда ва фиребхӯриву пушаймонии онҳо гардидааст.

Чи тавре ки маълум гашт, кинаву адоват ва эҳсоси бадбиние, ки муллоҳои ҷоҳилу иғвогар нисбат ба Ибни Сино дар дил мепарваридаанд, ҳадду канор надоштааст. Маҳз ҳамин кинаву адовати беандоза ва рашку ҳасади аз ҳад зиёд нисбати як намояндаи барҷастаи ақлу хирад ва илму фарҳанг аст, ки онҳоро барои даст задан ба чунин амали зишту нанговар роҳнамун сохтааст.

Вале бо вуҷуди ин ҳама ривояти мазкур, пеш аз ҳама, намунаи нотакрори таҷассуми ғалабаи ақли солим ва хиради баландпоя бар ҷоҳилию коҳилӣ, пирӯзии илму дониш аз болои дурӯғ, фиребу найранг, рашку ҳасад,

кинаву адоват ва тантанаи некию накукорӣ ва башардӯстӣ аз болои ҳама гуна аъмоли зишти инсонӣ мебошад. Ин ривоят бори дигар ба тасвиб мерасонад, ки Ибни Сино воқеан ҳам донишманди бузург, табиби беамсол, шахсияти шердилу пурғурур, таслимнопазир, ҳақгӯю ҳақҷӯ ва душмани хислатҳои бади инсонӣ, аз қабили қаллобию мардумфиребӣ, рашку ҳасад, худнамоию худписандӣ ва носипосию дилозорӣ аст. Чунин ҷиҳати шахсияти ӯ хусусан дар суханҳои ҷавобии худи ӯ ба муршид-сарвари муллоҳо аён аст. Аз ин рӯ, ривояти мазкурро дар муборизаи Ибни Сино бар зидди душманони ғоявии ӯ яке аз муҳимтарин асарҳои фолклорӣ шуморидан мумкин аст.

Чуноне ки адабиётшинос Х. Шарифов дар муқаддимаи китоби «Бадоеъ-ул-вақоеъ» мегӯяд: «Чанд ҳикояте, ки ба номи Ибни Сино мансубанд, аксар сарчашмаи пайдоиш аз биниши ривоятии мардумӣ доранд. Лекин Восифӣ онҳоро ҳам ба мақсад ва матлаби худ мувофиқ гузориш додаст. Дар ин ҳикояҳо қобилияти фитрии Ибни Сино, ки аз айёми туфулият ҳувайдо будааст, заковату фаросаташ, ҳунари беҳамтои табибиаш тасвир шудаанд [15, 5].

Умуман, дар ҳамаи нақлу ривоятҳое, ки ба кору фаъолият ва зиндагии аҳли илму дониш ва ҳунару санъат бахшида шудааст, ақидаҳои аҳли ҳунару илм бар зидди ақидаҳои ҳокимону амирон муқобил гузошта мешавад. Маъмулан, дар ин муқобилгузорӣ аҳли илму адаб дар кори худ муваффақият доранду дастболо мешаванд.

Ривояте, ки ин ҷо мавриди таҳқиқ қарор медиҳем, «Табобати шахси говшуда» ном гирифтааст, ки дар ин ривоят Ибни Сино аз усули хоси ақлонӣ, ки сабаби аз марг ва маризӣ наҷот ёфтани бемор мегардад истифода бурдааст. Бояд гуфт, ки ривояти мазкур аз ҷиҳати муҳтаво ва тарзи истифодаи усул ба гурӯҳи ривоятҳои «Абӯалӣ ибни Сино ҳамчун равоншинос» низ тааллуқ дорад:

*«Манқул аст, ки дар Бухоро шахсеро маризе воқеъ шуд, ки фарёд мекарду зорӣ менамуд, ман гов шудаам, маро бикушед ва бихӯред. Ӯро ба пеши Абӯалӣ оварданд, фармуд, ки дасту пойи вайро барбастанд ва корде талабид ва онро санг кашид, тез сохт ва баъд аз он ба пеши вай омаду гуфт:*

*- Ғам махӯр, ки ман туро мекушам. Ӯ зорӣ менамуд, ки «зуд бишав ва дар ин кор таъхир макун». Абӯалӣ даст бар паҳлӯи вай расонид ва эҳтиёт карду гуфт, ки ин гов бисёр логар аст ва хӯрдани он намешояд, чанд рӯзе ӯро тарбият кард ва гуфт:*

*- Агар мехоҳӣ, ки ба мақсуд расӣ, бояд, ки ҳар ғизо ва шарбате, ки ба ту фармоям ихтиёр кунӣ. Гуфт:*

*- Миннатдорам, - ва қабул намуд.*

*Абӯалӣ шарбатҳо ва ғизоҳое, ки тақвияти димоғ кунад, барои вай таъин намуд. Баъд аз чанд рӯз он мариз мундафе гардид. Абӯалӣ пеши вай рафту гуфт, ки чун аст, ки фарбеҳ гаштаӣ, ки туро фармоям, ки бикушанд. Вай музтариб гашта, гуфт, ки ин чӣ сухан аст, ки ту мегӯӣ? Ҳар ки қасди ман намояд, ман ӯро пора-пора созам. Ҳосил, ки Абӯалӣ ӯро бо ин тадбир аз он мариз халос кард»* [15, 113-114].

Аз муҳтавои ривоят маълум мешавад, ки ин шахс бо сабаби танқисии рӯҳӣ ба чунин беморӣ гирифтор гардида будааст. Равише, ки Ибни Сино дар табобати ин шахс истифода бурдааст, гарчанде дар назар содда намояд, ҳам вале ӯ тавонистааст, тавассути ақли расо ва ботадбирии хеш бори дигар собит намояд, ки агар ҳар як инсон ақли худро дуруст истифода намояд корҳои бузурге карда метавонад.

Чуноне ки Раҳим Ҳошим дар китоби «Ибни Сино» қайд намудааст: «Ба ҳамин тариқ гуфта метавонем, ки Сино дар муолиҷа аз усули таъсири руҳӣ ва талқин истифода бурда, дар ҳар мавриди ҷудогона тариқаҳои хос ба кор мебурдааст. Ӯ ба асари бузурги худ «Қонун» борҳо баргашта ва онро такмил додааст. Шогирдаш Ҷузҷонӣ ба ин ишора карда мегӯяд: «Шайх ёддоштҳои гаронбаҳое аз таҷрибаҳои худ дар зимни муолиҷаҳо дошт, ки мехост ба «Қонун» илова кунад ва онро мураттаб намояд, вале он ёддоштҳо гум шуда аз байн рафтанд» [87, 64].

Ҳамин тариқ, аз рӯи мулоҳизаҳои боло ва таҳлили нақлу ривоятҳо дар хусуси Абӯалӣ Сино ба чунин хулоса омадан мумкин аст: ҳикоёту ривоёте, ки мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтаанд, меҳрномаи халқ, баёнгари эҳтироми самимонаи мардум нисбат ба нобиғаи ҷаҳонӣ Абӯалӣ ибни Сино ва

дар ин қатор дигар бузургони илму адаби тоҷик ба монанди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Носири Хусрав ва дигарон тарғибгари ғояҳои заволнопазири инсондӯстию озодихоҳии онҳо мебошад. Ин нақлу ривоятҳо гувоҳи онанд, ки халқ хизматҳои бузурги ин фарзандони арҷманду фарзонаи худро, ки бо ақлу заковати тасхиркунандаашон дар роҳи рушду инкишофи тамаддуни башарӣ ба ҷо овардаанд, на фақат фаромӯш накардаанд, балки ному мақоми онҳоро дар радифи ному мақоми тавонотарин арбобони тамаддуни умумиҷаҳонӣ ба таври абад посдорӣ ва арҷгузорӣ менамоянд.

Ривоятҳое, ки ба мавзӯи табибии Ибни Сино иртибот мегиранд, бо муҳтавои пурғановату рангини худ аз ривоятҳои паҳлуҳои дигар доштаи кору фаъолияти ӯ фарқ мекунанд. Онҳо собит менамоянд, ки Ибни Сино ҳанӯз ҳазор сол муқаддам, бо вуҷуди ҳуҷумҳои пай дар пайи ошкорою ниҳонии уламои мутаассиб ва пешвоёну пайравони тариқатҳои тасаввуф ва тӯҳмату дасисаҳои онҳо, инчунин сарфи назар аз ночизу бебақо будани асбобҳои табобатиаш, пурарзиштарин дастовардҳои илми тибби Шаркро ба ганҷинаи тамаддуни умумиҷаҳонӣ барои наслҳои баъдӣ ба армуғон оварда, бо ҳамин номи табиби шуҳратманди ҷаҳониро сазовор гардидааст.

## Фасли 2. НАҚШИ РАВОНШИНОСИИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР НАҚЛУ РИВОЯТҲОИ МАРДУМӢ

Симои Абӯалӣ ибни Сино ҳамчун равоншиноси соҳибистеъдод дар нақлу ривоятҳои дигари халқӣ инъикос ёфтааст. Дар ин бора, хусусан ривоятҳое, ки бо номҳои «Давои дарди ишқ», «Дурӯғи шифобахш» ва «Фарёди судманд» сабт шудаанд, қобили мулоҳизаанд. Ин ривоятҳо иттилоъ медиҳанд, ки чи гуна Ибни Сино бо истифода аз равишҳои махсуси таъсиррасонии равоншиносӣ бемориҳои вазнини руҳиро муолиҷа мекардааст. Дар масъалаи табобати ин навъ бемориҳо Ибни Сино равиши ба таври ногаҳонӣ ба ғазаб овардан ва ё тарсонидани ашхоси дардмандро бештар ба кор бурдааст. Вале дар баъзе ривоятҳо беморҳои руҳиро бо роҳи ба забон овардани суханони руҳпарвару шодиовар, лафзи нарму ширин ва ё хотиррасон намудани ҳодисаҳои фараҳбахш аз ҳаёти худи онҳо табобат кардани Ибни Сино низ ба чашм мерасад.

Дар ривояте, ки мавриди таҳлил қарор медиҳем, ҷавоне ба хотири бетафовутии Сино нисбат ба ӯ мехоҳад худкушӣ кунад. Ҷавон қаблан ба назди Ибни Сино меояд чун давои дарди ӯ ба Сино маълум буд ӯ тавре рафтор кард, ки ҷавони бемор аз ӯ биранҷад ва барои халосӣ аз маризӣ чорае биандешад ва дар ин роҳ Сино низ муваффақ шавад. Ҷавон фикр мекунад, ки дарди ӯ даво надорад барои ҳамин тасмим мегирад то худро нобуд созад. Аз тарафи дигар Сино тавассути шогирдаш дар фикри аз марг наҷот додани ҷавон мегардад. Ҳамин тариқ, Сино шогирди худро аз паси он ҷавон равон мекунад ва шогирдаш тавассути расонидани хабари хуш беморро аз марг наҷот медиҳад ва ҳамин гуна Ибни Сино ин навбат низ барои расидан ба мақсад дар ин ҷода муваффақ мегардад. Ривоят чунин аст:

*«Рӯзе ба назди Абӯалӣ Сино як ҷавони бемор омадааст. Абӯалӣ Сино ба ӯ нигоҳ кардаасту чизе нагуфта, ба пеши бемори дигар гузаштааст. Ҷавон гумон кардааст, ки дарди ӯ бедавост, озурда шуда, ба хонааш рафтааст. Абӯалӣ Сино ба гӯши яке аз шогирдонаш чизе гуфта, ӯро пинҳонӣ ба думболи ҷавон фиристодааст.*

*Ҷавони бемор аз хонааш аргамчинро гирифта ба боғ баромадааст. Баъд ба ин тарафу он тараф нигоҳ кардаасту аргамчинро ба шохи дарахт баста, худашро овехтанӣ шудааст.*

*Шогирди Абӯалӣ Сино давида рафта, бандро буридаасту ба ҷавон гуфтааст:*

*- Абӯалӣ Сино гуфтанд, ки шумо дигар назди он кас наравед, шумо ягон беморӣ надоред.*

*Бемор аз шунидани ин суханон якбора шод шуда, аз касалии рӯҳӣ, ки чанд вақт боз ба он гирифтор будааст, халос шудааст.*

*Баъд Абӯалӣ Сино сирри ин корро ба шогирдаш фаҳмонидааст:*

*- Ин гуна беморонро маҷбур кардан лозим аст, ки сахт ранҷида, қасди худкушӣ кунанду баъд якбора шод шаванд»* [46, 27].

То андозае ки маълумот мавҷуд аст, метавон гуфт чунин тарзи муносибат ва дармонбахшӣ ба касалиҳои руҳӣ дар илми равоншиносӣ ҷоиз ва роиҷ аст. Вале барои таҳлили мо ҷанбаи воқеии он камтар зарурат дорад, вале ҷанбаи обарзофаринии он ҷолиби диққат аст. Чунон ки дида мешавад, мардуми ривоятгар ба ҳар роҳ заковати қаҳрамонашро мехоҳад ба маърази шунаванда гузорад ва ривояти боло мисоли одии он аст. Бовуҷуди он, ки дар ривояти мазкур рафтори Сино то андозае ғайри қобили қабул бошад ҳам, он ба манфиати мариз ва барои ҷилвагар намудани симои Сино ҳамчун табиби ҳамадон хизмат намудааст. Бори дигар бояд тазаккур дод, ки аксари нақлу ривоятҳои дар бораи ин абармард эҷодшуда дар заминаи асару китобҳои навиштаи худи ӯ офарида шудаанд. Ин гуфтаҳоро дар ривояти «Давои дарди ишқ», ки ҷавони ошиқ бародари Умар дӯсти даврони кӯдакии Сино буд ва дар ҳамсоягии онҳо зиндагӣ мекарданду якҷоя ба воя расида буданд, Ибни Сино тавассути дар даст гирифтани набзи мариз донистааст, ки ҷавон ошиқ аст исбот мекунад. Чунонки Ибни Сино дар боби аввали китоби сеюми «Қонун» дар мавзӯи ишқ маҳз нишонаҳои ин қабил бемории руҳӣ ва тарзи ташхиси онро баён кардааст: «Ишқ маразест савдоӣ монанд ба молихулиё (меланхолия, бемории руҳӣ)… Аломати он ба чуқурӣ рафтан, хушкидан ва беобии чашм ва ҳаракати доимии пилк аст. Ҳолати умумии чашм дар ин

ҳангом ба чашми касе монанд мешавад, ки хабари ҷолиби диққат ё хушеро шунида бошад. Дам - нафасгирии бемор дар ин ҳангом зиёд ва зуд-зуд қатъшаванда аст» [62, 3]. Ибни Сино баъд аз муфассал нишон додани аломатҳои ин навъ бемориҳо ба тарзи муайян кардани ташхиси он мегузарад: Роҳи ин шиносӣ он аст, ки табиб набзи маризро дар даст гирад ва номи чанд касро муқаррар дар пеши ӯ ном барад, ҳар гоҳ дар ҳаракати набзи ӯ ихтилофи шадиде дод, он номҳоро то ҳадде такрор кунад, то ба номи воқеии маъшуқа бирасад… Мо ин тариқаро таҷриба кардем ва он чи ошноӣ бар он дар ин маврид лозим буд, истихроҷ намудем ва аз ин роҳ ба муолиҷаи мариз ва бозгашти сиҳати ӯ пардохтем [62,154]. Акнун ривояти дар миёни халқ дар ин мавзӯъ роиҷбударо аз назар мегузаронем:

«*Ҷавоне сахт бемор мешавад. Ягон табиб ӯро сиҳат карда наметавонад. Абӯалиро меоранд. Ӯ мефармояд, ки:*

*- Мардеро биёред, ки номи ҳамаи деҳаҳои гирду атрофро донад.*

*Он мардро меоранд. Абӯалӣ набзи беморро медораду ба он мард мефармояд, ки номи ҳамаи деҳаҳоро якто-якто номбар кунад.*

*Мард деҳаҳоро якто-якто номбар мекунад ва дар вақти ном бурдани яке аз деҳаҳо набзи бемор тез мезанад.*

*Абӯалӣ мегӯяд, ки:*

*- Акнун шахсеро биёред, ки тамоми хонаҳои он деҳ ва соҳибашонро донад.*

*Чунин шахсро ҳам меоранд. Абӯалӣ набзи ҷавонро дошта, он мардро мефармояд, ки соҳибони хонаҳои он деҳро номбар кунад. Ҳини номбар кардани яке аз хонаҳои деҳ бемор беҳуш мешавад.*

*Абӯалӣ мегӯяд:*

*Соҳиби он ҳавлӣ духтаре дорад. Он духтарро ин ҷавон дӯст медорад, онҳоро зуд никоҳ бандед.*

*Онҳоро никоҳ мебанданд. Ҳамин тавр он ҷавон сиҳат мешавад»* [46, 24].

Вобаста ба ин мавзӯъ ривояти дигаре бо номи «Суди тарс» рӯйи даст аст, ки хеле ҷолиб ба назар мерасад. Дар ин ривоят ҳам Сино аз як усули хеле сода, ки ба воситаи таъсиррасонии равонӣ марди беморро аз мариз наҷот медиҳад, истифода намудааст, ки чунин аст: «*Ривоят мекунанд, ки Абӯалӣ*

*Сино ҳафтае як маротиба дар сари кӯча беморонро медидаст. Як рӯз ба назди як бемор рафта, ба рӯи ӯ бо диққат нигоҳ кардаасту якбора дод гуфтааст:*

*- Ҳой шогирдон, биёед, ки ман қотили падарамро ёфтам!*

*Шогирдон тозон омадаанд ва беморро рӯйи ҳавлӣ даровардаанд. Баъд бо ишораи Сино ӯро аз ду пояш ба забаррави саисхона овехтаанд. Абӯалӣ Сино бошад як корди калони тезро гирифта назди бемор омадаасту ба ӯ гуфтааст:*

*- Падарам дар вақти ҷон доданаш гуфта буд, ки қотили ӯ дар пешонааш холи калон дораду гӯши росташ захмӣ. Ман ин аломатҳоро дар ту мебинам. Ман интиқоми падарамро бояд аз ту ситонам.*

*Бемор ба зориву илтиҷо даромадааст:*

*- Ман ҳеҷ касро накуштаам.*

*Абӯалӣ Сино:*

*- Ман туро зинда ба зинда пӯст меканам, - гуфта кордро ба шиками бемор расонидааст.*

*Бемор сахт тарсида бо тамоми қувваташ дод гуфтааст. Ҳамин вақт аз даҳони ӯ як чизи лунда парида ба замин афтидааст.*

*Абӯалӣ Сино он чизро гирифта гуфтааст:*

*- Иллати дарди ту ана ҳамин буд. Хурсанд шав, ки аз дард халос шудӣ.*

*Бемор ба дониши Абӯалӣ Сино қоил шуда, сиҳату саломат ба хонааш баргаштааст»* [43, 59-60].

Албатта маълумоти ин ривоят боварнокарданӣ бошад ҳам, вале аз мазмуни он бaралло маълум аст, ки Ибни Сино аз соҳаи равоншиносии илми тиб хеле хуб хабардор будааст. Ӯ ҷиҳати табобати беморон аз усулҳои содда васеъ истифода бурда, дар ин кор ба муваффақиятҳо низ ноил мегардад.

Ривояти дигаре, ки аз рӯйи мухтаво ба ривояти қаблӣ хеле монанд буда, танҳо аз ҷиҳати қаҳрамонони асосӣ фарқ дорад, хеле ҷолиб аст. Дар ин ривоят Сино барои даво бахшидан ба дарди подшоҳ аз як усули хеле ҷолиб, ки дар воқеъ ҳар кас ба ин тарзи табобат розӣ шуда наметавонад, истифода намудааст. Мазмуни ривояти мазкурро ба таври мухтасар пешниҳод менамоем: *Подшоҳе бемор мешавад ва Ибни Синоро меоранд. Пас аз муоина табиб ба подшоҳ пешниҳод мекунад, ки давои дарди ӯ хуни писараш аст.*

*Подшоҳ аз ин хабар хеле ғамгин мешаваду вале бо исрори Сино розигӣ медиҳад. Ибни Сино шарт мегузорад, ки писарашро бояд дар назди чашмони худаш забҳ кунад. Ҳамин тавр дар як утоқ аз байн як парда мекашанд ва дар пеши чашмони подшоҳ писарашро хобонда, чашмони подшоҳро мебандад. Дар ин вақт гусфанд низ омодаи забҳ буд. Вақте Сино гусфандро забҳ мекунад овози ҷорӣ шудани хун мебарояд подшоҳ фикр мекунад, ки писарашро куштанд бо тамоми қувва ва ҳастӣ дод мезанад. Дар ҳамин вақт аз даҳонаш чизе парида меафтад. Подшоҳ чашмонашро боз карда мебинад, ки писараш зиндаву саломат аст ва худи ӯ низ аз он дард шифо меёбад.*

Муҳтавои ривояти мазкур аз ҷиҳати равиши табобат ба ривояти қаблӣ хеле монанд аст. Ҳамчунин, бо чунин мазмун ривояте оид ба пайғамбар Иброҳим низ вуҷуд дорад, ки бо фармони Худованд писари худро қурбонӣ карданӣ мешавад. Вале агар дар ин ривоят Иброҳим писарашро дар роҳи Худованд қурбонӣ карданӣ бошад, дар ривояти ба Сино вобаста буда, писари подшоҳ барои ба дарди падараш даво бахшидан бояд қурбонӣ мешуд. Аз сабабе ки халқ ин ривоятро оид ба Ибни Сино офаридааст, ба ҳамин хотир қурбониро ба шифо ёфтани подшоҳ нисбат додаанд.

Агар ривояти мазкурро аз ҷониби дигар таҳлил намоем, дар илми тиб чунин усули табобат вуҷуд надорад. Чуноне ки сарчашмаҳо ишора намудаанд, Ибни Сино дар ҳамон давру замон барои ҷарроҳӣ кардан асбобу ҷиҳози заруриро дошт ва ин тарзи табобатро низ таҷриба намудааст. Азбаски ривоят моли халқ аст, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ба баъзе ҷанбаҳои ҳодисаҳои ғайриоддӣ бовар доштани мардум дар ин ривоят инъикос гардидааст. Умуман, дар муҳтавои ҳамаи ривоятҳо халқ симои Ибни Синоро дар роҳи табобат бо ҳар гуна равишу усул нишон дода, табиби донову заковатпеша будани ӯро тасвир намудааст.

## Фасли 3. СИМОИ СИНОИ ОМӮЗГОР ДАР НАҚЛУ РИВОЯТҲОИ МАРДУМӢ

Мардум давомдиҳандаи ақидаву расму оинҳо мебошанд. Аз ин рӯ ақидаҳои тарбиявии Ибни Сино низ тавассути аз даҳон ба даҳон гузаштан миёни мардум паҳн гардида, мавқеи муайяни худро дар ҷомеаи суннатии тоҷикон пайдо намудааст. Ин ақидаҳо фаротар по гузошта ва ривоятҳо васеътар паҳн гашта, ба адабиёти бадеӣ ва илмӣ низ роҳ ёфтаанд ва то андозае хусусияти китобиро низ касб намудаанд. Мавзӯи ахлоқу тарбия, омӯзишу парвариш яке аз муҳимтарин самтҳои таваҷҷуҳи мардум дар адабиёти шифоҳӣ ва китобии тоҷик ба шумор меравад. Ақидаҳои тарбиявии халқ дар жанру шаклҳои гуногун ифода ёфтаанд. Онҳоро метавон дар зарбулмасалу мақол, суруду тарона ва ё афсонаву ривоятҳо пайдо кард. Вобаста ба ин мавзӯъ чандин нақлу ривоятҳои мардумӣ нисбат ба Абӯалӣ ибни Сино эҷод гардидааст, ки аз даҳон ба даҳон гузашта аҳамияти бузурги тарбиявӣ ва илмиву адабии ин ақидаҳо аз байн нарафта ва то ба мо ҳамчун мероси адабиву фарҳангӣ омада расидаанд.

Абӯалӣ Синоро аллома меноманд, яъне донандаи ҳамаи илмҳо, устоди ҳамаи донишмандони замони худ ва асрҳои минбаъда. Ягон соҳаи илми замонаш нест, ки ӯ дар бораи он фикру ақидаҳои худро нагуфта ва рисолае нанавишта бошад. Ба тарзи дигар гӯем, Абӯалӣ Сино файласуф, мантиқшинос, нуҷумдон, табиатшинос, табиби ҳозиқ, адабиётшинос, забондон, шоир, омӯзгор ва равоншинос буд.

Чун дар бораи фаъолияти серпаҳлӯ, гуногун ва рангини Сино нақлу ривоят ва гуфтаву навиштаҳои зиёде мавҷуданд, баъзан чунин фикр ҳам ба миён омаданаш мумкин аст, ки оё ақидаҳои тарбиявии гузаштагон, аз ҷумла таълимоти ахлоқии Сино кӯҳна нашудаанд? Ба ин савол ҳам ҷавоби мусбат ва ҳам манфӣ гардондан мумкин аст. Дар ҳақиқат, аз он чи Абӯалӣ Сино навиштааст, зиёда аз 1000 сол гузаштааст. Дар бадали солҳо чандин сохту шаклҳои ҷамъиятӣ омаданду рафтанд. Инсоният, аз ҷумла мардуми Осиёи Миёна аз аҷдодони 1000 сол муқаддам зиндагӣ карда чандин маротиба

бештар дорои ҷаҳонбинию донишу таҷрибаҳо мебошад. Сино дар ҷамъияте зиндагӣ мекард, ки ҳанӯз осори ғуломдорӣ ба назар мерасид, зиддиятҳои мазҳабию низоъу талошҳои феодалӣ барои ҳокимият ва мансабу даромадҳо буд. Ақидаҳои Ибни Сино ба мардуми ҳамон давра хидмат мекарданд. Лекин ин маънои онро надорад, ки мо аз гузашта, махсусан аз мероси маданӣ, илмӣ ва адабии худ даст кашем.

Ҷойи қайд аст, ки иқдоми пешгирифтаи Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» бамаврид буда, барои пешрафти тафаккуру масъулиятшиносӣ ва худшиносии миллии ҷавонон аз ҷумла, падару модар дар ҷомеа ва боло бурдани сатҳи ҷаҳонбинии онҳо барои ояндаи миллати тоҷик ва кишвари Тоҷикистон хеле муассир арзёбӣ мегардад. Муҳим ин аст, ки қонуни мазкур дар заминаи мушоҳидаҳо ва таҳлилоти масъалаҳои ахлоқ аз нигоҳи ҷаҳонбинии таърихии миллати мо таҳия гардид ва он ба қавле хулосаи афкори гузаштагони мо мебошад.

Чунончи, ақидаҳои тарбиявии Ибни Сино дар фолклори тоҷик тавассути нақлу ривоятҳо садсолаҳо инҷониб ҷиҳати таълиму тарбияи фарзанд интиқол мешаванд ва дар рӯзгори мардум мавқеъу саҳми арзанда доранд. Андешаҳои Сино дар соҳаи таълиму тарбия, чи дар адабиёти хаттӣ ва чи дар адабиёти шифоҳӣ, бо амиқӣ, возеҳу равшанӣ ва ҳадафмандии худ арзиши баланди илмӣ ва фалсафӣ доранд. Ӯ таълиму тарбияи анъанавии асри миёнаро такмил дода, пешниҳодҳои ҷолиб тавсия кардааст. Абӯалӣ Сино таъкид мекунад, ки ақли инсон ба дарк ва ҳал намудани ҳамаи муаммоҳои табиат ва ҷамъият қодир аст. Ӯ ба муқобили онҳое, ки «доноӣ» ё «донишманд»-и хоси зумрае аз одамон аст мегуфтанд, бо заҳмати беандозаи худ ва шогирдонаш собит кард, ки ҳама агар меҳнат намояд, ҷустуҷӯ кунанд, завқ ва шавқе дар дил дошта бошанд, корҳои бузург карда метавонанд. Ибни Сино дар қитъае мегӯяд:

Майли ман бар мунтаҳои мақсади олӣ бувад,
Пояи поён нахоҳад ҳеҷ гоҳ хотир маро.

Хоҳам ин, ки ворасам то қуллаи мақсуди худ,
Ё ки дар ин роҳ хобонад аҷал охир маро [89, 37].

Абӯалӣ Сино мегӯяд, шаҳват, коҳилӣ, ҳасад, зулм ва монанди инҳо, душмани ҷони инсонанд. Онҳо зиндагии муътадили инсонро вайрон мекунанд. Бинобар ин, ақл набояд шефтаи онҳо гардад, балки барои дар ихтиёри худ даровардани онҳо ҷадал намояд. Ибни Сино дар асари «Ҳай ибни Яқзон» қисман саргузашти худро ба воситаи образҳои рамзӣ ва воситаи чизҳои моддӣ муносибати худро ба илм ва ба ононе ки илмомӯзиро куфр медонистанд ва шахсони фикрҳои пешқадам гуфтаро таъқиб мекарданд, ифода намудааст.

Вақте ки Абӯалӣ Сино дар ҳабсхонаи қалъаи Ҳамадон аз бекасию танҳоӣ азоб мекашид, ақл ки шоир ба ӯ «Ҳай ибни Яқзон» ном гузоштааст, ҳамроз ва ҳамсуҳбати ягонаи вай мешавад. Ҳай ибни Яқзон бо Абӯалӣ барои ҳалли мушкилоти ҳаёт ва кушодани гиреҳи масъалаҳои илмӣ омӯхтани мантиқ ва фалсафаро талқин мекунад. Персонажҳои дигари асари «Ҳай бинни Яқзон» шартан шаҳват, ғазаб, дунёпарастӣ, коҳилӣ, ҳасад, зулм, дуздӣ ном гирифтаанд. Абӯалӣ Сино бо ҳар яки ин майлҳои табиӣ муносибати худро баён месозад. Ӯ ба қувваи ақли инсон баҳои баланд дода, ақлу фаросатро ба хислатҳои (инстинкт) модарзодӣ, ирсӣ, ирсият муқобил мегузорад. Ин навъ фикрҳо дар «Китобул шиорот фил мантиқ ва қисмат» инкишоф ёфтаанд. Абӯалӣ Сино таъкид мекунад, ки барои инкишофи ақл илму маърифат аҳамияти калон дорад. Абӯалӣ ақлро тавсиф намуда менависад, ки ӯро пирӣ, хастагӣ ва мондашавӣ нест, вай ҳамеша ҷавон ва бардам аст. Агар касе бо ақл унс гирад, вай то охир ба ӯ вафодор мемонад. Фақат бо истифода аз ақл соҳиби дониш шуда, баду некро аз ҳам фарқ карда, роҳи дурусти зиндагиро интихоб кардан мумкин аст. Доир ба ин масъала Қиссаи «Ҳай ибни Яқзон» аҳамияти бузурги тарбиявӣ ва илмиву адабӣ дорад [66, 45-62].

Дар дигар асарҳои Абӯалӣ Сино низ мо фикрҳои пешқадами ӯро дар бораи аҳамияти илм, навъҳои илми гузашта ва замонаш, роҳҳои омӯзиши

илмро мутолиа мекунем. Илова бар ин бояд қайд кард, ки мувофиқи маълумоти нақлу ривоятҳо фикру ақидаҳои тарбиявии Сино дар адабиёти шифоҳӣ низ домани васеъ густурда, ҷиҳати тарбияи инсони комил саҳми арзанда гузоштааст. Аз ин ҷост, ки вобаста ба ин мавзӯъ нақлу ривоятҳои мардумӣ эҷод гардида, то ба имрӯз аҳамияти бузурги тарбиявӣ ва илмиву адабии ин ақидаҳоро то ба мо ба мерос оварда расонидааст.

Дар боби омӯзгор будани Ибни Сино шогирди вафодораш Абӯ Убайди Ҷузҷонӣ, ки то охири умр бо ӯ буд чунин мегӯяд: «Истеъдоди кории аҷибе дошт, бо сабру устувории бемисле кор карда метавонист. Ҳар рӯз пеш аз сар задани офтоб аз хоб мехест, ба навиштан ва хондани китобҳо машғул мешуд. Баъд шогирдонаш меомаданд, ки ба онҳо дарс мегуфт ва сари вақт ба дарбор рафта, ба корҳои давлатӣ машғул мегардид. Сахт ба қадри вақт ва фурсати умр мерасид…» [31, 73].

Инчунин, мутобиқи сарчашмаҳо ҳикояте, ки аз китоби «Буҳайра»-и Фузунии Астарободӣ дар китоби «Сурат ва сирати Ибни Сино» оварда шудааст, бори дигар тасдиқ менамояд, ки Ибни Сино омӯзгор ва саромади олимон буд: «*Шайх-ур-раис саромади уламо ва фузало буд ва арбоби илм ва надимаи адаб ҳама тавқи иродати ӯро ба гардан андохта ва аъзон ба дониш ва фазилати ӯ карда ва дар маҷлиси дарси ӯ ҳозир мешуданд. Аз он ҷумла Баҳманёр, ки яке аз фузало ва ҳукамои он аср ба шумор мерафт. Баҳманёр аглаб дар маҷлиси дарси Абӯалӣ Сино ҳозир мешуд ва таламмуз менамуд ва аз ҷумлаи муридони Шайх буд*» [2, 83].

Дар иртибот ба ин мавзӯъ Раҳим Ҳошим низ чунин қайд намудааст: «Камтар олим ва муаллифе дар таърихи асрҳои миёна ёфт мешавад, ки дар умри нисбатан кӯтоҳ, ноором, пур аз ҳодисаҳо ва дарбадариҳо аз худ чунин мероси бузург (зиёда аз дусад асари калону хурд) боқӣ гузошта бошад. Ин фақат дар натиҷаи субот ва тобоварии бениҳоят калони вай ба кори илмӣ ва меҳнатдӯстиаш ба вай муяссар шудааст» [87, 57].

Инсон фақат дар ҳамон вақт инсони комил шуда метавонад, ки фикри худро бо ҳамаи боигариҳои донише, ки инсоният ба вуҷуд овардааст, мукаммал карда тавонад ва ё ҳангоми ба заҳмат, хизмати дар таърих кардаи

арбобони гузашта баҳо додан мо ҳамонро бояд ба назар гирем, ки онҳо нисбат ба пешгузаштагони худ чӣ навигариро ба вуҷуд овارданд, на аз он нуқтаи назар баҳо диҳем, ҳукм барорем, ки оё онҳо ба талаботи замони имрӯза ҷавоб гуфта тавонистаанд ё не. Мо ба мероси гузаштаи маданӣ ва илмӣ аз ҳамин нуқтаи назар наздик шуда, таҳқиқ мекунем ва баҳо медиҳем.

Абӯалӣ Сино ҳам фарзанди замони худ буд. Бо вуҷуди ин, ӯ фикрҳое, ақидаҳоеро ифшо ва иншо намудаст, ки то имрӯз бисёре аз онҳо аҳамияти назарӣ ва амалии худро гум накардаанд. Масалан, гуфтаҳои назарии Абӯалӣ дар хусуси тарбия ва таълим аз зумраи чунин андешаҳои бикр мебошанд. Мутобиқи сарчашмаҳо Сино пеш аз он ки китобе нависад, қариб тамоми китобҳои дар китобхонаи машҳури Сомониён гирдовардаро мутолиа кардааст. Вай дар 18-солагӣ аз таълимоти файласуфони Юнон ва Араб баҳравар гашта буд. Аз таълимоти Муҳаммад Мӯсо Хоразмӣ (780-847), Абӯнасри Форобӣ (870-950) хуб хабардор буд ва дар таълиму тарбия, ақидаи ягона бо онҳо дошт ва аз онҳо эҷодкорона пайравӣ кардааст.

Ибни Сино, махсусан, ҷавононро даъват кардааст, ки бо илмомӯзӣ машғул шаванд. Аз нуқтаи назари ӯ илм бояд ба инсоният хизмат кунад. Мушкилоти зиндагӣ, ҷамъият ва табиатро бартараф кунад. Дар роҳи илмомӯзӣ ҷасорат ва мардонагӣ бояд нишон дод, вагарна ба мақсад расидан душвор аст. Худи Сино дар «Рисолат-ут-тайр» (рисолаи парандаҳо) гуфтааст: «Эй бародарон, ашхоси ҷасур аз мушкилот наҳаросад. Шахси аз камолот сар кашида заифтарини одамон аст» [66, 38].

Ин ҷо гуфтан ба маврид аст, ки ақидаҳои тарбиявии Ибни Сино дар илми фолклоршиносии тоҷик ҷиҳати таълиму тарбияи фарзанд саҳми арзанда доранд. Чуноне ки аз муҳтавои нақлу ривоёт маълум аст, симои Ибни Сино, дар ин ривоятҳо ҳамчун омӯзгори асил, муаллими пурдони ахлоқ ва тарғибгари фаъоли илму маърифат тасвир гардидааст. Ибни Сино дар масъалаи тарбияи кӯдак назаре дорад, ки бисёр муҳим аст. Ба ақидаи Ибни Сино, ба тарбияи кӯдак аз рӯзи аввали ба дунё омадан бояд машғул шуд, дар акси ҳол ҳама гуна кӯшишу талошҳо дар ин роҳ бенатиҷа хоҳад буд.

Ҳамин мазмун дар ривоятҳои «Сино ва зану шавҳари ҷавон», «Иззати нафс», «Тифли кӯчак ва ҳуши бузург» ва «Ин шунидӣ, ки мебинӣ» ба таври равшан ба назар мерасад. Масалан, симои Ибни Сино дар ривояти «Сино ва зану шавҳари ҷавон» чунин тасвир шудааст:

*«Як зану шавҳари ҷавон фарзанддор мешаванду ду моҳ гузаштан пас ҳардуяшон маслиҳат мекунанд, ки пеши Абӯалӣ Сино рафта, дар бораи чӣ хел калон кардани кӯдак аз ӯ маслиҳат гиранд. Майда-чуйда, савғотӣ гирифта, онҳо ба хонаи Абӯалӣ Сино мераванд. Абӯалӣ Сино онҳоро меҳмондорӣ карда, баъд мақсади омаданашонро мепурсад.*

*Зан мегӯяд, ки аз хусуси тарбияи кӯдакашон аз вай маслиҳат гирифтан мехоҳанд. Абӯалӣ Сино мепурсад, ки кӯдакашон чандрӯза шудааст. Онҳо мегӯянд, ки думоҳа.*

*Абӯалӣ Сино дастонашро дар сари зону зада, афсӯс хӯрда мегӯяд: -Дер шудааст, дер! Кӯдакро мебоист дар ҳамон рӯзи таваллуд шуданаш меовардед, акнун худатон ӯро чӣ хеле, ки хоҳед, ҳамон хел тарбия кардан гиред.»* [49, 23].

Ибни Сино дар ин ривоят ба ҳайси омӯзгор ба тасвир омада, маслиҳати ҷолибе барои таълиму тарбияи фарзанд додааст. Яъне, аз рӯйи таълимоти Ибни Сино бояд тарбияи фарзандро аз рӯзи таваллуд шуруъ намуда, ҷиҳати дуруст ба воя расидани кӯдак заҳмати бисёр бояд кашид. Чуноне ки аз ривоятҳои эҷодшуда маълум аст халқ ин ақидаи Синоро то ба имрӯз дар зиндагии хеш ва таълими фарзандон истифода мебаранд. Мутобиқи дастовардҳои илми тиб ва таҷрибаҳои мутахассисони соҳаи равоншиносӣ исбот гардидааст, ки таълиму тарбияи фарзанд бояд ҳанӯз вақти дар батни модар будан шуруъ шавад. Зеро тарбия ва солимии кӯдак аз саломатӣ ва вазъи руҳии модар вобаста аст.

Ягона костагие, ки дар нақли боло нисбати муносибати Ибни Сино ба назар мерасад, ин ҷумла, ё худ хулосаи охири нақл аст. Дар сухани Сино як навъ муносибати дағалона ва ё худ ғайритахассусӣ ба назар мерасад, ки хоси характери Шайхурраис нест. Яъне Сино наметавонист, падару модари ҷавонро ба ин тарз гӯяд, ки рафта чи тавре бароятон форад ҳамон тавр кӯдакатонро тарбия кунед. Дар ин маврид чунин ба назар мерасад, ки

камбудӣ аз ровӣ аст ва ровӣ хулосаи ҳодисаро аз номи Сино худ ҷамъбаст намудааст. Хулоса мақсад аз эҷоди ин ривоят ҳамин аст, ки волидайн бояд ҳар чи барвақт ба тарбияи кӯдак оғоз намоянд ва чунин тарбия самарабахш хоҳад буд.

Бояд гӯем, ки Сино дар бораи ахлоқ рисолаҳои фалсафии зиёде низ иншо кардааст. Дар бораи ақида ва гуфтаҳои ӯ дар бораи илми ахлоқ олимони тоҷик рисолаҳо навиштаанд ва чандин мақолаҳоро низ нашр намудаанд.

Дар асарҳои «Ал-қонун фӣ тибб», «Ал-шифо», «Наҷот»-и Абӯалӣ ибни Сино низ мо фикрҳои пешқадами ӯро дар бораи аҳамияти илм, навъҳои илми гузашта ва замонаш, роҳҳои омӯзиши илмро мутолиа мекунем. Гуфтаҳои Сино дар соҳаи таълиму тарбия ҳам бо амиқӣ, возеҳу равшании худ касро дар ҳайрат мегузорад. Ӯ таълиму тарбияи анъанавии асри миёнаро шикаста усули тарбиявии худро тавсия кардааст, ки аз қисматҳои зерин иборат аст:

1. Тарбияи фикрӣ (ақлӣ).
2. Тарбияи ҷисмонӣ (бардамиву саломатӣ, табобат).
3. Тарбияи эстетикӣ (зебоишиносӣ).
4. Тарбияи ахлоқӣ.
5. Тарбияи меҳнат (майли худомӯзӣ).

Ибни Сино ба таълими насли наврас дар мактаб ва умуман тарбияи вай аҳамияти калон додааст. Сино таъкид мекунад, ки ба мактаб фарзандони ҳама бояд ҷалб карда шаванд. Якҷоя таҳсил карданро нисбат ба алоҳида, танҳо ба танҳо дарс додан афзал донистааст. Дастаҷамъ дар коллектив таълим гирифтани бача фоидаи бештарро дорад, аз ҷумла кӯдакон:

- дилгир намешаванд, аз ҳамдигар ибрат мегиранд, кӯшиш мекунанд;

- ба ҳамдигар хонда ва шунидаашонро нақл мекунанд;

- ҳамдигарро эҳтиром мекунанд, аввалин риштаҳои дӯстӣ байнашон мустаҳкам мешавад, адаб, рафтори неки якдигарро қабул мекунанд.

Сино аз омӯзгорон, волидайн талаб кардааст, ки аз таҳсил ва рафтори бачаҳо то сини 14 ҳамеша бохабар бошанд. Онҳоро ба ғайри хондани китоб ба меҳнат, ҳунар, варзиш, бозӣ, санъат рағбатнок кунанд. Ақидаи Сино дар таълим ва ҷараёни таҳсил бо бисёр ҷиҳатҳои таълиму тарбияи имрӯза

мувофиқат мекунад. Масалан, ӯ чунин мешуморад: таҳсил аз сода ба мураккаб гузарад, ба синни бачаҳо мувофиқат кунад, майл ва қобилияти бачаҳоро ба эътибор гирифтан ва пайваста бо машқҳои ҷисмонӣ машғул буданро тавсия кардааст [64, 411-445].

Инчунин андешаҳои фалсафӣ ва ахлоқии Ибни Сино тавассути ҳикоятҳои адабии осори хаттӣ ва нақлу ривоятҳои шифоҳӣ умри дубораи худро пайдо кардаанд. Бояд таъкид кард, ки сабаби то ба имрӯз побарҷо мондани ин ақидаҳо дар он аст, ки онҳо дар натиҷаи саъю талоши хастанопазири устод ба вуҷуд омада то ба имрӯз мавриди истифода қарор доранд ва халқ дар симои Абӯалӣ ибни Сино омӯзгори шафиқи инсониятро мебинад. Вобаста ба ин гуфтаҳо ривояте аз ривоёт мавҷуд аст, ки ба мавзӯи тарбияву омӯзиш иртибот дорад. Ин ривояти «Тифли кӯчак ва ҳуши бузург» мебошад, ки дар он нақли чи тавр Ибни Сино аз «ҳуши бузург»-у рафтори оқилонаи кӯдаке ояндаи дурахшони ӯро пай бурда, барои тарбияташ азм мекунад ва ниҳоят дар шахсияти ӯ як донишманди бузурги фалсафаи исломро ба воя мерасонад, сабт гардидааст:

*«Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино як рӯз тифлеро дар дӯкони оҳангар дид, ки аз оҳангар оташ металабид ва чизе, ки оташро дар он бигузорад, ҳамроҳи худ надошт, оҳангар аз он тифл пурсид:*

*-Оташ ҳаст, аммо чӣ гуна онро мебарӣ?*

*Тифл қадре таҳаммул кард ва сипас хам шуду муште хоки хушк бар кафи дасти худ густурд ва он гоҳ ҳамон дастро ба тарафи оҳангар дароз кард ва гуфт:*

*-Оташро ин ҷо бигузор.*

*Ибни Сино аз ҳуши он кӯдак мутааҷҷиб шуд ва дар садади тарбияти ӯ баромад ва ба таълими вай ҳиммат гумошт, то ин ки яке аз фозилтарин шогирдони ӯ ба шумор рафт ва дар ҷумлаи фалсафаи ислом шӯҳрат ёфт. Ин тифл Абулҳусайн Баҳманёр бинни Марзбон Байламӣ буд, ки дар соли 458 вафот ёфтааст:* [46, 16].

Ибни Сино дар чандин асарҳои илмии худ, ки ба масъалаҳои таълиму тарбия бахшида шудаанд, ба вазифа ва саҳми муаллим дар тарбияи

фарзандон аҳамияти махсус додаст ва мулоҳизаҳои пурқиммат пешниҳод кардааст. Ӯ волидайнро таъкид мекунад, ки фарзандашон, ки 6 - сола шуд, ба тарбияи муаллим, тарбиятгари «ростгӯй, доно, одил, хушлибос, озода, хушмуомила» супорад. Талаботе, ки Сино дар назди муаллимҳои замонаш гузоштааст, ҳанӯз ҳам аҳамияти худро гум накардаанд.

Ӯ аз тарбиятгар, муаллимон талаб кардааст, ки аз паи тафтиши саводи шогирдонашон бошанд, аз ҷумла:

- роҳҳои нав ба нави таълиму тарбияро ҷӯяд ва дар амал татбиқ намояд;
- қобилияти дарсхонии ҳар як шогирдро донад ва мувофиқи он муомила кунад ва таълим диҳад;
- дили бачаҳоро ба илмомӯзӣ гарм кунад ва оташи шавқро дар дилашон афзояд;
- вақти дарс синну сол, дониш ва талаботро ба назар гирад;
- сухани муаллим ва ҳар навъ ҳаракат, имову ишораҳои муаллимон ба ҳиссиёти бачаҳо таъсир гузорад [65, 350].

Абӯалӣ ибни Сино дар тасвири ривоятҳои «Иззати нафс» ва «Орзуи шогирд» низ ҳамчун устоди беҳамтои дорои ахлоқи ҳамида ва омӯзгору тарбиятгари мумтози шогирдони дорои илму дониши баландпоя ва соҳибэътибор тасвир шудааст:

*«Гӯянд, Ибни Сино рӯзе аз як тан шогирдони худ пурсид:*

- *Орзӯ доред ба куҷо бирасед?*

*Гуфт:*

- *Орзӯ мекунам монанди шумо бишавам.*

*Гуфт:*

*Хок ба сари ман, орзӯ мекардам Арасту бишавам. Ин шудам, ки мебинӣ ва ту, ки орзӯ дорӣ чун ман бишавӣ, чӣ хоҳӣ шуд?» [46, 36].*

Аз муҳтавои ин ривоят бармеояд, ки Ибни Сино бо вуҷуди донистани тамоми илмҳои замони хеш аз илму дониши худ қонеъ набуда, ба шогирдонаш тавсия медиҳад, ки дар ҷодаи илму донишандӯзӣ бояд сайъ кунанд, ки аз ӯ ҳам пеш гузаранд. Ибни Сино, бо вуҷуди он ҳама донишу илми зиёд доштанаш, инсони хоксор, инсонпарвар ва дорои хислатҳои

ҳамидаи инсонӣ буда, хислатҳои бади инсонӣ, яъне такаббурӣ, худписандӣ, мардумозорӣ ва амсоли инҳо барои ӯ бегона буд.

Дар силсилаи афкори омӯзгории Абӯалӣ ибни Сино тарбияи ахлоқӣ ҷои марказиро ишғол мекунад. Ба фикри Сино шахсе ҳар чи қадар доно, боақл ва ҷисман пурқувват, қавӣ бошад, вале он ҳама донишу қувваташ бо меъёрҳои ахлоқ муносиб наояд, ӯ аъзои ҳақиқии ҷамъият шуда наметавонад ва ба ҷамъият аз ӯ фоидае намерасад. Сино дар «Рисолат-ут-тайр» дар ин хусус ба воситаи образи парандагон фикри худро изҳор кардааст. Ӯ таъкид мекунад, ки одамон бояд бо ҳам дӯст бошанд ва ба ҳамдигар бовар кунанд. Ӯ мунофиқӣ, дурӯягӣ, риёкорӣ, макр, фиребро маҳкум карда, инчунин масъалаҳои тарбияи ахлоқиро дар асарҳои нодири хеш «Шифо», «Ишорат», «Донишнома», «Ҳай бинни Яқзон», «Саломон ва Абсол», «Тадбири манзил», «Ал-қонун-фӣ тибб» баён намудааст.

Дар аксари ин асарҳо ӯ одамонро даъват ба кори нек, хайр ва ахлоқи ҳамида мекунад. Сино дар бораи танпарварӣ, худпарастӣ бо нафрат сухан ронда гуфтааст:

Май - душмани масту дӯст бо ҳушёр аст,
Андак ширину беш - заҳри мор аст.
Дар бисёраш маззарати андак нест,
Дар андаки ӯ манфиати бисёр аст [74, 144].

Инчунин ӯ ба ҷавонон, наврасон майнӯширо қатъиян манъ мекунад, майро зараровар шуморида «Ба бача май нӯшидан мисли он аст, ки чӯби хушк ба гулхани забонадор афтидан»[64, 423] гуфтааст.

Ибни Сино дар ҷои дигар сухан аз ишқу дӯстӣ ронда таъкид кардааст, ки дар натиҷаи дӯстии ҳақиқӣ муҳаббат ба вуҷуд меояд. Дар ин хусус Ибни Сино дар «Рисолаи ишқ» менависад. Ӯ аввало дар бораи ишқ сухан меронад. Ин ҳис дар ҳамаи махлуқот ҳаст. Лекин ишқи инсон аз ишқи махлуқи дигар фарқ мекунад. Ишқи ҳақиқӣ бо ақл вобаста ваякҷо аст. Онҳое, ки зоҳиран ба чизе касе ошиқ мешаванд, таъқид мекунад ӯ, ин ҳис ба ҳисси ҳайвонӣ монанд

аст. Агар инсон зебоиро ба ақлу фаросат шиносад ва дӯст дорад ин дараҷаи баланди одамият аст. Ин гуна одамро инсони ҳақиқӣ ва диди эстетикиаш баланд шуморидан мумкин аст.

Дар китоби «Алқонун фӣ-тибб» боберо «Доир ба тарбия» ном ниҳодааст. Ӯ дар ин боб дар бораи тарбияи ҳаматарафаи инсон хеле муфассал сухан мекунад. Дар муқоиса бо масъалаҳои муосири тарбияи кӯдакону наврасон чунин андеша пайдо мешавад, ки аксари афкори ин донишманд дар ин хусус ҳанӯз ҳам арзишу қимати хосса дорад: Таваҷҷуҳ ба ин нуктаҳо фикри болоро тақвият медиҳад:

1. Ӯ ба ҳама ҷазои ҷисмонӣ зид буд.
2. Таъсири калонсолон ба бачаҳо зуд мегузарад.
3. Бачаҳо тақлидкоранд.
4. Бинобар ин калонсолон бояд намуна шаванд.
5. Тарбиятгар бояд тифлро ҳурмат кунад, дӯст дорад, бо ӯ муомилаи хуш кунад.
6. Дар ҳузури тифл дурӯғ нагӯяд, ҳаракат ва рафтори ноҷо накунад.
7. Хислатҳои некро ба бачаҳо талқин кунад, то ки он дар мизоҷи бачаҳо ҷой гирад.
8. Тарбияи ахлоқ ва самаранокии он низ аз хурдӣ.
9. Сухан, суҳбат таъсирбахш, ибратангез бошад.
10. Нақши тарбия дар оила, вазифаи оила тарбияи дуруст ё нодурусти яке оила ба оилаҳои дигар таъсири мусбат ё манфӣ расониданаш мумкин [65, 350].

Дар тадбири манзил бобе ҳаст бо унвони «Сиёсати мард дар бораи фарзандаш». Дар ин боб дар бораи вазифаи падар дар тарбияи фарзанд андешаронӣ шудааст, ки дар тарзи таълими имрӯза ҳам кам андар кам дида мешавад.

1. Падар ба фарзанд, аввало номи нағз ёфта монад.
2. Аз паи тарбияи дуруст аз рӯзи аввал шавад.
3. Тарбиятгари хубро (омӯзгор) барои тарбияи фарзанд пайдо кунад.

4. Фарзандро ба тарбиятгар супориданро беҳтар аст (модар гуноҳи фарзандашро мебахшад, чашм мепӯшад [64. 350].

Модоме ки дар бораи падару модар сухан рафт, баъзе ақида ва фикрҳои Синоро дар бораи муносибатҳои зану шавҳар, дар бораи зан ва мард низ баррасӣ намудан аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Дар ин самт, афкори Синоро дар чунин нуктаҳо ҷамъбаст кардан мумкин аст:

1. Ӯ мардро сарвари оила медонад. Бояд муҳофизатгари оила бошад.
2. Зан ҳамроҳи мард дар роҳи зиндагӣ дар тарбияи фарзанд ёрдамчии шавҳар бошад.

Ибни Сино дар «Тадбири манзил» боберо «авсофи беҳтарини занҳо» номидааст ва гуфтааст, ки занон бояд бо хислатҳои зерин доро бошанд:

1. Зан бояд соҳибилм бошад.
2. Ба дин эътиқод дошта бошад.
3. Шарму ҳаёдор бошад.
4. Табиатан ҷасур бошад.
5. Шавҳарашро беандоза дӯст дорад.
6. Дар фикри таваллуд ва тарбияи фарзанд бошад.
7. Сергап набошад.
8. Аз шавҳар гардан натобад.
9. Ростқавл, фурӯтан ва фаросатро соҳиб бошад.
10. Ба шарафи худ доғ наорад.
11. Эҳтироми шавҳарро ба ҷо орад.
12. Вазифаи худро дар оила хуб бидонад.
13. Дар рӯзгордорӣ сарфакор бошад.
14. Ӯ бо кирдору рафтори хуб ва ахлоқи ҳамидаи худ шавҳарашро аз камбудӣ, рафтори бад ҳамеша эмин дорад.

Сино бо ин навиштаҳояш ба баъзе андешаҳои даврони феодализм (масалан, масъалаи ёрдами зан ба шавҳар дар корҳои рӯзгордорӣ ва оилавӣ) зид мебарояд. Ӯ инчунин, ба ин муносибат дар назди шавҳар як қатор талаботҳо мегузорад, аз ҷумла:

1. Мард бояд тавре зиндагӣ, рӯзгордорӣ кунад, ки зан ҳамеша ҳурматашро ба ҷо орад.
2. Ба дин эътиқод дошта, виҷдонаш пок бошад.
3. Ба зан ҳарчи ваъда кард вафо кунад.

Вале зан дар баробари доштани ҳамаи ин вазифаву хислатҳо, бояд ба касбе, ҳунаре машғул шавад. Вагарна бекорӣ ӯро ахлоқан вайрон намуда, ба саломатии ӯ низ ҳам руҳан ва ҳам ҷисман зарар мерасонад.

Дар самти аҳамияти тарбияи ҷисмонӣ барои инсон олим чунин нуктаҳоро арз намудаст:

1. Аз тамоми дард халос мекунад.
2. Аз қувваи табиат бояд истифода кард: офтоб, ҳаво, об.
3. Тарбия аз рӯзи аввали таваллуд оғоз мешавад (ривояти зану марди ҷавон)
4. Хоб: аҳамияти он дар хурду калон, чигунагии ҷои хоб.
5. Хӯрок: саҳарӣ гуштдор, бегоҳӣ нон (ҳамаи ин бо реҷаи қатъӣ).
6. Тарбияи руҳӣ ва ҷисмонӣ ва нақши ҳавову об.
7. Дар бораи оби хунук, гарм, ҳаммом, офтоб, маҳс.
8. Машқ: суст, тез, ниҳоят тез, арғунчак, аз монеаҳо гузаштан, давидан, гӯштин ва ғайра.

Ин тавсияҳои тарбиявӣ ва ахлоқии Сино ҳоло ҳам аҳамияти пурқиммати худро гум накардааст. Инчунин, мо метавонем якчанд панду ҳикматҳое, ки Ибни Сино аз худ мерос гузоштааст барои гуфтаҳои боло ҳамчун далел оварем:

«Эй бародарон, ҳақиқат… коҳилтарини халқ он аст, ки аз камоли худ боз монад!

Бадтарини суханҳо он аст, ки зоеъ шавад ва беасар монад!» [65, 11].

«Эй бародарон, ҳақиқати хеш фароҳам оваред (бишиносед) ва бояд, ки барои ҳамдигар парда аз рӯи дил бардоред, то бепарда асрори дарунии якдигар донед ва сабаби камоли ҳамдигар гардед!» [68, 35].

«Номи ман «Зинда» аст ва писари «Бедорам» ва пешаи ман саёҳат кардан ва гирди ҷаҳон гардидан аст, то ҳамаи ҳолатҳои ҷаҳонро бидонам» [65, 43].

«Гуфтам:

- Аз ҷавонон чӣ беҳтар ва аз пирон чӣ накӯтар?

Гуфт:

- Аз ҷавонон шарму далерӣ ва аз пирон донишу оҳистагӣ.

Гуфтам:

- Аз мардумон кӣ оқилтар аст?

Гуфт:

- Он ки кам гӯяду беш шунавад ва бисёр донад» [65, 73].

Аз ҳамаи он маводе, ки мо дар даст доштем ва дар хусуси хислат, фазилат ва ҳунари омӯзгории Ибни Сино таҳлил намудем, албатта пеш аз ҳама чунин хулосаро баровардан метавон, ки ақидаҳои тарбиявии файласуф, чи дар адабиёти китобӣ ва чи дар адабиёти шифоҳӣ, дорои ҷойгоҳи махсуси худ мебошанд. Андешаҳои фалсафӣ ва ахлоқии Ибни Сино тавассути ҳикоятҳои адабии осори хаттӣ ва нақлу ривоятҳои шифоҳӣ умри дубораи худро пайдо кардаанд. Ибни Сино тавонистааст ақидаҳои чи фалсафӣ ва чи ахлоқии худро барои ҳамагон ба мерос гузорад. Он чизро низ набояд аз назар дур кард, ки дар ҳифз ва то ба ҳанӯз мавриди истифода қарор доштани ин ақидаҳо саҳми халқ арзанда мебошад. Маҳз ҳамин ривоёт, нақлҳо, мақолаву рисолаҳо, таъкидҳову тавсифҳои ҳам шифоҳӣ ва ҳам китобӣ образ, характер, муносибат ва рафтори Ибни Синоро ҳамчун донишманде, ки дар айни ҳол омӯзгор, устод ва муаллими беназир аст, дар назари хонандаву шунаванда тасвир мекунад. Аз таҳлили ин мавод ба чунин натиҷа расидем, ки образи омӯзгор ва муаллим будани Ибни Синоро маъхазҳои зерин таъмин намудаанд:

1) Ривояту нақлҳои мардумӣ, ки аз муҳаббат ва садоқат нисбати ин шахсият гуфта шудаанд ва онҳо аслан заминаи ривоятӣ доранд.

2) Ривояту нақлу суҳбатҳое, ки аз тарафи мардум, дар асоси ҳодисаҳои воқеӣ ва ҳолатҳои ҳаётии худди Абӯалӣ ибни Сино сохта шуданд ва интишор ёфтаанд.
3) Рисолаҳо ва асарҳо ё қисмати асарҳои донишманд, ки мустақиман ба масъалаи парвариш ва омӯзиши кӯдакон ва наврасон бахшида шудаанд.
4) Рисолаҳо ва асарҳо (ё қисматҳои алоҳидаи онҳо), ки дар онҳо аз хусуси вазифаи падарону модарон, уҳдадориҳои онҳо дар зиндагӣ, муносибати онҳо бо ҳам, муносибати онҳо бо фарзандон сухан рафтааст.
5) Рисола, мақолот ва асарҳои бадеӣ, ки донишмандону нависандагони дигар дар бораи Ибни Сино эҷод намудаанд ва дар онҳо ба масъалаи тарбия ва ахлоқи насл сухан рафта бошад.

## Фасли 4. ИСТЕЪДОДИ КАЙҲОНШИНОСИИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО АЗ РӮЙИ РИВОЯТҲО

Мувофиқи маъхазҳо, Абӯалӣ Сино, дар баробари дар сатҳи аъло донистани илми тиб, ба омӯхтани илмҳои дигари замони хеш низ кӯшиш намуда, то дараҷае ба комёбиҳо ноил гардидааст. Маҳз барои ҳамин ӯро аллома ва ҳаким, табибу шоир ва кайҳоншиносу муаллим мехонанд. Ҷои тазаккур аст, ки чунин истеъдод, илм ва таҷрибаи серҷабҳаи мутафаккир сабаби дигари пайдоиши ривоёту афсонаҳо ва ҳикоёту нақлҳо дар бораи Абӯалӣ Сино гардид. Чун мардум таҷрибаю тавсияи ӯро дар самтҳои гуногуни ҳаёташон истифода мекард, ба маҳорати фавқулода ва ҳунари фавқуттабии ӯ боварӣ пайдо карда, ба ҳар нақлу ривояте, дар бораи ӯ пайдо мешуд, чизеро зам менамуд. Ҳунар ва дониши кайҳоншиносии ибни Сино аз он самтҳои ҳаёти илмии олим мебошад, ки боиси сайқал ёфтани симо, хулқу атвор ва муносибати ибни Сино дар миёни мардум гардид.

Вобаста ба истеъдод ва дониши кайҳоншиносии Абӯалӣ Сино дар “Ҳакими бузург” ном асари адиби ленинградӣ В.Воскобойников чунин маълумот дода шудааст. Баъд аз чанд рӯзи кӯчида омадан ба Бухоро Абдуллоҳ Ҳусайнро ба мактаб мебарад. Понздаҳ нафар талабагон дар рӯи гилемчаҳои худ дар гирди хатиб Убайд нишаста буданд. Дар миёни ин талабагон Ҳусайн аз ҳама хурд буд. Хатиб сураеро тез қироат мекард. Бисёре аз бачаҳо забони тоҷикӣ ва форсиро нисбати забони арабӣ нағзтар медонистанд. Ҳусайн хеле зуд ба муаллим бо саволҳо муроҷиат кард. Дар осмон аз куҷо ситора пайдо мешавад? - пурсид ӯ. Дар ҷавоб, “Қуронро бихон, гуфт муаллим, дар он ҷо ба ҳамаи саволҳоят ҷавоб меёбӣ.

Шабҳо Ҳусайн ҳамроҳи Нотилӣ ба манораи баланд баромада ба осмону ситораҳо назар мекарданд. Рӯзе Нотилӣ ба Сино гуфт: *Насри Воқеъ [16, 55]* ситораи субҳ аст ин ситораро дар саҳар ба хубӣ дидан мумкин аст, инчунин ӯ илова кард, агар касе зери ин ситора ба дунё ояд бою бадавлат мешавад. Ҳусайн ин илмро нисбат ба устоди худ беҳтару хубтар дарк мекард.

Бештар вақт ӯ ба устод савол медод, ҳамин ситорагон барои чи лозиманд? Ҳамаи дунё барои чист: вале устодаш хомӯш буд намедонист ба саволҳои шогирдаш чи ҷавоб диҳад. Боре гуфт: ҳамаи ин дар дасти Худованд аст, фақат Худо медонад ҳамаи ин дунё барои чи лозим аст.

Ҳусайн дар ҷавоб мегӯяд, ки ба фикри ман ситораҳо ба зиндагии одамон хеле кам таъсир мерасонанд. Нотилӣ бо ду даст сари худро дошта чунин фикрҳоро ба забон овардан мумкин нест мегӯяд, ба ту инро ки гуфт? - Ман худам фаҳмидам. Агар дар бораи навиштаҳои бузургон дар бораи воқеаҳои ҳаёт фикр кунӣ ҳатман мефаҳмӣ. Агар таъсири ситораҳо барои одамон як хел бошад, чаро дар як деҳ ҳосили фаровон ва дар деҳи дигар хушксолист? Ҳамин тариқ, Нотилӣ мебинад, ки шогирдаш аз ӯ зиёдтар ба ин илм сарфаҳм меравад, рухсат гирифта ба Гурганҷ меравад [16, 56].

Мутобиқи маълумоти дигари китоби мазкур, шабе дар ҳузури Алоуддавла шахсе дар бораи зарари тақвимҳое, ки нодуруст ва кӯҳнашуда буданд, ибрози ақида намуд. "Мо Шайхурраисро дорем, - гуфт Алоуддавла, ӯ барои мо тақвими навро месозад". "Барои ин таҷҳизоти махсус лозим аст, то муддати дуру дароз ба ситораҳо назар кунӣ"- гуфт Абӯалӣ. «Ман ба ту маблағашро медиҳам, бе ин ҳам ту шабҳо хоб намекунӣ, ба ситораҳо нигар», - мегӯяд дар ҷавоб амир. Сино нақшаи таҷҳизоти зарурии астрономиро кашида ба шогирдаш Ҷузҷонӣ медиҳад ва ҳамин тариқ, таҷҳизот омода мешаванд. Инчунин, вобаста ба маълумоти дигари ин китоб, 500 сол баъди марги Сино ин таҷҳизот соли 1542 аз ҷониби Педро Нуниетс кашф карда мешавад ва то ба имрӯз аз ин таҷҳизот барои ташхиси дақиқ тамоми муҳандисон бо номи Нониус истифода мебаранд. Дар мавриди илми ситорашиносӣ ақидаҳои Сино ва Берунӣ ба ҳам як буданд. Онҳо борҳо дар ин масъала бо ҳам баҳсу мунозира намуда буданд. Дар ин бора шогирди Ибни Сино Ҷузҷонӣ чунин нақл мекунад: «Шайх барои расад олатҳое ихтироъ карда ва рисолаи махсусе дар ин бора навишта буд. Ман 8 сол дар кори расад машғул будам ва мақсад аз ин кор диққат ва кунҷковӣ дар гуфтаҳои Батлемус буд, ки як қисми онҳо барои ман равшан шуд. Шайх китоби «Инсоф»-ро тасниф кард. Вале иттифоқан рӯзе ки Султон Масъуд ба

Исфаҳон дохил шуд қӯшуни вай чизҳои шайхро ғорат намуд, ки дар натиҷа ин китоб низ аз миён рафт» [31, 76]. Умуман, дар сарчашмаҳо ба илми кайҳоншиносӣ ва ситорашиносӣ сару кор доштани Сино ишораҳо шудааст ва ҳамин ишораҳо сабаб гардидаанд, ки дар бораи ситорашинос будани Ибни Сино дар байни мардум нақлу ривоятҳо эҷод гарданд. Дар зимн образи Ибни Синоро дар заминаи истеъдоди кайҳоншиносиаш дар чанд нақлу ривояти халқӣ мушоҳида ва таҳлил мекунем.

Ривоятҳое, ки бо номҳои «Шарти Абӯалӣ Сино» ва «Бӯалӣ кимёгар» сабт шудаанд, аз фаъолияти кайҳоншиносӣ ва истеъдоди ситорашиносии Ибни Сино нақл мекунанд ва маҳз ёдовар мешаванд, ки Абӯалӣ Сино дар ин ду соҳа низ ба комёбиҳои назррас ноил гардида будааст. Ривояте, ки ин ҷо мавриди таҳлил қарор додаем, аз он ҳикоят мекунад, ки аз як тараф Ибни Сино барои расидан ба мақсади худ, аниқтараш барои аз байн бурдани бемории вабо аз шаҳр ва наҷот ёфтани мардум кӯшиш намудааст ва аз тарафи дигар барои аз байн бурдани хурофоту нотавонбинии муллоёни мутаассиб низ саҳм доштааст. Ӯ тавассути пешгӯии аниқ боиси эҳтироми подшоҳу надимонаш мегардад. Аз тарафи дигар ин пешгӯӣ собит менамояд, ки Ибни Сино аз илми ҳайат ва ситорашиносӣ низ хуб хабардор буд ва дар ин ҷода низ шуҳрат дошт. Ривоят ин аст:

*«Замоне дар як шаҳр касалии вабо ниҳоят авҷ мегирад. Подшоҳи он шаҳр аз Абӯалӣ Сино хоҳиш мекунад, ки ба муқобили ин касалӣ чорае андешад. Абӯалӣ хоҳиши подшоҳро рад карда мегӯяд, ки барои нест кардани вабо тамоми масҷидҳои шаҳрро оташ зада ва дар байни мардум дуохонию муллогиро барҳам додан лозим аст.*

*Аз ин суханон подшоҳ ба хашм меояд ва мефармояд, ки сари Абӯалӣ Синоро аз танаш ҷудо кунанд. Баъд Абӯалӣ ибни Сино ба подшоҳ муроҷиат карда мегӯяд:*

*- Эй подшоҳи олам, ман як шарт дорам. Шартам ҳамин, ки фалон рӯз офтоб мегирад ва он чанд муддат давом мекунад. Агар ҳамин гапи ман дурӯғ барояд, он гоҳ метавонед шумо маро сар буред.*

*Подшоҳ шартро қабул карда, рӯзи офтобгириро интизор мешавад. Ниҳоят он рӯз мерасад. Абӯалӣ шишаҳоро сиёҳ карда, ба подшоҳу надимони ӯ медиҳад. Онҳо мебинанд, ки дар ҳақиқат нисфи офтоб гирифтааст. Баъд аз ин подшоҳ ва надимонаш ба донишмандии Абӯалӣ ибни Сино қоил мешаванд»* [46, 33].

Мусаллам аст, ки Сино дар пешгӯии гирифтани офтоб ягон сеҳру ҷоду надошт, ба ҷуз аз он ки масъаларо дар асоси таҷрибаи дошта ва мушоҳидаҳои шабонаи ситораву сайёраҳо дарк намуда буд. Аммо барои мардумони рӯзгори муҳаққиқ чунин пешгӯӣ баробар ба сеҳр буд ва аз ин лиҳоз, мардум Синоро чун донандаи олами ғайб қабул карданд ва дар борааш нақлу ривоятҳо бофтанд.

Мутафаккир истеъдоде фавқулода дар мушоҳида ва дарки ситораву сайёраҳо дошт. Чунончи, аз мазмуни ривояте, ки бо унвони «Монанди холи рӯи одам» унвон гирифтааст, ба хулосае омадан мумкин аст, ки Ибни Сино тавасути қувваи чашми тезбини худ Уторидро дар баробари Офтоб ба монанди холе, ки дар руи одам аст, дида, қайд намудааст, ки гарчанде ин ду сайёра дар фазо аз ҳам дар масофаи дур ҷой доранд, вале метавонанд дар яке аз бурҷҳои фазо ва дар як дараҷа бо ҳам рӯбарӯ шаванд.

*«Рӯзе Абӯалӣ Сино гуфтааст, ки ман Уторидро дар вақти муқобили Офтоб истоданаш монанди холе, ки дар рӯи одам бошад, бо чашми худам дидам.Агарчи Уторид дар осмони дуюм ва Офтоб дар осмони чорум аст, онҳо метавонанд дар яке аз бурҷҳои фазо ва дар як дараҷа бо ҳам рӯбарӯ шаванд» [2, 94].*

Хулоса, ҳамин донишмандӣ ва ба ақидаҳои хеш устувор будани Ибни Сино боиси ба дилҳо роҳ ёфтан ва сабаби дар миёни тамоми мардуми ҷаҳон шуҳрат ёфтани ӯ гардидааст. Ҳамзамон халқ низ то ба имрӯз аз таълимот, ва кашфиётҳои назарраси ӯ фаровон истифода мебаранд ва номи неки ин олими башариро пок ва пос медоранд. Аз ҳамин сабаб ривоятҳои мардумӣ, ки бозтоби зиндагиномаи Ибни Синоро дар худ доранд, мисли номи неки ӯ то ба имрӯз омада расидаанд ва насли ҷавону ояндаи моро ба роҳи дурусти

зиндагӣ ҳидоят менамоянд. Муҳим ин аст, ки маҳз тавассути чунин нақлу ривоятҳои халқӣ образи Абӯалӣ Ибни Сино марзҳои афсункори фолклориро гузашта ба дунёи волои китобӣ дохил гардид.

## Фасли 5. ШУҲРАТИ ШОИРИИ СИНО ДАР ТАСАВВУРИ МАРДУМ

Абӯалӣ ибни Сино дар шеъру шоирӣ ва насри адабӣ низ мақоми чашмрас дорад. Иштиёқи ӯ ба адабу шеър барвақт сар задааст ва худи ӯ дар рисолаи «Саргузашт» аз овони ҷавонӣ аввал ба омӯзиши забон ва адабиёт машғул шуданашро ёд овардааст [66, 13]. Ҳамчунин аз гуфтаи шогирдаш Абуубайди Ҷузҷонӣ маълум мешавад, ки ӯ ба таҳқиқот ва омӯзиши асарҳои адибон муддати се сол машғул шуда, дар пайравии шоиру нависандагони маъруфи араб, чун Ибни Амид, Соҳиб ва Собӣ баъзе асарҳои бадеӣ навиштааст [31, 73].

Абӯалӣ ибни Сино дар шакли рубоӣ, қитъа ва қасида ашъореро ба мерос мондааст, ки аз табъи баланди шоирии ӯ дарак медиҳанд. Чун Абӯалӣ ибни Сино дар адабиёти хаттӣ истеъдоди баланди шоирӣ дошт, бинобарин нақлу ривоятҳое, ки дар ин масъала нисбат ба ӯ эҷод гардидаанд, заминаи воқеъӣ доранд. Инчунин Абӯалӣ ибни Сино дар «Фанни шеър» чунин менависад: «Шеър сухане аст хаёлангез, ки аз суханоне мавзуну баробар сохта шуда ва назди арабҳо дорои қофия ҳам бошад… ва мухайялу шӯрангез сухане аст, ки нафс ба он мутеъ шавад ва бе ҳеҷ гуна тааммулу андеша ва ихтиёр аз умуре шоду хурсанд шавад ё аз умури дигар гирифта ва андӯҳгин гардад. Хулоса, инфиол ва таъсири нафсонӣ ва на аз рӯйи фикр дар ӯ ҳосил шавад, хоҳ онро бовар кунад ё накунад» [67, 72-73].

Аз ин гуфтаҳои Ибни Сино ба хулосае омадан мумкин аст, ки вақте ӯ дар бораи шеър чунин ақида дорад, бе ягон мушкилӣ шеър навишта метавонад. Ва ин низ аз муҳтавои ашъори ӯ баръало маълум аст.

Устод С.Айнӣ дар бораи истеъдоди бадеӣ ва офариниши осори Ибни Сино чунин гуфтааст: «Маълум мешавад, ки болои ин ҳама илмҳои ҳақиқии ҷаҳонӣ дар мусиқӣ, шеър ва адабиёт ҳам шуғл кардани ин олими бузург танҳо як ҳавас набуда, балки «Бӯалиёна» будааст. Шеърҳои арабӣ ва тоҷикии ӯ то имрӯз дар китобҳои таърих ва тазкираҳо боқист» [1, 47].

Ин ҷо метавон рубоие аз эҷодиёти худи шоирро барои дурустии гуфтаҳои боло ҳамчун намуна мисол овард:

*Эй кош, бидонаме, ки ман кистаме?*
*Саргашта ба олам аз паи чистаме?*
*Гар муқбилам, осудаю хуш зистаме,*
*Варна ба ҳазор дида бигристаме [1, 75].*

Бино ба қавли муҳақиқиқини соҳаи адабиёт, фаъолияти шоирии Абӯалӣ ибни Сино аз ғазали дар васфи май ва панҷ рубоии навиштаи ӯ оғоз гардидааст. Дар заминаи мазмуни баланд доштани шеърҳои Сино муҳаққиқи адабиёти тоҷик М.Занд эҳтимоли мавҷудияти ашъори дигарашро ба забони форсии тоҷикӣ қайд кардааст: «Санъати баланди ин шеърҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Ибни Сино ба забони тоҷикӣ бояд шеърҳои дигар ҳам дошта бошад» [63, 11].

Дар соли 1876 олими немис Ҳ.Эте аз рӯи дастнависҳои дар китобхонаҳои Европа мавҷудбуда муайян намудааст, ки эҷодиёти шеърии Ибни Сино аз 12 рубоӣ, 1 қитъа ва 2 ғазал иборат аст [93 ,43]. Вале мутаассифона Ҳ.Эте аз баъзе рубоиҳои дар ватани шоир паҳнгашта, аз ҷумла аз рубоие, ки бо ин мисраъ: «Дил, гарчи дар ин бодия бисёр шитофт» шурӯъ мешавад, бехабар будааст:

*Дил гарчӣ дар ин бодия бисёр шитофт,*
*Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.*
*Андар дили ман ҳазор хуршед битофт*
*В-охир ба камол заррае роҳ наёфт [63, 37].*

Соли 1925 устод С.Айнӣ дар китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» 5 рубоӣ ва шеъри ғазали «Рӯҳ бувад»-ро чоп намудааст.

Соли 1937 дар Истамбул, бахшида ба 900-солагии рӯзи вафоти Ибни Сино маҷмӯае бо номи «Тадқиқотҳо оид ба шахсият ва асарҳои философи бузурги турк ва устоди тиб Ибни Сино» [88, 44], нашр гардидааст. Дар ин

маҷмӯа «Шеърҳои чопнашудаи Ибни Сино» ном мақолае аз ҷониби профессори Донишгоҳи Истамбул Ш. Ялткайя ҷой дода шудааст, ки ӯ дар қатори се шеъри нав ёфтшудаи Ибни Сино, ба таври иштибоҳ ва бехабарӣ рубоии машҳури дар бораи куфр ва ғазали ӯро дар бораи май ҳамчун шеърҳои нав ба даст овардашудаи Ибни Сино нашр кардааст.

Мақолаи дигареро, ки М.Занд бо номи «Рубоиҳои нави Абӯалӣ ибни Сино», бахшида ба 1000 - солагии рӯзи таваллуди Сино дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» (шумораи №7 соли 1952 с. 119-128) чоп намудааст, маълумотҳои ҷолиби илмиро фарогир аст. М.Занд дар ин мақола эҷодиёти назмии Ибни Синоро ба таври дақиқ аз тамоми маъхазҳои илмӣ омӯхта, нисбат ба ин самти фаъолияти Ибни Сино маълумоти дақиқе додааст.

Вобаста ба гуфтаҳои М.Занд дар китоби «Пири ҳакимони машриқзамин»-и Сотим Улуғзода бахше таҳти унвони «Эҷодиёти шайхурраис дар каломи нафис» унвон гирифтааст, ки дар ин бахш чунин гуфта шудааст: «Шеърҳои форсӣ-тоҷикии Сино, чунон ки мо то ҳол гумон мекардем, на фақат ҳамон чаҳор-панҷ рубоӣ ва як ғазал дар ҳаққи бода будаасту бас, балки таҳқиқотчиён аз ҷумла Саид Нафисӣ, аз сарчашмаҳои қадима чандин рубоӣ, ғазал ва қитъаҳои нави форсӣ-тоҷикии Ибни Синоро ё ки ба ӯ нисбат додашударо ёфта гирд овардаанд [74, 138].

Ҳамин тариқ, аз рӯи маъхазҳои то замони мо 2 ғазал, 1 қитъа, 21 рубоӣ ва 1 байти ба забони тоҷикӣ навиштаи Ибни Сино расидааст, ки мавзӯи асосии онҳо аз саъю талош барои илм, ба комёбиҳои ноилшуда қаноат накардан, кӯшишу кор, мубориза бар зидди ҷаҳолат иборат аст.

Масалан, бо вуҷуди он ки Ибни Сино бар пояи баландтарини илми замони худ ба муваффақиятҳои зиёд комёб гардида буд, ба дониши ба даст овардааш қаноат ҳосил накарда чунин мегӯяд:

*Дар парда сухан намонд, ки маълум нашуд,*
*Кам монд зи асрор, ки мафҳум нашуд.*
*Дар маърифатат чу нек фикре кардам,*
*Маълум бишуд, ки (ҳеҷ) маълум нашуд [63, 22].*

Дар рубоии пандомези дигари худ Ибни Сино дӯсти бевафоро ба шакари заҳромез ва ба магаси дар болои мор нишаста заҳролудшуда монанд мекунад:

*Бо душмани ман чу дӯст бисёр нишаст,*
*Бо дӯст набоядам дигар бор нишаст.*
*Парҳез аз он шакар, ки бо заҳр омехт,*
*Бигрез аз он магас, ки бо мор нишаст [63, 26].*

Инчунин аз мисраъҳои зерин гуфта метавонем, ки Ибни Сино дар борai ногузир будани марги инсон ва ғанимат шумурдани вақт маслиҳат медиҳад, ки инсон бояд меҳнат кунад ва чизеро, ки дар давоми ҳаёти худ карда метавонад ба анҷом расонад:

*З-он пеш, ки аз ҷаҳон фурӯ монӣ фард,*
*Он беҳ, ки набоядат пушаймонӣ хвард.*
*Имрӯз бикун, чу метавонӣ коре,*
*Фардо чӣ кунӣ, ки ҳеҷ натвонӣ кард [65, 26].*

Дар иртибот ба ин мавзӯъ чуноне ки Д.Обидов мегӯяд: «Абӯалӣ ибни Сино дар адабиёти классикии форсу тоҷик ҳамчун шоир ва қаламкаши варзида низ эътироф гардидааст. Шеърҳое, ки аз ӯ боқӣ мондаанд, оганда аз пухтагӣ, жарфоӣ ва хирадгароианд. Ин ҷиҳати фаъолияти Ибни Сино низ аз доираи тасвири ривоятҳои халқӣ дар канор намондааст. Масалан, дар ривояти «Устод ва шогирд» ба ҳамин ҷиҳати фаъолияти ӯ ишора рафтааст» [42, 124].

*«Ибни Сино рӯзе бо хотири парешон асаре навишта, онро барои тозанавис кардан ба яке аз шогирдонаш медиҳад. Шогирд иншои Ибни Синоро ба дурустӣ хонда наметавонад, аз ин кор зиқ мешавад ва ниҳоят ба устодаш муроҷиат карда мегӯяд:*

*-Устод, хататонро хонда натавонистам, илтимос, минбаъд андаке бодиққат нависед, ки моён шогирдон мабодо маънии асаратонро ғалат нафаҳмем.*

*Ибни Сино дар ҷавоб фақат як шеър мегӯяд, ки он шеър ин аст:*

*Ҳарчанд, ки мекунам такопӯ,*

*Н-омад зи қалам нақши некӯ.*
*Азбаски қалам шикастасар буд,*
*Хотир зи қалам шикастатар буд [46, 32-33].*

Мутобиқи маълумотҳое, ки дар даст дорем, ин шеър дар рӯйхати ашъори Ибни Сино зикр нагардидааст ва ё мумкин аст ин шеър дар осори ба забони арабӣ эҷоднамудаи ӯ бошад, ки аз он хабар надорем. Вале аз мазмуни шеър маълум аст, ки он ба худи Сино таъаллуқ дорад. Гӯяндаи ривоят низ маҳз барои тасдиқи ин ақида, ки Ибни Сино ҳамзамон бо донистани илмҳои дигар дар шеъргӯӣ низ ҳунаре дошт, онро истифода кардааст.

Ба андешаи Д.Обидов «ҳадаф аз овардани шеъри зерин дар ривояти «Омадаму рафтаму бас», ки онро гӯё Ибни Сино як-ду рӯз пеш аз вафоташ дар бистари беморӣ навишта, ба яке аз шогирдони вафодораш дода будааст, низ танҳо аз таъкид кардани ҳунари шоирии Ибни Сино иртибот мегирад» [46, 10]. Вале бар хилофи ақидаи устод Д.Обидов ғазали зерин дар китоби «Пири ҳакимони машриқзамин»-и С. Улуғзода қайд гардидааст:

*Рӯзе, ки чанд дар ҷаҳон будам,*
*Бар сари хок бод паймудам.*
*Соате лутфу лаҳзае дар қаҳр,*
*Ҷони покизаро биёлудам;*
*Бохирадро ба табъ кардам ҳаҷв,*
*Бехирадро ба тамъ бистудам.*
*Оташе барфурӯхтам аз дил,*
*В-оби дида аз ӯ биполудам.*
*Бо ҳавоҳои ҳирсу шайтонӣ,*
*Соате шодмон бинағнудам.*
*Охируламр, чун баромад кор,*
*Рафтаму тухми кишта бидрудам.*
*Гавҳарам боз шуд ба гавҳари хеш,*
*Ман аз ин хастагӣ биёсудам.*
*Кас надонад, ки ман куҷо рафтам,*
*Худ надонам, ки ман куҷо будам [46, 32-33].*

Инчунин, дар миёни мардум ривояте бо номи «Хурсандии шоир» низ вуҷуд дорад, ки гӯё Ибни Сино аз шунидани сурудаш хурсанд шуда, чунин

мегӯяд: «*Ман дигар дар дунё на орзуе дорам ва на аз мурдан боке. Касе, ки сухани худро аз даҳони мардум шунавад, ҳаргиз намемирад*» [46, 36].

Аз муҳтавои ин ривоят бармеояд, ки мардум тавонистааст тавассути нақлу ривоятҳои ҷолиби худ ҳамаи паҳлуҳои фаъолият, зиндагӣ ва бузургии Ибни Синоро фаро гирифта, смиои ӯро дар олам то абад ҷовидонӣ гардонад.

Дар ривояти дигари мардумӣ бо номи «Нокарда чун карда» [46, 37] лаёқати шергӯӣ ва ҳозирҷавобии Ибни Сино дар миёни шоирону олимони давраи худи ӯ хеле хуб тасвир ёфтааст, чунончи:

«*Рӯзе Шайхурраис Абӯалӣ Сино ба маҷлиси Абӯсаиди Абулхайр бор ёфт. Бар забони Абӯсаид сухан аз тоату маъсият гузашт. Шайхурраис ин рубоӣ иншо намуд:*

*Моем ба авфи ту тавалло карда*
*В-аз тоату маъсият табарро карда.*
*Он ҷо, ки инояти ту бошад, бошад,*
*Нокарда чу карда, карда чу нокарда*! [46, 37].

Хулоса, гарчанде Ибни Сино қисмати зиёди асарҳои худро ба забони арабӣ таълиф намуда бошад ҳам, лекин асарҳои ба забони форсӣ-тоҷикӣ эҷодкардаи ӯ низ кам нестанд. Ибни Сино, дар баробари ҳамчун табиби беҳамто шуҳрат доштанаш, шоири безавол низ буда, аз худ дар қатори асарҳои илмии тиббӣ, панду ахлоқӣ, фалсафӣ намунаҳои ашъор ба мерос боқӣ гузошта аст, ки дар адабиёти классикии форсу тоҷик мавқеи арзандаи худро доро мебошанд.

## Фасли 6. ОБРАЗИ СИНОИ СОҲИР ВА МУЪҶИЗАКОР ДАР РИВОЯТҲОИ МАРДУМӢ

Дар мавриди ба вуҷуд омадани ривоятҳо дар бораи соҳирии Ибни Сино, пеш аз ҳама, истеъдоди соҳирӣ ба шахсият ва фаъолияти худи ӯ сахт алоқаманд мебошад. Яъне азбаски халқи меҳнаткаш аз дараҷаи баланди илму дониш ва қобилияти беандозаи Ибни Сино дар ҳайрат буд, бовар дошт, ки ӯ аз асрори ҳамагуна сеҳру соҳирӣ низ огоҳии хубе дорад ва аз уҳдаи ин гуна корҳо низ ба осонӣ баромада метавонад.

Мутобиқи маъхазҳои илмӣ, асару мақолаҳои олимони фолклоршинос ва ривоятҳои мардумӣ маълум аст, ки Абӯалӣ ибни Сино бо он меросе, ки дар роҳи илму маърифат ба ҷаҳониён аз худ боқӣ гузоштааст, ҳамчун шахсияти нотакрор эътироф гардидааст. Ногуфта намонад, ки фақат соҳиб будан ба илму дониш ва тафаккури баланди инсонӣ боиси дар мавзӯъҳои мухталиф ҷиҳати зиндагӣ ва кору фаъолияти ӯ аз тарафи мардум эҷод шудани нақлу ривоятҳо гардидааст.

Вобаста ба ин мавзӯъ аз маъхазҳои эронӣ ривояте бо номи «Ҳулчаспак часп» дар даст дорем, ки дар ин ривоят симои Ибни Сино ҳамчун соҳир тасвир ёфтааст. Мувофиқи маълумоти ривояти мазкур Ибни Сино на аз илми сеҳру соҳирӣ, балки бо ибораи дигар «асрори шайтон» хабар дорад, қайд шудааст, ки ба таври мухтасар нақли онро меорем:

«*Гӯё дар шаҳре подшоҳе буд, ки ҷуз як духтари зебо фарзанди дигаре надошт. Туи хонаи ин подшоҳ ҳам як зани пире буд, ки писаре дошт илм хондаву ҳаким, номаш Бӯалӣ.*

*Рӯзе Бӯалӣ духтари подшоҳро дар боғча машғули гул чидан диду ошиқ шуда аз ин хабар ба модараш гуфт:*

- *Модараш гуфт: - Аз ин фикрҳо накун, ки оқибати хубе надорад. Оқибат аз ин кор подшоҳ хабардор мешавад ва фармон медиҳад, ки ӯро аз шаҳр берун кунанд ва нагузоранд ки дигар ба шаҳр дарун ояд.*

*Бӯалӣ ночор ба тарафи биёбон раҳсипор мешавад. Як ду фарсахе меравад, ки аз рӯ ба рӯяш ҳафт савор мебарояд. Онҳо ба ҳам аҳволпурсӣ мекунанд, маълум мешавад, ки онҳо ба суроғи Буалиҳаким меравaнд.*

*Буалӣ мегӯяд:*

*- Бӯалӣ манам.*

*Ту гуфтӣ «Буалӣ манам», фаврӣ аз асп омаданд поин, аз рӯи як аспи ядакӣ гошия кашиданд ва рикоб гирифтанду Бӯалиро савор карданд ва бо иззату эҳтироми тамом бурданаш ба он вилоят паҳлӯи подшоҳ.*

*Подшоҳи ин вилоят дарди саре дошт, ки ягон табибу ҳаким ба дардаш даво карда натаваонист. Маҷбур шуданд ба суроғи Буалӣ бароянд.*

*Буалӣ ба дарди подшоҳ даво мебахшад ва подшоҳ ба ӯ садто ашрафӣ ва як аспи тездав медиҳад ва исрор мекунад, ки бо ӯ бимонад, вале Бӯалӣ ба хотири модараш монда натавониста ба роҳ мебарояд.*

*Аз бозор як зарфи мисие барои нанааш савғот харида роҳи биёбонро пеш мегирад. Як ду фарсах роҳ рафта буд, ки ҳаво абрнок шуду борон борид. Бӯалӣ фавран либосҳояшро кашида ба дохили ҳамон зарф ниҳод. Вақте борон истод либосҳояшро бароварда пӯшид. Дар ҳамин асно шайтон аз роҳ пайдо мешаваду мебинад, ки либосҳои Бӯалӣ хушк ва дар борон тар нашудаст. Гуфт:*

*- Эй марди ринд мо бо ин ҳама дуз ва калак ва ҳила ва ҳуққа тар шудем. Бигӯ бубинам, ту чӣ кор кардӣ, ки аз борон тар нашудӣ. Чӣ ҷодуи наве ёд гирифтӣ?*

*Бӯалӣ гуфт:*

*- Ҳар чи ҳасту нест, туи ин зарф як хабаре ҳаст.*

*Шайтон он зарфро аз Буалӣ талаб мекунад. Бӯалӣ бошад бар ивази зарфаш аз ӯ китоби асрорашро талаб мекунад.*

*Шайтон фикр карда бо худ мегӯяд: «Мо ки ҳарчи туи китоб ҳаст, ҳамаро баладем. Чи зарар дорад китобро бидиҳам ва зарфро бигирам». Шайтон китобро доду зарфро гирифт. Вақте хосияти зарф пурсид, гуфт:*

*- Ҳар ҷо дидӣ борон гирифт, фаврӣ либосҳоятро дармеорӣ ва мегузорӣ туи ин, дарашро мебандӣ.*

*Шайтон мебинад, ки Бӯалӣ фиребаш додааст ба роҳи худ меравад. Бӯалӣ китобро во карда мебинад, ки дарёи илм аст. Ҳар чи бихоҳӣ, дарунаш дорад. Варақ варақ кард, ки агар бихоҳӣ чандто чизро бо ҳам бичаспонӣ, битавонӣ.*

*Аз пеши роҳаш галлае баромад, барои имтиҳон вирдро хонд галлаи гусфандро бо чӯпон бо ҳам часпонд ва ду мартаба вирд хонд, онҳоро аз ҳам ҷудо кард. Шоду хандон ба тарафи вилоят роҳ пеш мегирад. Вақте ба дарвозаи шаҳр мерасад дарвозабон пеши роҳашро мегирад, вирдро мехонад ва дарвозабонро ба як хару соҳиби хар бо ҳам мечаспонад ва гузашта меравад.*

*Ба хона омада, мефаҳмад, ки подшоҳ духарашро ба шоҳзодае туй мекунад. Вақту соати туйро аз модараш фаҳмида либоси фақирона мепӯшад ва дар байни мардум ба хонаи подшоҳ дар толори оинадор меравад. Як соат баъд каллабузургон ва думкулуфтҳои мамлакат меоянд ва менишинанд. Дар ҳамин вақт домод ҳам меояд. Дар вақти хондани ақди никоҳ Бӯалӣ ҳам вирд мехонд. Як вақт ҳамаро ханда гирифт, диданд, ки таштҳо ба пушти охундҳо часпидааст. Дар ҳамин лаҳза аз даруни ҳарамсаро садои «часпиданд, часпиданд» баланд мешавад. Подшоҳ дар таҳлука афтода рафта мебинад, ки домоду духтарашу хизматгорҳову охундҳо ҳама ба якдигар часпидаанд.*

*Ҳама ҳайрон монданд, ки чи кор кунанд. Ҳамин вақт ба хотири вазир омад, ки дар болои кӯҳ пиразани ҷодугаре зиндагӣ мекунад, ба гайр аз ӯ дигар ҳеҷ кас илоҷи ин корро намедонад.*

*Подшоҳ фармон дод рафта пиразанро оварданд. Вақте пиразан ҳамроҳи вазиру подшоҳ ба хона ворид шуданд, Бӯалӣ вердро хонд ва ҳамаро бо ҳам часпонид.*

*Пиразан гуфт: - туи ин ҷамъият касе ҳаст, ки аз китоби асрори шайтон бохабар аст ва ӯ ин корро кардааст.*

*Подшоҳ гуфт:*

*- Он кист?*

*Пиразан гуфт:*

*- Бубинед, туи ин ҷамъият кадом одаме ҳаст, ки ба касе начаспидааст. Ин тараф он тарафро назар карданд диданд, ки Бӯалист.*

*Тамоми ҷамъият даст ба домони Бӯалӣ шуданд. Бӯалӣ гуфт:*

*- Ман ба шарте шумоҳоро аз ҳам ҷудо мекунам, ки шоҳ аҳд бикунад, духтарашро дар ҳамин маҷлис ба ман никоҳ кунанд ва то як моҳ хутбае, ки мехонанд, исми маро ҳам биоваранд ва чиҳил рӯз барои ман нақора бизананд ва пушти сиккаи шаби ид исми ман бошад.*

*Подшоҳ дид, ки ҳеҷ чорае надорад розӣ шуд. Ӯ ҳам вердро хонд ва ҳамаро аз ҳам ҷудо кард.*

*Қозӣ духтарро барои Бӯалӣ никоҳ кард, хатиб исмашро дар хутбаи рӯзи ҷумъа хонд. Навозанда ҳам барояш нақора навохт, заррабошӣ ҳам пушти сикка исми Бӯалиро андохт ва аввал дафъае, ки ду подшоҳ дар як иқлим гунҷид, ҳамин дафъа буд*» [68, 19].

Дар ривояти мазкур симои Ибни Сино ҳамчун донандаи асрори шайтон, яъне илми сеҳру соҳирӣ тасвир шуда бошад ҳам, вале ӯ ин илми худро барои барқарор намудани адолат ва расидан ба мақсади хеш ва аз байн бурдани монеаҳо миёни халқи оддӣ ва подшоҳу амалдоронаш истифода кардаст. Умуман, дар ривоятҳо симои Ибни Сино чи гунае, ки тасвир нашуда бошад, ӯ ҳама вақт истеъдод ва илми худро дар роҳи адолату раиятпарастӣ сарф намуда, бо ин амали худ халқро аз ситами шоҳону бодавлатони айём пуштибонӣ мекунад.

Инчунин, агарчи ривояти мазкур аз ҷиҳати шаклу сохт ба жанри дигари фолклорӣ, яъне афсона наздик аст, вале дар Фонди фолклори тоҷик дар жанри ривоят сабт шудааст. Бояд қайд кард, ки нусхаҳои зиёди ин ривоят дар Ганҷинаи фолклори тоҷик маҳфузанд ва бар замми ин аз миёни маводи гирдомада ривоятеро бо унвони «Ду бародар» пайдо намудем, ки дар он низ симои Ибни Сино ҳамчун соҳир тасвир ёфтааст:

*«Ҳаким Фисоғурӣ (Пифагор) тамоми илмҳои худро дар ғоре (ё гунбазе) ниҳода, онро монанди тилисм мустаҳкам кардааст. Дари он гунбаз ҳар сол се соат кушода мешавад». Ибни Сино ва Абулҳорис бо ҳилае ба даруни он гунбаз даромада, «дар муддати як сол илмҳои «Тавҳиди Фисоғурӣ»-ро меомӯзанд» [31, 19].*

Ривояти мазкур дар натиҷаи аз даҳон ба даҳон интиқол ёфтан дорои қаринаҳои дигар гаштааст, чунончи, дар ин ривоят бародари Сино бо номи

Абусолӣ ёд мешавад: *«Онҳо аз ҷабри подшоҳ гурехта ба шаҳре меравад. Он ҷо дар китобхонаи тилисмкардашудаи ҷодугарон сеҳру ҷодуро ёд гирифта мебароянд. Сеҳру ҷодуро донистан онҳоро аз тӯҳмат халос мекунад: ҳар яке дуоеро хонда ба худ медамад, Абӯалии Сино наҳанг шуда ба дарё ва Абусолӣ дуди борик шуда ба ҳаво меравад» [46, 48-55].*

Дар ривояти дигар ҳам ба соҳир будани Сино ишора шудааст, вале бояд қайд намуд, ки ривояти мазкур тавассути аз даҳон ба даҳон ва аз насл ба насл интиқол ёфтан ва аз тарафи гӯянда дар кадом мавқеъ ва ба кадом тариқаи шунаванда гуфта шудан, нусхаҳои зиёдеро касб кардааст. Ногуфта намонад, ки ривояти мазкурро гурӯҳи гӯяндагон, ҳамчунин ҷамъоварандагону нашркунандагон бо мақсадҳои гуногун истифода намудаанд ва дар натиҷа он боиси дар тасаввури халқ нақш бастани ақидаҳои гуногун гаштааст.

Аз хусуси ҷамъоварӣ ва нашри ин навъи осор дар бораи Ибни Сино Устод Айнӣ чунин маълумот медиҳад: «... Соли 1873 дар Истамбул «Ганҷинаи ҳикмат» ном асари Зиёуддин ибни Саидяҳё нашр гардидааст, ки мувофиқи нишондоди муаллиф ин асар дар асоси маҷмӯаи мураттабсохтаи Дарвешҳасани Мадҳӣ, ки ҳикоёту афсонаҳои дар Туркия оид ба Ибни Сино паҳншударо дар бар мегирифтааст, таҳия гардида буд”. Ҳамзамон устод Айнӣ дар қисми эзоҳоти асари худ «Шайхурраис Абӯалӣ Сино» дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд маҳфуз будани як нусхаи ин китобро қайд намудааст, ки шояд он тарҷумаи тоҷикии «Ганҷинаи ҳикмат» ном асари руҳонии турк Зиёуддин бинни Саидяҳё бошад, ки дар Истамбул ба табъ расидааст» [1, 71].

«Ганҷинаи ҳикмат» то Инқилоби Октябр ба забонҳои тоторӣ, ӯзбекӣ, шеваи хоразмӣ ва ҳатто тоҷикӣ ҳам тарҷума гардида, дар паҳн намудани тасаввуроти нодуруст дар бораи Абӯалӣ ибни Сино нақши муайяне дорад”, - мегӯяд А.Мирзоев» [31, 7].

«Як қисм афсонаю ҳикоятҳои дар миёни мардуми Эрон оид ба Ибни Сино паҳнгардида низ дар «Афсонаҳои Бӯалӣ Сино» ном маҷмӯаи мураттабсохтаи Субҳӣ (1954) ҷамъоварӣ карда шудаанд, ки дар қисми дуюми маҷмӯаи мазкур шаш ҳикоят оид ба Ибни Сино оварда мешавад, дар ин

ривоятҳо низ монанди ҳикоятҳои «Ганҷинаи ҳикмат» Абӯалӣ ибни Сино ҳамчун ҷодугари гузаро ва соҳири моҳир тасвир ёфтааст» [31, 113].

Дар ин хусус дар боби минбаъдаи диссертатсия сухан хоҳад рафт, вале айни ҳол бояд тазаккур дод, ки ҳамаи ин хислатҳо ба Сино бо хости худи мардум, барои тавонманд гардонданаш бар тамоми мушкилоти зиндагӣ марбут дониста шудаанд ва дар маъхазҳои таърихӣ ба соҳирии Сино ишорае нашудааст. Дар ин хусус муҳаққиқи тоҷик Д.Обидов чунин қайд мекунад: «Дар ягон сарчашма дар хусуси бо сеҳру соҳирӣ ва ҷодугарӣ сару кор доштани Шайхурраис чизе гуфта нашудааст» [42, 126].

Барои тақвияти фикри гуфташуда, як ривояти дигареро аз назар мегузаронем, ки ишора ба он мекунад, ки Сино бо сеҳру ҷоду сару коре надоштааст. Ривоят ин аст:

*«Рӯзе дар як хонадон ду нафар писар зоида мешавад. Якеро Абӯалӣ дигареро Абӯпайкар ном ниҳоданд. Оҳиста-оҳиста ин ду ҷавон калон мешаванд ва барои ёфтани хурду хӯрок ба шаҳре равона мешаванд. Чанд рӯзу шаб роҳ гашта, ба як манзил мерасанд ва дар он ҷой дам мегиранд, ки хобашон мебарад, вақте ки бедор мешаванд мебинанд дар сарашон як мӯйсафед нишастааст. Онҳо ба мӯйсафед салом дода алек мегиранд. Ва мӯсайфед онҳоро ба хона таклиф карда, ба онҳо хӯроки чоштгоҳӣ медиҳаду мегӯяд, ки шумо бояд як сол дар ин ҷой монед.*

*Пагоҳ саҳар онҳоро ба як хона дароварда ба яке як китоб ба дигаре дигар китоб медиҳаду мегуяд, ки дар муддати як сол аз худ кунед шумо дорои илму ҳунар мешавед. Онҳо дар як сол ин китобҳоро аз худ мекунанд ва мӯйсафед ба онҳо роҳи сафед бахшида, онҳоро гусел мекунад.*

*Дар якчанд муддат ин ду шахси боистеъдод яке табиб дигаре ҷодугар, ки аз ин шуҳрати худ хабар надоштанд ба шаҳр мерасанд. Дар ин шаҳр ҳама хубу хурсандона зиндагӣ ба сар мебурданд, локин вазири шаҳр одами бахил ва ҷаллод буд. Шоҳи ин шаҳр касал буд ва аз ҷой ду сол намехест ва ягон табибе набуд, ки ӯро муолиҷа накарда буд ва фоидае набахшид. Дар ҳамин вақт ин ду касро дарбориён дастгир мекунанд ва мепурсанд, ки одамони бегона дар ин ҷой чи кор*

*мекунанд ва чикора ҳастанд. Дар ҷавоб Абӯалӣ табиб ва Абӯпайкар ҷавобе намегардонанд. Абӯалиро ба назди подшоҳ мебаранд, Абӯалӣ подшоҳро дидан замон ба гап ошноӣ мекунад. Ҳар рӯз бо шоҳ гап зада, бо гап шоҳро сиҳат мекунад. Аз ин кори Абӯалӣ вазир дар хиҷил омада, ӯро бо ҳамроҳи бародараш мехоҳад, ба дор овезад. Дар ин вақт бародари Абӯалӣ дуое мехонад ва ҳардуи онҳо ба кабутар мубаддал гашта, парида рафта ба назди подшоҳ нишаста боз ба сурати аввала мубаддал мегарданд. Воқеаи шудагиро ба шоҳ нақл мекунанд. Подшоҳ ин вазири бадҷаҳлро ба қатл расонда ва якеро табиб дигареро ҷодугар гуфта, дар шаҳр эълон мекунад» [46, 36].*

Чи тавре ки аз тарҷумаи ҳоли Сино ба мо маълум аст, бародари Сино баръакси маълумоти ривояти мазкур аз ӯ хурд буда, пас аз солҳои зиёди аз ҳам дур будан дар шаҳри Рай ба ҳам меоянд. Чуноне ки маълум гашт, дар ривояти мазкур, на Ибни Сино балки бародари ӯ ба ҳайси соҳир тасвир шудааст. Дар ҳар сурат, ин далел бори дигар собит менамояд, ки халқ нисбат ба Ибни Сино эҳтиром дошту дорад ва ҳеҷ гоҳ дар тасвири хеш нисбат ба ӯ чунин баҳогузорӣ наменамояд. Ҳамзамон, ривояти мазкур аз ҷиҳати сохтор хусусияти бадеӣ дошта, аз ҷиҳати шаклу ҳаҷм ва қолаб ба жанри нақли шифоҳӣ мутобиқати зиёд дорад. Вале бояд тазаккур дод, ки симои Ибни Сино дар ривояти мазкур низ ҳамчун табиби беҳамто тасвир гардидааст, ки ӯ дар ин навбат як усули нави табобатро ба кор бурдааст. Агарчи ин усул зоҳиран як чизи оддӣ намояд ҳам, вале гӯянда тавонистааст, то табиби беҳамто ва ихтироъкор будани Ибни Синоро хуб тасвир намояд. Инчунин аз муҳтавои ривоят маълум аст, ки рашку ҳасад ва нотавонбиниву ҷоҳилии нисбат ба Ибни Сино содирнамудаи вазир бар зарари худи ӯ анҷом ёфта ва ин навбат ҳам нексириштии Ибни Сино бар ҷаҳолати нотавонбинон ғолиб баромадааст. Илова бар ин, дар ривоят тасвир шудани симои бародари Ибни Сино як намуди пешбинии бо вазъи номувофиқ ва ба ҳаёт таҳдидкунанда рӯ ба рӯ шудани ӯ аз тарафи халқ ҳисоб мешавад, ки маҳз ҷодуи бародар вайро аз марг наҷот медиҳад. Дар чунин вазъият, ба тафаккури мардум, танҳо сеҳру ҷоду метавонад одамони хирадпешаро аз дасти вазири ҷаллодпеша наҷот диҳад.

Ба таври куллӣ ривояти мазкур хусусияти тарбиявӣ дошта, дар ҳама гуна шароит ва дар кучое, ки набошад хоҳ дар сафар ва хоҳ дар банду зиндон ба омӯхтани илм машғул будани Ибни Синоро бори дигар тасдиқ менамояд. Гарчанде дар маъхазҳои илмиву адабӣ ва ривоятҳои халқӣ аз овони кӯдакӣ ба омӯзиши илмҳои даврони худ оғоз намудан ва дар айёми наврасӣ ба табибиву табобат шуғл варзидани ӯ дарҷ гардидааст, вале баръакс дар ривояти мазкур гуфта мешавад, ки Ибни Сино дар муҳлати як соли омӯзиш илми тибро омӯхтааст. Бояд қайд намоем, ки муҳтавои ривояти мазкур ба асарҳои дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти Ибни Сино дарҷгардида ҳеҷ вобастагие надорад ва ба арзиши илмии онҳо ҳеҷ костагие ворид намесозад.

Хулоса чуноне, ки дар боло қайд намудем, дар ривояти мазкур на Ибни Сино, балки симои бародари ӯ ҳамчун соҳир ба тасвир омадааст. Ин тасвир аз як тараф хусусияти илмӣ ва адабии ин асарро дучанд гардонида, аз тарафи дигар исбот мешавад, ки халқ ҳамеша некхоҳу некрой буда, дар симои ин абармарди ҷаҳонӣ танҳо табиби ғамхор, дармонбахши дармондагон ва шахсияти нотакрорро мебинад. Мардум мехоҳанд тавассути фикру ақидаҳои худ нисбат ба он бузургмардоне, ки дар ташаккул ва бунёди илму дониш ва маърифати инсонӣ саҳми босазо доранд, арҷгузорӣ намоянд. Аз ин ҷост, ки Абӯалӣ ибни Сино низ дар ҳамин маркази ақидаҳои мардум ҷой гирифта, халқ кӯшиш намудааст, то нисбати ҳамаи он шоҳкориҳо ва фидокориҳои ӯ ки нисбат ба мардум кардааст, тавассути нақлу ривоятҳо арҷгузорӣ намояд.

Ривоятҳои боло ва соири ривоятҳо дар бораи Сино гувоҳи онанд, ки дар ҳақиқат ин шахс аз ҳамаи илми замонаш бохабар буд. Ҳатто ривоятҳое, ки дар онҳо Ибни Сино чун соҳир, муъҷизакор ва ҷодугар нақл мешавад, пеш аз ҳама илму амали воқеии олим дар назар аст. «Бӯалӣ ва корвониён» ривояти дигаре аз қабили ин ривоёт аст, ки онро метавон ба гуруҳи ривоятҳои соҳир ва муъҷизакор шомил намоем, зеро дар ин ривоят Сино ҳунари аҷоиберо нишон додааст, ки аз сабаби чанд намуд баста шудани зангулаҳо, боиси ба хоб, ханда ва гиря водор кардани корвониён гаштааст. Ривоят ин аст:

«*Мегӯянд, ки Абӯалӣ бо корвоне ба роҳ афтод то аз шаҳре ба шаҳри дигар равад. Чун фаҳмид, ки корвониён ӯро нашинохтанд, шабҳангом, ки корвониён ба хоби хуш буданд, бархост ва зангҳои шутуронро боз кард ва аз нав чунон баст, ки чун бедор шуданд ва ба роҳ афтоданд, аз овои он ҳама корвониён ба хоб рафтанд.*

*Шаби дигар зангҳоро чунон баст, ки ба ҳангоми рафтан аз овои онҳо ҳама ба шӯру шодӣ афтоданд ва дастафшону пойкӯбон шуданд ва хандаҳо сар доданд.*

*Ва шаби дигар чунон баст, ки ҳама андӯҳгин шуданд ва онон, ки дили нозук доштанд, ба гиря афтоданд. Аз ин корҳо ҳама саргардон монда буданд ва чунин мепиндоштанд, ки ин кор кори девҳо ва париҳост. Вале чун баррасӣ карданд, дарёфтанд, ки кори ин мард аст ва донистанд, ки ин мард Бӯалист ва ба ӯ меҳрубониҳо ва фурӯтаниҳо карданд*» [46, 50].

Чуноне ки аз муҳтавои ривоят маълум гашт, ба гумони халқи оддӣ чунин корҳоро танҳо деву парӣ ва ё шахсони соҳир карда метавонанд. Аз як тараф Сино бо ин кори худ исбот намудааст, ки ӯ ба ғайр аз табибиву табобат ва шеърнависиву шоирӣ, аз уҳдаи корҳои аҷоибу заҳматталаб низ мебарояд аз тарафи дигар, гарчанде ривоят асари шифоҳӣ ва аз тарафи халқ эҷод шуда бошад ҳам, собит менамояд, ки ҳар як шахс бидуни доштани илму дониш ва тасаввуроти дақиқ ба чунин корҳо қодир буда наметавонад. Дар ин ҷо низ ҳамоно барои мардум тавоноии Ибни Сино заруртар нисбати хислатҳояш мебошад. Ба сухани дигар, барои халқ муҳим ин аст, ки қаҳрамонашон агарчи аз сеҳру ҷоду истифода кунад ҳам дар ҳамаи ҳолатҳо дастболо бошад.

Гуфтан ба маврид аст, ки ривоятҳои амсол нисбати дигар бузургон низ гуфта шудаанд, ва Носири Хусрав аз ҷумлаи онҳост. Ин зумраи ривоятҳо низ ҷамъоварӣ шудаанд ва мо ба таври муқоиса ба ривоятҳое, ки дар бораи Ибни Сино мавҷуданд, мавриди омӯзиш ва баҳс қарор диҳем.

Мувофиқи маълумоти Д.Обидов ривоятҳое мавҷуданд, ки дар онҳо аз Носири Хусрав муъҷизакорӣ ё муъҷиза хоста мешавад. Масалан, ривояте ҳаст, ки дар он аз хусуси тавассути муъҷизакории Носири Хусрав дар деҳаи Поршинев пайдо шудани чашмае сухан меравад. Дар ривояти дигар Носири

Хусрав аждаҳоро ба санг табдил медиҳад ё кӯҳ ба ӯ сачда мекунад. Ҳамчунин ривояте ҳаст, ки дар он омадааст: *«бо амри Носири Хусрав шогирдонаш гӯсфандеро мекушанд ва мехӯранд. Баъд устухонҳои онро дар байни пӯст мегузоранд, бо ишораи Носири Хусрав бо чӯбе ба пушти он мезананд ва гӯсфанд дубора ба роҳ медарояд [42, 132].*

Носири Хусрав дар ривоятҳои «Кароматы Носири Хусрав», «Чашмаи пири Шоҳносир», «Чашмаи Бешундара», «Носир ва тортанак» ва ғ. низ ҳамчун муъҷизакор тасвир шудааст. Вале дар асл Носири Хусрав муъҷизакор ва ҷодугар набуд. Ӯ дар тасвири халқ ба ин бузургӣ сазовор шудааст. Азбаски Носири Хусрав ҳам мисли дигар бузургон шахси донову бомаърифат, мутафаккири бузург ва шоири тавоно буд, халқ дар асоси ривояте боварӣ ҳосил кардааст, ки ӯ аз илми муъҷиза ва сеҳру ҷоду низ хабардор аст.

Ҳамзамон, аз таҳлилу баррасиҳои донишмандону олимони тоҷик бармеояд, ки дар ҳақиқат нақлу ривоят ва ҳикояҳои дар бораи шахсиятҳои бузург эҷодгардида, аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ба ҳам хеле ҳаммаъно мебошанд. Фаъолияти илмию адабии шоирону адибон доир ба ин масъала дорои аҳамияти калони тарбиявию фарҳангӣ мебошанд.

Он чизе маълум аст, ки аксари тасвири ривоятҳо аз ҳақиқат хеле дуранд ва заминаи ҳаётӣ доштани онро ақли кас қабул карда наметавонад. Вале бо ин ҳама мо наметавонем ба ин асарҳо эрод гирем ва ба онҳо бо назари танқидӣ баҳо диҳем. Устод Айнӣ бовар надорад, ки Ибни Сино ҳангоми тифли навзод буданаш чӣ хел гум шудани ангуштарини модарашро фаҳмидааст. Инчунин ӯ бовар надорад, ки Ибни Сино дар Бухоро истода садои кӯбаи кудунггарони Самарқандро мешунида аст. Ва яқинан сабаби «…аҷаб аст, ки ин гуна афсонаҳо дар навиштаҷоти баъзе олим ва адибон ҳам, ки худро таърихдон мешуморанд, бемуҳокима, бетанқид ва бо оҳанги боваркунӣ ва боваркунонӣ қайд ёфтааст» [1, 58] гуфтани ӯ низ дар ҳамин аст.

Бояд гуфт, ки дар ривоятҳо мавқеи санъатҳои бадеӣ хеле бузург аст. Аз ҷумла муболиға, хосса муболиғаи ғулӯв назаррас аст ва ин санъати бадеӣ дар

бобати таъқиду талқин намудани ҷиҳатҳои ҳайратангези шахсияти Ибни Сино комилан мусоидат кардааст.

Устод Айнӣ ривоятҳои дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ истифодашударо низ аз қабили асарҳои муҳтавиёташон аз ҳақиқати воқеӣ дур, танқидбоб ва бо оҳанги боваркунӣ ва боваркунонӣ эҷодшуда ба шумор додааст, ҳарчанд худи «Зайниддин Маҳмуд бинни Абдуҷалили Восифӣ, дар «Бадоеъ-ул-Вақоеъ» ном китоби худ навиштааст: «Ман на афсонаҳои дар бораи Абӯалӣ Сино бударо, балки фазл ва камоли ҳақиқии ӯро менависам» [1, 58]. Гумони ғолиб ин аст, ки Восифӣ низ “камол ва фазли ҳақиқӣ”-и Сино гуфта, ҳамон хислатҳои одамгарӣ ва фазилати маърифативу илмиашро дар назар доштааст.

Академик Абдулғанӣ Мирзоев дар бораи ривоятҳои дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ” чопшудаи халқӣ, ки бо номи Ибни Сино алоқаманданд, дар китоби худ «Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ» маълумоти муфассале додааст. А.Мирзоев ривоятҳои мазкурро бо далелҳои таърихӣ ва тарҷумаи ҳоли Ибни Сино муқоиса карда, ба хулосаи зерин омадааст:

«Дар ҳақиқат, ҳамон тавре ки дида шуд, мо дар байни ҳикоятҳои афсонавии «Бадоеъ-ул-вақоеъ” ҳеҷ як ҳикоятеро дучор карда натавонистем, ки ягон қисмати муайяни зиндагии Ибни Синоро аз аввал то охир айнан тасвир карда бошад. Лекин ин хусусияти ҳикоятҳои афсонавиро мо камбудии онҳо гуфта наметавонем, зеро хусусияти ҳикоятҳои афсонавӣ, ки ба ин ё он марди таърихӣ бахшида шудаанд ҳамин аст, яъне онҳо ба воқеаи таърихӣ, ҷараёни зиндагии ҳамон шахс айнан рост намеоянд. Хусусияти афсонавии ин ҳикоятҳо низ дар ҳамин аст. Агар ин навъ ҳикоят бо воқеаи таърихӣ айнан рост ояд, дар он сурат вай хусусияти афсонавиашро гум мекунад, он ҳикоятро на ин ки афсонавӣ шуморидан душвор аст, балки вай бисёр вақтҳо ҳамчун як ҳуҷҷати таърихӣ қабул карда мешавад. Бинобар ин, хусусияти зикршудаи ҳикоятҳои «Бадоеъ-ул-вақоеъ», яъне бо тарҷумаи ҳоли Ибни Сино айнан рост наомада, қисман муносибат доштани онҳо на ин ки қимати онҳоро кам намекунад, балки онҳоро дар қатори беҳтарини ин навъ ҳикоятҳои афсонавӣ мегузорад» [31, 113].

Аз гуфтаҳои А.Мирзоев маълум мешавад, ки ӯ низ масъалаи бо тарҷумаи ҳоли Ибни Сино айнан рост наомадани ривоятҳои мавриди баҳсро тасдиқ мекунад, вале дар айни замон эътироф менамояд, ки дар байни тамоми ин ҳикоятҳо ва ҳаёту фаъолияти илмии Ибни Сино каму беш вуҷуд доштани муносибате ба мушоҳида мерасад. Андешаҳои А.Мирзоев то андозае як навъ посухе ба устод Айнӣ мебошанд, ки ӯ “бемуҳокима” ва “бетанқид” истифода намудани ривоятҳои оид ба Ибни Синоро ҳамчун хатои маҳз ба қалам додаст.

Дар навиштаҳои А.Алимардонов ва Ҷ.Додалишоев «Ибни Сино аз назари мардум» ва «Машҳури асрҳо ва маҳбуби наслҳо» низ чанд мулоҳизаи ҷолиб мавҷуданд, ки онҳо ба густариш, нашру табъ, таърихи омӯзиш ва мазмуну мундариҷаи ривоятҳои оид ба Ибни Сино тааллуқ доранд.

Хулоса, тибқи ақидаи донишмандон, ҳамон тарзе ки дида шуд, мо дар байни ҳикоятҳои афсонавии бадеӣ ва мардумӣ ҳеҷ як ҳикоятеро дучор намомадем, ки ягон қисмати муайяни зиндагии Ибни Синоро аз аввал то ба охир тасвир карда бошад. Лекин ин хусусияти ҳикоятҳои афсонавиро мо камбудии онҳо гуфта наметавонем. Зеро ривоятҳои мардумие, ки ба ин ё он шахсияти таърихӣ бахшида шудаанд, бо воқеаҳои таърихӣ ва ҷараёни зиндагии ҳамон шахс айнан рост намеоянд. Агар ин навъ ривоятҳо бо воқеаҳои таърихӣ айнан рост оянд, дар он сурат вай характери афсонавиашро гум карда, ҳамчун як ҳуҷҷати таърихӣ қабул карда мешавад. Дар мавриди ривояту нақлҳое, ки дар онҳо соҳириву мӯъҷизакориҳои Сино гуфта шудааст низ, ин фикр ҷой дорад. Аз ҳар ривояту нақли монанд бояд ҳақиқати онро ошкор сохт ва ривоятҳои боло аксар барои нишон додани бузургии ва истеъдоди қаҳрамон аз тарафаи мардум гуфта шудаанд, на ба мақсади дигар. Бо вуҷуди ин гоҳ гоҳ метавон нақлҳоеро пайдо кард, ки муғризона эҷод ва паҳн шудаанд, аммо ин қабил нақлҳо шаъну шаҳомати бузурге чун Абӯалӣ Синоро на дар илм ва на дар миёни мардум паст карда наметавонанд.

## Фасли 7. НАҚШИ РИВОЯТҲОИ МАРДУМӢ ДАР ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ОБРАЗИ ДАВРОНИ ТУФУЛИЯТ ВА НАВРАСИИ ИБНИ СИНО

Бори дигар зикр менамоем, ки мардум тавассути он эътиқоду эҳтироме, ки нисбат ба Ибни Сино доштаанд, нақлу ривоятҳое, ки зиндагиномаи ин нобиғаи ҷаҳониро бозтоб менамоянд, офарида, бад ин васила тавонистаанд, ки номи ӯро аз айёми тифлӣ то ба саранҷоми умр ба некӣ пос доранд ва ба оянда ҳамчун мероси фарҳангию маънавӣ интиқол диҳанд.

Дар миёни ҳамаи он ривоёту нақлҳо, сурудҳову достонҳое, ки мардум дар бораи қаҳрамони худ эҷод ва паҳн менамуданд, як силсила ҳикояву нақлҳо ба замони туфулияти Ибни Сино тааллуқ доранд. Албатта, дар бисёре аз ин ривоятҳову нақлҳо нақш ва симои Синои кӯдак ва ноболиғ ба таври муболиғаомез ба тасвир гирифта мешавад, вале ҳар яки онҳо пораи ҳақиқатеро аз ҳаёти ин нобиға дар худ мунъакис сохтаанд ва аз ҳама муҳимтараш, маҳз ҳамин ривоятҳо нишон медиҳанд, ки Сино дар миёни мардум чи гуна манзалату мартабаро соҳиб будааст.

Таҳлили ин гуна ривоятҳову нақлҳо моро ба хулосае овард, ки аксари онҳо пас аз ба балоғат расидан ва шуҳратёр шудани Абӯалӣ Сино бофта ва паҳн гардидаанд. Шаҳодати ин гуфтаҳо он аст, ки ривоёти мазкур аксар аз номи ё модар, ё хизматгор ва ё худи ибни Сино баён мегарданд. Бар замми ин, агар Сино ба чунин мартаба намерасид ва дар миёни мардум манзалати чунин олиро соҳиб намегардид, шояд касе ба туфулияти ӯ таваҷҷуҳ ҳам зоҳир намекард. Аз ин лиҳоз, мо таҳлили намунаҳои ин қабил ривоёту нақлҳоро дар охири боби диссертатсия ҷой додем, то маълум шавад, ки мардум Синоро то чи андоза эҳтиром мекард ва ба тамоми ҷузъиёти ҳаёти ӯ таваҷҷуҳ менамуд.

Дар мавриди аз бачагӣ зеҳни тез, қувваи ҳофизаи мустаҳкам, таъби баланд ва истеъдоди фавқуллода доштани Ҳусайн (номи бачагии Ибни Сино) дар китоби Валерий Воскобойников - «Ҳакими бузург», ки дар фасли пешин аз он ёд шуд, чунин омадааст: «Ҳусайни хурдакак ҳанӯз ҳарфе намегуфтааст.

Боре бозичаи гилини худро ғалтонда шикастааст ва ҳайрон мондааст: охир, ҳозиракак ин бозичаи хушрӯи рангин бутун буд, чаро пора-пора шуд? Ва аввалин сухани гуфтаи Ҳусайн ин буд: «Чаро?». Минбаъд, ҳар рӯз ба ҳар чиз шавқ зоҳир намуда, садҳо маротиба «Чаро?», «Барои чӣ?», «Чӣ хел?» мегуфтааст» [16, 12].

Чуноне ки аз маълумоти ин китоб бармеояд, Ибни Сино ҳатто сухани аввалин гуфтаашро суол кардааст, яъне ин аз он дарак медиҳад, ки зеҳни тезу истеъдоди фавқуллодаи Ибни Сино худодод буда, ҳанӯз аз айёми туфулият возеҳу равшан ба чашм мерасад.

Нақлу ривоятҳои доир ба Ибни Сино дорои шаклу намуд ва қаринаҳои мухталиф буда, лаҳзаҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти ӯро инъикос менамоянд. Як қисми ҳикояту ривоятҳо қувваи ниҳоят бузурги ҳавоси босираю сомеа, идрок, ҳофиза, ҳиссиёти баланд, зеҳни расо, ҳушу хиради қавӣ ва истеъдоду қобилияти беназир доштани Абӯалӣ ибни Синоро дар роҳи фаро гирифтани илму дониш нишон медиҳанд.

Теъдоде аз нақлу ривоятҳои ҷамъоваришуда, аз қабили «Тифли зирак», «Қиссаи ангуштарин», «Лаъли гумшуда», «Қувваи ҳофизаи кӯдаке, ки донишманди бузургро ба ҳарос андохт», «Кӯдакӣ», «Дурри ятим», «Ҳодисаи аҷобангез», «Санҷиш», «Камоли дарк ва эҳсоси Ибни Сино» ба ҳаёти давраи тифлӣ ва наврасии Ибни Сино мансуб мебошанд ва дар онҳо аз хусуси ба зеҳни тезу ҳиссиёти баланди инсонӣ ва камоли дарку қувваи ҳайратангези Абӯалӣ Сино сухан меравад. Чунончӣ:

*«Нақл мекунанд, ки як рӯз, вақте ки Абӯалӣ ибни Сино дар гаҳвора бо рӯи кушода мехобидааст, модараш ангуштарини тиллоиашро гум кардааст. Вай аз канизаки хонаи худ бадгумон шуда, ӯро бо дашному маломат зери зарби калтак гирифтааст. Ҳар дафъа, ки модар канизакро мезадааст, тифл бетоқату беқарор мешудааст ва бо овози баланд гиря мекардааст.*

*Аз байн чанд вақт гузаштааст. Дар ин муддат Абӯалӣ ибни Сино роҳравак шуда, забон баровардааст. Як бегоҳ ба модараш, ки дар хона ҳамроҳаш рӯ ба рӯ нишаста будааст, гуфтааст:*

*- Очаҷон, дар вақтҳои гаҳворагӣ будани ман шумо ангуштаринатонро гум карда будед ва гумон доштед, ки ин кори канизак аст. Бо ин гумони бад ҳар гоҳ, ки канизаки бечораро азоб медодед, ман ноором мешудам ва дод зада гиря мекардам. Забон надоштам, ки аёнро ба шумо баён кунам. Канизак бегуноҳ аст ва ангуштарини шуморо ӯ нагирифтааст. Ҳақиқати ҳол ин тавр мебошад: рӯзе ман дар гаҳвора бо рӯи кушода мехобидам, ки шумо дар назди обрез даст мешустед. Худи ҳамон вақт ангуштарин аз дастатон баромада ба обрез афтода буд. Аммо шумо аз ин воқеа хабар надоштед ва баъд аз он, ки хабардор шудед, ба канизак дарафтодед ва ӯро ноҳақ гунаҳкор кардед.*

*Модар аз суханони кӯдакаш ҳайрон мондааст ва ба хизматгор фармудааст, ки ӯ лои обрезро берун кунад.*

*Хизматгор ин амрро фавран баҷо овардааст. Баъд модар лойро аз гирбол гузаронидааст ва ангуштаринашро ёфтааст.*

*Аз ҳамон рӯз эътиборан падару модар ба фарзандашон таваҷҷуҳи махсус мекардагӣ шудаанд ва ба таълиму тарбияи ӯ озим гаштаанд» [46, 10-11].*

Ин ривояте, ки ин ҷо мисол овардем, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа аз он шаҳодат медиҳад, ки Ибни Сино аз рӯзи ба дунё омаданаш дорои фаҳму идроки нотакрор ва фавқулода будааст. Яъне, он ҳама илму маърифате, ки ӯро ба дараҷаи бузурги комёбиҳо расонид, ба ӯ ҳанӯз аз айёми тифлӣ насиб гашта будааст. Аз ин ҷост, ки худи ӯ дар ривояти «Зану шавҳари ҷавон» барои дуруст тарбия ёфтани фарзанд аз рӯзи таваллуд шуруъ намуданро тавсия медиҳад.

Мегӯянд, ки Ибни Сино гуфта буд: «*Ман ба ёд дорам, ки бисёр хурдсол будам ва ба ривояте тоза қадам ба ҷаҳон гузошта будам. Як рӯз модарам маро ба рӯи замин хобонида буд, ман дар он рӯз осмонро сӯрох-сӯрох дидам.*

*Ин ҳарфро барои модари Ибни Сино нақл карданд ва ӯ гуфтаи писарашро бад-ин гуна тасҳеҳ ва тасдиқ кард:*

*-Вақте ки Ҳусайн (Ибни Сино) ба дунё омад, бино бар расме, ки дар шаҳри мо роиҷ аст, ӯро ба рӯи замин дар зери осмон мехобонидам ва гирболро бар рӯи ӯ мегузоштам, то ҳайвоноте аз қабили гурба, мург ва гайра ба ӯ осеб*

*нарасонанд ва худ ба корҳои хона саргарм мешудам. Ин, ки ӯ осмонро сӯрох-сӯрох дидааст, бинобар он аст, ки чашмакҳои ғирболро медидааст» [46, 12].*

Муҳтавои ривояти мазкур аз дорои қобилияти ҳофизаи қавӣ будани Ибни Сино дарак медиҳад. Дар ин ривоят симои Абӯалӣ Сино ҳамчун шахсияти нотакрор аз ҷиҳати дорандаи хотираи хубу қавӣ тасвир гардидааст. Ин ҷо метавон нусхаи дигари ин ривоятро, ки ба тозагӣ дастрас намудаем, ба таври мисол мавриди баҳсу омӯзиш қарор дод. Дар ривояти мазкур омадааст, ки вақте Абӯалӣ Сино таваллуд мешавад оберо, ки ҳангоми шустушӯ намудани тифли навзод истифода мебаранд, тавассути ғирбол ба ӯ мерезанд, ана ҳамин лаҳза ба хотири Сино нақш мебандад ва сабаби якум маротиба осмонро сӯрох-сӯрох дидани ӯ мегардад: *«Вақте ки Ҳусайн (Ибни Сино) ба дунё омад, бино бар расме, ки дар он шаҳр роиҷ буд, оберо, ки ҳангоми шӯстушӯ намудани тифли навзод истифода мебурданд, тавассути ғирбол ба сари тифл мерехтаанд, ана ҳамин лаҳза ба хотири Сино нақш баста, боиси якум маротиба осмонро сӯрох-сӯрох дидани ӯ мегардад» [96, 1976].*

Ҳамчунон ки аз муҳтавои ривояти мазкур бармеояд, симои Абӯалӣ Сино дар ин ҷо ҳам ҳамчун тифли боҳушу дорои хотираи қавӣ тасвир шудааст. Бояд қайд намуд, ки дар ривояти аввала ҳадаф аз истифодаи ғирбол тамоман дигар буда, он барои аз ҳайвоноти хонагӣ ҳифз намудани кӯдак истифода гардидааст, вале да ривояти дуюм он ба мақсади дигар истифода гардидааст Ин ҳамон қонунмандии пайдоиши вариантнокии жанрҳои фолклорӣ тавассути аз даҳон ба даҳон ва аз насл ба насл интиқол ёфтани онҳо ҳаст, ки дар натиҷа ҳар як гӯянда кӯшиш мекунад нақлу ривоят ва ё афсонаву латифаро мувофиқи дараҷаи дарки шунавандагон ва гӯиши ҳамон минтақа ва ё маҳал гуфта бошад. Дар ривояти дигар бошад, ғирбол ба ҳайси обполонак истифода шудааст, ки хасу хошоки ҷӯйро нигоҳ дорад.

Ривоятҳое низ вуҷуд дорад, ки дар мавзӯи ҳадси дуруст намудани Ибни Сино сухан меравад. Яке аз чунин ривоятҳо дар ду вариант дар китоби «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайнуддин Восифӣ дарҷ гардидааст, ки мазмунашонро мухтасар қайд менамоем:

1. «*Гӯё рӯзе Яминуддавла дар хонае нишаста буд, он хонаро чаҳор дар буд. Шоҳ аз Абӯалӣ суол мекунад, ки имрӯз ман аз кадом дар берун хоҳам рафт?*

*Абӯалӣ донист, ки шоҳ ӯро имтиҳон мекунад фармуд, то давот ва қогазпорае овард ва чизе навишт ва ба Яминуддавла гуфт: - Шумо, бархезед ва аз як дар ба берун равед ва баъд аз он қогазпораро бикушоед ва бубинед, ки мувофиқ аст ё на?*

*Шоҳ фармуд, то кунҷи хонаро, ки миёни машриқ ва ҷануб буд, шикоф карданд ва аз он ҷо берун рафт ва баъд қогазпораро нигоҳ кард. Дар вай навишта буд, ки: - «Чун подшоҳ аз тахти худ бархезад аз кунҷи хонае, ки миёни машриқ ва ҷануб аст, берун ояд».*

*Яминуддавла чун ин хатро мутолиа кард, ҳукм фармуд, то зар оварданд ва ба фарқи Шайх нисор карданд.*

2. *Рӯзи дигар низ Яминуддавла ба Абӯалӣ мегӯяд: - агар Шумо имрӯз ҳукми қатъӣ фармоед, ки ман аз кадом дар берун хоҳам рафт, дигар ҳар чи фармоед бе далел ва ҳуҷҷате қабул хоҳам кард. Абӯалӣ гуфт: - Шумо имрӯз аз он даре, ки аз қафои шумост, берун хоҳед рафт.*

*Шоҳ дар хотири худ қарор дод, ки албатта, аз он дар берун наравад.*

*Яминуддавларо бабре буд муқайяди занҷир ва монанди паланг богазаб ва боҳайбату салобат. Шоҳ фармуд то бабрро оварданд, то дар пеши ӯ туъма диҳанд. Чун калларо пеши вай андохтанд, ба бабрбон фармуд, то бо вай талош намояд. Ногаҳон ҳангоми талош полҳанг аз гардани бабр берун омад ва ҳама рӯ ба гурез ниҳод. Яминуддавла аз тарс баҷаст ва аз даре, ки қафои вай буд, берун рафт ва сухани Абӯалӣ рост баромад*» [2, 68-69].

Ривояти дигаре, ки ин ҷо баррасӣ мекунем, ба синни наврасии Ибни Сино тааллуқ мегирад. Дар ин ривоят низ аз хусуси қобилияти ҳофизаи қавӣ доштани Ибни Сино сухан меравад. Ӯ тавассути ин қобилияти нотакрори худ дар синни наврасӣ китоберо бо як маротиба аз назар гузаронидан ҳифз намудааст ва ин истеъдоди ӯ боиси таҳсину офарин аз тарафи подшоҳи давр гардидааст.

*«Гӯянд дар байни синни даҳ-дувоздаҳсолагӣ Ибни Сино сафаре дар пеш дошт. Назди яке аз ҳамсафарони вай китобе бузург ва пурмуҳтаво буд, ки онро ба ҳайси як асари бикр ва бадеъ ба расми тӯҳфа назди подшоҳ мебурд. Пури Сино китобро аз ӯ талаб кард. Нахуст он мардро аз додани китоб ҳаросе дар дил падид омад ва имтиноъ варзид. Аммо исрори Абӯалӣ Сино коргар афтод ва соҳиби китоб ба хости ӯ ризо дод.*

*Истеъдод ва заковати пури Сино то бад-он ҷо буд, ки бо як бор хондан дар тӯли роҳ ҳама матолиби онро ҳифз ва китобро ба соҳибаш мустарад кард.*

*Он шахс китобро назди подшоҳ тақдим намуд, аз тозагӣ ва бебадал будани он суханҳо гуфт ва фохири касб кард. Пас аз муддати кӯтоҳе он шахс дар маҳзари подшоҳ аз дониш ва фазли Ибни Синои кӯдак ёдовар шуд. Вай аз аҳзори Бӯалӣ Сино амр дод ва чун ҳозир омад, подшоҳ аз вуҷуди китоб бо чунин авсофе, ки зикр рафт, сухан ба миён кашид. Пури Сино филфавр бар ҳама матолиби китоб ва гамуз ва печидагиҳои он равшанӣ андохт. Ин амр нависандаи китобро мавриди газаби подшоҳ қарор дод. Чӣ мухолифи иддаое мабнӣ бар бадеъ будани асараш тифли хурдсол бар фаҳми ҳама матолиби он қодир ва аз муҳтавиёташ огоҳ буд.*

*Нависанда ҷиҳати рафъи газаби султон ва ҳам исботи иддаояш аз бархӯрди худ бо тифли кӯчаке дар роҳ ва ҷараёни гирифтани китоб ва хондани он дар фурсати кӯтоҳ ба подшоҳ нақл кард. Баъде ки равшан гардид, ки он тифл ҳамин Ибни Сино будааст, ҳам подшоҳ ва ҳам нависанда ҳарду бар нубӯг ва истеъдоди ӯ таҳсин ва офарин карданд» [46, 12-13].*

Муҳтавои ривояти мазкур сират ва сурати Синор аз тарафи дигар низ муаррифӣ мекунад, зеро дар асоси он Ибни Сино аз сини кӯдакиву наврасӣ инсони ростқавл ва некрой буд. Ӯ, бо вуҷуди аз бар кардани ин китоб, заҳмати нависандаи онро зоеъ накарда, ӯро мавриди эҳтироми султон қарор дода, аз кароматӣ султон бенасиб нагардонидааст.

Дар иртибот ба ин мавзӯъ ривояти дигаре низ вуҷуд дорад, ки устод С.Айнӣ дар китоби «Шайхурраис Абӯалӣ Сино» ба он ишора намудааст ба ин мазмун: «Дар бораи тезии зеҳн, суръати муҳокимаи Абӯалӣ ибни Сино ва

дар фурсати андак таълиф намуда тамом кардани ӯ асарҳои калони илмиро, ҳикоят ва ривоятҳои бисёре ҳастанд:

*«Боре яке аз китобҳои оид ба мантиқи Абӯалӣ ибни Сино ба Шероз расид, уламои форс он китобро мутолиа карданд, яке аз он олимон дар чанд ҷои он китоб шубҳа карда, шубҳаҳои худро дар як ҷузъи когаз навишта, бо Абӯлқосими Кирмонӣ ба ҳузури Абӯалӣ Сино фиристод.*

*Қосид вақти гуруби офтоб ба Абӯалӣ расида рисоларо ба ӯ супурд. Абӯалӣ то вақти хуфтан қосидро меҳмондорӣ карда хобонид ва худ ба хондани шубҳаҳо ва навиштани ҷавоб машгул шуд. То бомдод ҷавобро дар 5 ҷузъ когази 10 варақӣ тайёр карда, ба қосид дод ва ӯро гусел намуд» [1, 51-52].*

Албатта, дар бораи тезии зеҳн ва суръати муҳокимаи Ибни Сино ва дар фурсати кӯтоҳ таълиф ва ба итмом расонидани асарҳои калони илмии ӯ, бисёре аз устодон ва пажуҳишгарон ёдоварӣ намудаанд. Вале аз муҳтавои ин ривоят маълум аст, ки Сино то ба дараҷае дорои қувваи ҳофиза ва идроки қавӣ будааст, ки тавонистааст дар фурсати андак, чунин таълифот кунад. Бояд ёдовар шавем, ки мардум тавассути ин ривоятҳо тавонистааст мусаввараи Синоро чунин бемисл гардонад.

*«Мегӯянд, рӯзе Ибни Синоро ба меҳмонӣ даъват карданд. Баъди зиёфату суҳбат Ибни Сино рафтанӣ шуда, ба даҳлез баромад. Вай дар даҳлез, кафшашро пӯшида, як ба боло ва як ба поён нигоҳ карду бо тааҷуб кифт дарҳам кашид. Дӯстонаш пурсиданд:*

*-Чаро тааҷҷуб мекунед?*

*-Ё қади ман баланд шудааст ва ё шифти хона поён фаромадааст,-ҷавоб дод Ибни Сино.*

*-Ба чӣ андоза? –боз пурсиданд дӯстонаш.*

*Ибни Сино гуфт:*

*-Ба андозаи як қабат дока.*

*Дӯстонаш ба Ибни Сино таҳсин хондану гуфтанд:*

*-Мо ҳангоми ба хона даромада нишастанатон ба зери патаки кафшатон як қабат дока ҷой карда, фаҳмиданӣ шудем, ки шумо онро ҳис мекунед ё не.*

*Офарин ба шумо, ки бо ақлу заковати худ моро ин дафъа ҳам ба ҳайрат овардед» [46, 20-21].*

Ривояти мазкур то кадом дараҷа дарку ҳисси тез доштани Ибни Синоро бори дигар таҷассум мекунад. Симои Ибни Сино дар ин ривоят ҳамчун як инсони дорои ҳисси нозуку ба иродаи хеш мустаҳкам тасвир шудааст. Мутобиқи маълумоти В.Воскобойников ин ривоят дар айёми наврасии Ҳусайн дар мадраса сурат мегирад. Ҳамдарсони Ҳусайн қувваи дарки ӯро санҷиданӣ шуда ба зери гилемчае, ки Сино менишаст пораи қоғазро мегузоранд. «*Хусайн бачаи басо оқиле буд. Ҳанӯз дар айёми туфулият ба шарофати ҳушёриву даррокӣ «як тори мӯйро ба чиҳил мӯя тақсим карда метавонист» ҳамаи талабагон аз истеъдоду қобилияти ӯ ба ҳайрат афтода буданд.*

*Боре ҳамсабақонаш ӯро санҷиданӣ шуданд. Онҳо пештар аз Ҳусан ба мактаб омада, зер қолинчае, ки ҳамеша дар болои он менишаст, як варақ қоғаз гузоштанд.*

*Ҳусайн ҳам омад, муаллим ҳам пайдо шуд, машгулият ҳам огоз гардид.*

*Талабагон ба тамоми ҳастӣ рафтору амалиёти Ҳусайнро зери назорат гирифтанд. Ӯ гайримуқаррарӣ рафтор менамуд. Гоҳо дида тарафи шифт медӯхту даме сар ҷониби фарши дарсхона мехамид.*

*Баъди фосилае мутаҳайирона пурсид:*

- *Намедонам, ё боми мактабамон андаке поён хамида, ё фаршаш каме болотар баромадааст, ба ҳар ҳол баландии деворҳо тагйир наёфтааст [16, 30].*

Чуноне ки муҳаққиқи дурдонаҳои мардумӣ Додоҷон Обидов менигорад, «дар баъзе нақлу ривоятҳо аз хусуси қувваи босира ва сомеаи Ибни Сино сухан ронда мешавад. Дар нақлу ривоятҳо ин ҷиҳатҳои шахсияти ӯ низ берун аз дараҷаи инсонӣ нишон дода шудааст. Ба назар чунин мерасад, ки Ибни Сино бо қувваи бузурги босираю сомеаи худ низ корафтодагону атрофиёнашро ба шигифт овардааст» [42, 122]. Дар ин маврид матни ривоятеро ба таври мисол зикр менамоем, ки он ҷавобгӯи гуфтаҳои боло ва

қобили қабул буда, умуман ақидаҳои муҳаққиқро нисбати ривоятҳои халқии дар бораи Абӯалӣ Сино офаридашуда тасдиқ мекунад.

Таваҷҷуҳ мекунем ба мисоли дигар:

*«Рӯзе Абӯалӣ ибни Сино ба амири Сомонӣ гуфт, ки вақти мутолиаи илмии ӯ саҳар аст. Лекин дар ҳамин вақт ҷамоаи рангрезони Бухоро ба воситаи овози кудунг ба ӯ халал мерасонанд ва ташвиш медиҳанд.*

*Амири Сомонӣ амр кард, ки рангрезҳо баъд аз ин дар вақти саҳар ин корро накунанд. Баъд аз чанде Абӯалӣ гуфт, ки кудунгарони Самарқанд ба ӯ халал расонида, хотирашро мушавваш карда истодаанд. Амири Сомонӣ дар тааҷҷуб афтод ва ба худ гуфт: «Ин чӣ навъ будааст, ки кас дар Бухоро истода овози кудунгарони Самарқандро шунавад». Аммо дар ин бора Абӯалӣ чизеро изҳор накард.*

*Абӯалӣ донист, ки амири Сомонӣ ин сухани ӯро дурӯғ пиндошт, вале ӯ низ чизе нагуфт.*

*Ҳангоме ки якчанд вақт гузашт, Абӯалӣ ба пеши амири Сомонӣ омада гуфт:*

*-Имшаб овози кудунг маро беором накард.*

*Амири Сомонӣ фармуд, ки дарҳол ҳамон таърихро нависанд. Пас кас ба Самарқанд фиристода, амр намуд, ки ҳақиқати масъаларо санҷида ба ӯ хабар диҳанд. Каси фиристодашуда боз омад ва хабар расонд, ки дар ҳамон шаби ишоракардаи Абӯалӣ калонтарини кудунгарони Самарқанд вафот карда будааст. Бинобар ин онҳо ҳамон шаб кудунг назада будаанд.*

*Ҳангоме ки амири Сомонӣ ин ҳолатро мушоҳида намуд, эътиқоди ӯ нисбат ба Абӯалӣ хеле афзуд [46, 17].*

Дар ривояти мазкур симои Ибни Сино ҳамчун дорандаи қувваи сомеаи қавӣ ба тасвир омадааст. Ӯ тавассути шунавоии пурқуввати худ тавонистааст аз Бухоро истода, садои кудунггарони Самарқандро шунавад. Гарчанде муҳтавои ин ривоят аз дараҷаи дарки қобилияти инсонӣ берун бошад ҳам, вале он баёнкунандаи симо ва истеъдоди як нафари дӯстдоштаи мардум аст.

Ривояти дигари мавриди омӯзиш қарордошта, аз қувваи босираи Ибни Сино нақл мекунад. Дар ин ривоят чунин омадааст, ки гӯё Ибни Сино шахси

савораи дар чаҳор фарсахи роҳ омадаистодаро, ки дар тан ҷомаи хокистарӣ дорад, ҳатто холи рухсора ва машғули хӯрдани ширинӣ будани ӯро муайян мекунад, ки ин гуфтаи ӯ рост баромада, боиси ба шигифт афтодани подшоҳ мегардад. Чунончи:

*«Гӯянд, рӯзе Бӯалӣ дар пешгоҳи подшоҳ буд. Подшоҳ дар болохона аз дарричае, ки саранрезн биёбон буд, бо дурбин нигоҳ мекард, Бӯалӣ пурсид:*

*-Ба чӣ чиз нигоҳ мекунӣ?*

*Гуфт:*

*-Дар чаҳор фарсахе саворе меояд, мехоҳам бидонам кист?*

*Бӯалӣ гуфт:*

*Ин роҳ наздик аст ва ниёзе ба дурбин надорад. Акнун ман мегӯям, ки ин савор чӣ гуна одамест. Марде аст ҷавон ва ҷомааш ба ранги хокистарист ва бар рухсораш холе дорад ва саргарми хӯрдани ширинӣ аст.*

*Подшоҳ пурсид:*

*-Ҳамааш он чӣ гуфтӣ, дуруст, вале ширинӣ аз мазза дониста мешавад, ту аз куҷо донистӣ, ки он мард ширинӣ мехӯрад?*

*Гуфт:*

*-Аз он ҷо донистам, ки магасҳо чанд даври даҳонаш парвоз мекунанд.*

*Подшоҳ нахуст бовар накард, вале чун он мард расид ва пурсид, донист чунон буд, ки Бӯалӣ гуфта, дар шигифт шуд» [46, 52].*

Ривоят, чунон ки гуфта шуда, аз қувваи беназири босираи Сино сухан мекунад ва аз нуқтаи назари воқеӣ он як навъ ғулӯв ба назар расида, ба чаҳорчӯбаи ақл намеғунҷад. Чигуна одами дар чор фарсах роҳ омадаистодаро бо тамоми ҷузъиёте, ки дорад, холи рухсораш ва ё ширинӣ хурдани ӯ ва парвози магасҳо дидан мумкин аст. Дар ин ҷо сухан бояд аз тасвири симо ва мусаввари Сино равад, на аз мувофиқати ривояту воқеъият. Ривоят шоҳ ва Синоро дар канори ҳам тасвир мекунад ва воқеист, ки подшоҳ аз ҳар намуди дастгоҳ ва ҳар хели мавод таъмин аст, дар ҷое ки Сино дар бари ӯ ба ҷуз аз андешаи олимона ва қувваи ҳиссси чаҳоргона чизи дигаре надорад. Барои мардум лозим аст, то қаҳрамони худро аз шоҳ баландтар ба

тасвир оранд ва бинобар ин ба вай кувваи гӯшношунид ва истеъдоди ниҳоят қавиро мансуб донистаанд. Инро дар бисёре аз дигар ривояту нақлҳо низ мушоҳида кардан метавон. Масалан дар ривояти зерин ки дар он низ аз қувваи тези чашми Сино сухан меравад. Дар ривояти мазкур дар чанд фарсах омадани он мард муҳим нест, дар ин ҷо манбаи дигар боиси исботи тезии чашм ва зиракии Ибни Сино мегардад.

Хулоса, симои Абӯалӣ ибни Сино дар ҳама ривоятҳо якранг ба тасвир наомадааст. Ӯ дар ҷое тавассути ҳисси тез, ҷои дигар аз ҷиҳати қувваи ҳофизаи қавӣ, дорои қувваи сомеаи қавӣ ва дорои назари тезу равшанбин хеле хуб тасвир шудааст. Аммо ҳамаи ин ривояту нақлҳо бо хулоса ва натиҷагириашон ба бузургиву ақлу заковати расо доштани Ибни Сино аз даврони тифлӣ ва наврасиаш ишора мекунанд. Мардум шахсият, хулқу рафтор, назару муносибати Синоро ба атрофу атрофиён бо беҳтарин сифатҳо тасвир намудаанд. На ҳар кас метавонад ба чунин эҳтиром сазовор гардад.

# БОБИ III. ОБРАЗИ СИНО ДАР РИВОЯТҲОИ АДАБИЁТИ ХАТТӢ

## Фасли 1. СИМОИ (ПОРТРЕТИ) АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР ТАЗКИРАҲО ВА ОСОРИ АДАБӢ

Воқеан, зиндагии нисбатан кӯтоҳ, аммо пур аз фаъолияти босамари Абӯалӣ Сино чунон нуфузе доштааст, ки тақрибан ҳама илму фарҳанги асраш аз назари таҳқиқи ӯ гузашта, натиҷаҳои он тавассути асарҳои пурарзишаш барои наслҳои оянда ҳамчун мероси гаронбаҳо интиқол ёфтааст. Аз ин ҷост, ки нисбат ба зиндагӣ ва фаъолияти сермаҳсули ӯ халқ ҳикоёту ривоятҳои зиёде офаридаанд. Мардум тавассути ин ҳикояву ривоятҳо тавонистаанд ба ҷо-ҷо аз зиндагӣ ва фаъолияти ӯ ишора намуда, ба қадри имкон сурат ва сирати Ибни Синоро биёфаранд. Хеле ба маврид аст қайд кунем, ки ин ривоятҳо танҳо тавассути аз даҳон ба даҳон гузаштан умри абадӣ пайдо накардаанд, балки дар адабиёти хаттӣ низ инъикос гардидаанд.

Маҳз дар адабиёти хаттӣ инъикос гардидани симо ва сурати Абӯалӣ ибни Сино боиси боз ҳам равшантар шудани чеҳраи ӯ гардид. Вале мавриди таъкид аст, ки ривояту нақлҳо дар бораи ибни Сино натанҳо аз даҳон ба китоб, балки аз китоб ё хат ба даҳон низ гузаштаанд ва чунин додугирифти адабиёту фолклор дар мавриди олим иттифоқи ҳамешагӣ доштааст. Дар ин фасли диссертатсия кӯшиш гардид, то тарз ва натиҷаи тасвири симою шахсияти Сино дар адабиёти хаттӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Симои Абӯалӣ ибни Сино дар миёни халқ, пеш аз ҳама, ҳамчун табиби беҳамто, ҳаким ва дастгири мардуми оддӣ тасвир гардидааст. Аз ин сабаб, дар қисми зиёди ривояту ҳикоятҳои бадеӣ ва халқии нисбат ба Сино бахшидашуда ин соҳаи фаъолияти ӯ мавқеи аксарро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, мувофиқи сарчашмаҳо, дар баробари пешаи табибии ӯ доир ба паҳлӯҳои гуногуни фаъолият ва эҷодиёти ин нобиға нақлу ривоятҳои ҷолибе аз ҷониби фолклоршиносону дӯстдорони адабиёти шифоҳӣ ҷамъоварӣ гаштаанд. Силсилае аз ин нақлу ривоятҳо, ки баъзе намунаашон дар тӯли солҳо аз ҷониби шахсони алоҳида, адибон, муаррихон ва фолклоршиносон

тавассути маҷмӯаю тазкираҳо ва асарҳои илмию бадеӣ манзури хонандагон гардидаанд, аслан манбаи китобӣ доранд. Вале ба сабаби дар давоми асрҳо тавассути аз насл ба насле ба таври шифоҳӣ интиқол ёфтанашон ба дигаргуниҳо дучор омадаву таҳрир шуда вариантҳо пайдо кардаанд.

Ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва табъу нашри ривоятҳои вобаста ба Абӯалӣ ибни Сино эҷодшуда аз ҷониби адибон ва пажӯҳишгарон аз замони зиндагонии худи ӯ, яъне аз асрҳои X-XI, шурӯъ шуда, дар солҳои замони Шӯравӣ низ идома ёфта, дар бозтоби тасвири характери Сино саҳми арзанда гузоштааст. Ин намуди осор маҳз аз зумраи он сарчашмаҳои китобӣ мебошанд, ки дар онҳо нақл ё ривояте аз ҳаёту фаъолияти Сино сабт мегардид. Яке аз чунин осор асари машҳур бо номи «Равзат-ул-ҷаннот» мебошад, ки аз ҷониби Муҳаммадбоқири Хонсорӣ дар асри XVIII таълиф гардидааст ва он шарҳи ҳоли 742 нафар орифон ва фозилону шоирони асрҳои пешинро дар бар мегирад. Дар ин қатор Ибни Сино ҳам ҷой дода шудааст. Ҳикояте, ки дар ин асар қайд гардидааст, аз забони шогирди Сино Баҳманёр нақл мешавад. Дар ривояти мазкур аз беҳуда зоеъ намудани вақт ва сабаби нороҳатии Сино гаштани ин рафтори шогирдон сухан меравад. Ривояти мазкур дар фасли сеюми боби дуюм пурра оварда шуда, мавриди омӯзишу таҳлили дақиқ қарор дода шудааст.

Ҳамчунин «Қисас-ул-уламо» аз ҷумлаи маъхазҳоест, ки доир ба 153 уламои мазҳаби шиӣ (асрҳои X то XIX) маълумот медиҳад ва муаллифи асари мазкур Муҳаммад ибни Сулаймони Тунакобунӣ (вафоташ соли 1890-91) мебошад, ки дар асари худ дар қатори дигар олимону шоирон, доир ба Абӯалӣ Сино низ маълумот дода ҳикоятҳои: меҳмон шудани дарвеш ба хонаи падари Абӯалӣ, Шайхурраис унвон гирифтани Сино, мусоҳибаи Сино бо Абӯсаид Абулхайр, ҳикояти охунд ва Абӯалӣ Сино ва ғайраҳоро ҷой додааст. «Афсонаҳои Бӯалӣ Сино»-и Субҳӣ, ки дар асри XX таълиф шудааст ҳикоятҳои: зеҳни Абӯалӣ Сино, қувваи чашми Абӯалӣ Сино, қувваи ҳофизаи Абӯалӣ, дар роҳ, гурбаи бемор ва ғайраҳо дар худ ҷо додааст, ки ҳамаи он аз тарафҳои гуногуни сирату сурати ибни Сино маълумот медиҳанд.

Дар бораи паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти Ибни Сино олимон, фолклоршиносон ва пажӯҳишгарони тоҷику форс, амсоли Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Зайниддин Восифӣ, М.Субҳӣ, Садриддин Айнӣ, Абдулағанӣ Мирзоев, Бобоҷон Ғафуров, Амрияздон Алимардонов, Ҷ.Додалишоев Додоҷон Обидов, инчунин шарқшиноси рус Е.Э.Бертелс ва дигарон, ба хотири миёни мардум тарғибу талқин намудани бузургии Ибни Сино ва нишон додани садоқати халқ нисбат ба ӯ, асару мақола ва рисолаҳои илмӣ навиштаанд.

Дар ҳамин замина бояд гуфт, ки таърихи адабиёти ҷаҳонӣ шахсиятҳои таърихиеро медонад, ки онҳо баъд аз фавт ба қаҳрамонони асарҳои адабӣ ва фолклорӣ табдил ёфтаанд. Дар нақлу ривоят ва мақолаҳои ёдбудие, ки нисбат ба ин ва ё он шахсиятҳои таърихӣ гуфта мешаванд, пеш аз ҳама тасвире аз рӯзгор ва фаъолияти эҷодии онҳо таъкид мегардад ва ба ин восита саҳифаҳое аз тарҷумаи ҳоли онҳо боз карда мешавад. Вобаста ба ин мавзӯъ бисёр кам ба мушоҳида расидааст, ки вақти дар ҳаёт будани бузурге ё шахсияти таърихӣ оид ба шахсият ва чеҳраи нотакрор будани ӯ мақолаву рисола ва нақлу ривоятҳои мардумӣ эҷод шуда бошад.

Дар асарҳои бадеӣ ва шифоҳӣ тасвири чеҳраи зоҳирии қаҳрамон, монанди қиёфа, сару либос, хислат, ҳиссу ҳаяҷони ӯ, дунёи ботиниву олами руҳии вай барои кушодани симои қаҳрамон мусоидат мекунад. Дар тасвири симои зоҳирии персонажҳо нақлу ривоятҳое, ки аз тарафи  гӯяндагон гуфта шудаанд, аҳамияти калонеро доро мебошанд. Мардум махсусан аломату нишона ва сифатҳои зоҳирии қаҳрамонашон Ибни Синоро дар нақлу ривоятҳо хеле ҳунармандона ва ҷолиб офаридаанд, ки боиси барҷо мондани ин гуна асарҳои фолклорӣ шудааст.

Дар ин фасл, чунон ки гуфта шуд, мо ба баррасии чеҳраи Сино ва тасвири он дар адабиёти хаттӣ ва нақлу ривоятҳои мардумӣ, ки тавассути муҳаққиқони соҳаи адабиёт ва фолклор дар китобу мақолаҳои алоҳида нашр шудаанд, рӯ меорем. Ибни Сино шахсияте буд, ки сарнавишти худро ба тақдири халқаш пайваст ва ҳарчи дониш ва маҳорату қудрат дошт, дар

хидмати халқи заҳматкаш қарор дод. Ӯ бо асарҳои худ моҳияти илми тиб ва тавоноии онро ба оламиён фаҳмонд.

Чеҳраи Абӯалӣ ибни Сино дар асл чигуна буд, ба мо маълум нест. Зеро дар ислом кашидани сурати одам мамнуъ буд. Агарчи Низомии Арӯзӣ дар китоби «Чаҳор мақола» [38, 160] ривоят мекунад, ки султон Маҳмуди Ғазнавӣ барои дастгир кардани Ибни Сино сурати ӯро кашида ба шаҳрҳои гирду атроф фиристод, вале ин ривоят баъди яксаду бист соли вафоти Шайхурраис навишта шуда ва имрӯз то кадом андоза дуруст будани онро муайян кардан душвор аст. Мо тасвири сурати Синоро надорем. Суратҳое, ки аз ӯ дар Аврупо пас аз тарҷумаи «Ал-қонун» ба забони лотинӣ ва баъдан дар асри мо аз ҷониби рассомони шӯравӣ ва эронӣ кашида шудаанд, ҳама тахминӣ мебошанд. Саид Нафисӣ дар Ҳамадон ҳангоми кофтани қабри ӯ акси як тарафи рӯи ӯро гирифта тавонистааст, баъдан дотсенти институти тиббии Андиҷон математик Ш.Х.Ҳамидуллин аз рӯи он акс бо амали математикӣ нисфи дигари суратро бозсозӣ карда, сипас олимон М.М.Герасимов ва В.Н.Терновский бо методи антропологӣ шамоили Шайхурраисро барқарор кардаанд [48, 1978].

Инчунин, ба истиқболи ҷашни ҳазораи зодрӯзи Абӯалӣ ибни Сино рассом Р.М.Токман [73,16] дар асоси амали рассоми эронӣ Абулҳасани Сиддиқӣ бо як маҳорати хос тасвири симои Шайхурраисро хеле эҷодкорона ва моҳирона офаридааст. Дар ин амали рассом ҷиҳатҳои асосии чеҳраи Ибни Сино, хусусиятҳои хоси ӯ, симои гарму дилкаш, назари амиқу мутафаккиронаи ӯро рассомӣ кардааст.

Мутобиқи тасвирҳое, ки мо дар даст дорем, чеҳраи Синоро ба таври зайл тасвир кардан мумкин аст: пешонаи фаррохи барҷаста, абрӯвони дарози сермӯй, чашмони калони бодомӣ, бинии рости теғдор, лабони борик, қиёфаи хароби дарозрӯя, риши начандон дароз, гардани баланд, китфони васеъ, қади баланд, қомати рост, панҷаҳои дасташ харобу дароз, умуман марди хушсурату зебо; тарзи либоспӯшиаш: дар сар салаи начандон калон, ки дар баъзе маврид як гӯшааш аз тарафи чап овезон аст, сару либоси хоси донишмандони ҳамон давру замон.

Барои тасвири маҳорат, ҳунар ва сирати Сино, як худ сурат ва қаду қомати ӯро тасаввур кардан кофӣ набуд. Аз ин рӯ, наққошон ва ҳунармандон бо нишон додани ашёи марбут ба санъат, илм ва ҳунари Сино образи ӯро пурра менамуданд. Маҳз тавассути рамз ва мазмуни ашёи Синоро иҳотакарда хонанда ва бинанда метавонад аз ҳунар ва ботини ибни Сино бохабар гардад. Чунончи, чеҳраи Сино дар китобҳои адибону нависандагон ба таври зайл тасвир шудааст:

- дар айёми тифлӣ дар оғӯши модар;
- дар даст китоб ё ҳангоми мутолиа ё навиштани рисола;
- дар назди устодонаш;
- дар ҳалқаи шогирдон;
- дар наздаш хома ва рангдон;
- дар миёни гулу гиёҳон;
- зери осмони пур аз сайёраву ситораҳо;
- дар паҳлӯи ӯ тасвири мор, ки рамзи илми тиб аст;
- расми корвон;
- ҷому кӯзаи шароб ва аксҳои таҷҳизоти техникӣ.

Агар рамз ва мафҳуми ҳар яке аз ин тасвирҳо кушода гардад, он қисмати асосии ҳаёт, фаъолият ва ҳунари илмии Абӯалӣ Синоро муаррифӣ мекунад. Ҳамаи ин ашё аз тарҷумаи ҳоли ӯ ва нақлу ривоятҳои мардумӣ маншаъ мегиранд ва аз он шаҳодат медиҳанд, ки Ибни Сино дар ҳақиқат ҳамаи илмҳои замонаашро ба таври кофӣ аз худ карда, тариқи асару китобҳои илмӣ андешаву таҷрибаҳояшро ба ҷаҳониён ба таври абадӣ боқӣ гузоштааст.

Дар баробари ба тасвир гирифтани қаду боло, рангу рӯй ва шаклу шамоили мутафаккир аз тарафи баъдомадагон, тавре ки дар боло зикр кардем, Ибни Сино дар асарҳои илмиаш худ низ ҷо-ҷо лаҳзаҳое аз рӯзгорашро ишора намуда, баъдан бо эҷоди китоби тарҷумаи ҳолаш, ки тавассути шогирдаш Абуубайди Ҷузҷонӣ навишта шудааст, худро ба хонанда шиносонидааст. Ба назар чунин мерасад ва бинобар муҳтавои фикру ақида

ва ситоишҳо дар хусуси Сино, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳамаи он нақлу ривоятҳо оид ба кору фаъолият ва ҳаёту зиндагии Ибни Сино манбаи китобӣ доранд ва дар асоси фикру ақидаи олимону донишмандон ва аксаран дар заминаи таҷрибаю кашфиёти амиқу доманадори илмии худи Ибни Сино арзи ҳастӣ намудаанд.

Падидаи портретсозии олимону адибон дар мавриди Сино нишон медиҳад, ки сурат ва сирати ӯ торафт боиси таваҷҷуҳи онҳо мегардад ва ҳама вақт ҷузъиёти наверо дар навиштаҳои ин ё он олим ва шогирдони Сино пайдо кардан мумкин аст. Чунончи, Абӯубайди Ҷузҷонӣ, шогирди садоқатманди Ибни Сино, симои ӯро тасвир намуда, чунин иброз доштааст: «*Мегӯянд, ки вай дар кӯдакӣ аз зеботарин мардуми рӯзгор буд ва гузарҳо дар камин мебуданд, ҳангоме ки аз хона ба масҷиди ҷомеъ мерафт, бар зебоии ҷамолаш бингаранд*» [89, 6].

Аз ин гуфтаи Ҷузҷонӣ, - «***вай дар кӯдакӣ аз зеботарин мардуми рӯзгор буд»,*** ба хулосае омадан мумкин аст, ки Сино дар ҳақиқат дар баробари соҳибилму бомаърифат буданаш марди зебое низ будааст. Албатта, зери мафҳуми истилоҳи «**зеботарин**» мо шахси дорандаи чеҳраи зебо, қаду андоми базеб, гуфтору рафтори шоистаи одами зебо ва умуман, инсони комили дорои сурат ва сирати зеборо тасаввур мекунем. Вобаста ба ин мавзӯъ мо ба сарчашмаҳои илмӣ рӯ оварда, гуфтаҳои донишмандон ва ҳаводорони мутафаккирро роҷеъ ба ин масъала таҳлил ва баррасӣ менамоем, то аз нишони сурат ва ҷамоли Сино бештар хабар ёбем.

Пешакӣ зикр мекунем, ки аз тасвирҳо ва сарчашмаҳои илмӣ симои Ибни Сино ҳамчун мутафаккири муаззам, марди зиндагидӯст ва хуштаъбу завқ, марди басо нуронӣ, ҷозибадор ва меҳнатдӯст ба назар меояд. Ривояте бар шоҳидии ин гуфтаҳо мавҷуд аст, ки боре дар вақти гурезагии Сино дар бозори Рай як нафар табиби он шаҳр иттифоқан Синоро дида мешиносад. Шайх аз ӯ мепурсад, ки ӯро чигуна шинохтааст. Он мард чунин ҷавоб медиҳад: соҳиби ин салобат ва ин чеҳра, ки аз вай нури маърифат меборад, танҳо Шайхурраис буда метавонад [89, 6]. Чунонки мебинем дар ин ривоят гӯянда тавассути табиб чеҳраи Ибни Синоро «***соҳиби ин салобат ва ин чеҳра,***

***ки аз вай нури маърифат меборад»*** тасвир кардааст, ки бори дигар соҳиби маърифат будан ва аз чеҳраи пурнур доштани Сино дарак медиҳад.

Вобаста ба ин мавзӯъ профессор Ш.Ҳусейнзода дар мақолаи хеш таҳти унвони “Сурат ва сирати ибни Сино” маълумоти хубе додааст: «Нақши сурати Ибни Синоро ҳатто дар замони ҳаёташ кашида буданд ва баъдтар тасвири хаёлии ӯ дар ҳамаи асрҳо зебу зиннати китобҳои қадими шарқӣ ва аврупоӣ, тоқу айвонҳои китобхонаҳо ва калисоҳо гардида будааст. Яке аз кӯҳнатарин тасвири Ибни Сино дар нусхаи фаронсавии асри XIII дида мешавад. Лекин тасвире, ки ҳама хислату хусусиятҳои ӯро дар бар гирифта нишон дода бошад, нест» [89, 5]. “Нест” гуфтани тасвири Ибни Сино аз тарафи донишманд ба ду сабаб ишора дорад, ки яке ҳақиқати ҳол аст, яъне тасвири воқеии чеҳра ва қадду қомати Синоро касе ба қалам наоварда буд ва дуюм, яъне он сурат ва сират, ақлу заковат ва нуру фарре, ки Сино дошт ба ҳеҷ тасвир баробар намеояд.

Тасвир ва тавсифи зебоии рӯй ва нуронии чеҳраи Ибни Сино аз тарафи ояндагон далолат ба он дорад, ки  Ибни Сино на танҳо тавассути фаҳму идрок, донишдӯстӣ, таъби расо ва кушодазабонӣ, балки бо ҳусну ҷамол ва одоби писандидаи худ низ маҳбуб ва ангуштнамои мардум гардида будааст. Дар баробари мардуми қаторӣ, ки ривоёту афсонаҳову нақлҳои зиёдеро дар бораи қаҳрамонашон бофта паҳн намуда буданд, дар тамоми тӯли асрҳои гузашта, адибе ва ё донишманде нест, ки дар бораи шахсият ва зиндагии Ибни Сино чизе нагуфта бошад. Маҳз ҳамин гуфтаҳо ва навиштаҳо сабаб шуданд, ки образ ва портрети Ибни Сино дар сарчашмаҳои хаттӣ ва ҳатто осори муаллифӣ мавқеъ пайдо кунад.

Яке аз  донишмандони гузаштаи номӣ Байҳақӣ мебошад, ки  дар китоби «Татиммату савон-ал-ҳикмати» аз ***ҷомаи доропӣ дар тан, аммомаи ҳабашӣ бар сар, ки рӯи зебо ва зарифашро ороиш медоданд*** *[2, 39]*, нақл кардааст, ки маълумоти мазкур низ нисбат ба марди зебо ва саховатманд будани Сино далолат намудаст. Дар баробари чунин ҷумлаҳо ва баъзан саҳифаҳои ба тасвири зоҳиру ботини ибни Сино бахшидашуда, ашъори

махсус арзи ҳастӣ намуд ва дар он ҳам сирату сурати Шайхурраис ба таҳлил гирифта шудааст. Чунончи, яке аз шоирони асри XII Нусратдини Ҷомакабуд ба ҳусни зебои Сино ишорае намуда, гуфта будааст:

***Рӯи чун хуршеди ӯро** ҳар ки дидӣ як назар,*
*Ҳамчу ман шайдо шудӣ, гар Бӯалӣ Синостӣ [89, 6].*

Шоири дигари асри XII Ҷалолиддини Балхӣ ҳикояти мансуб ба Синоро, ки дар бораи муоличаи канизаки ошиқшуда ба заргарбачаи самарқандӣ нақл мекунад, ба назм оварда, симои нуронии табиб, яъне Синоро ба ин тариқ тасвир карда мегӯяд:

*Дид **шахсе комиле пурмояе,***
***Офтобе дар миёни сояе**.*
*Мерасад аз дур **монанди ҳилол**.*
*Нест буду ҳаст бар **шакли хиёл,***
*Он валии ҳақ чу пайдо шуд зи дур,*
***Аз сару пояш ҳаме метофт нур [57, 17]**…*

Аз ин гуфтаҳо чунон ба назар мерасад, ки Сино аз мардони комилаъзо будааст ва қаду қомати раъно, рухсораҳои гулгун, чашмони пурфурӯғи шаҳло, пешонаи фаррох, бинии кашида, манаҳи гирд, синаи паҳно, дар тан ҷомаи дороӣ доштааст. Ин тасвиротро мо аз гуфтаҳои бисёре хулоса кардем, вале он чи маълум аст нишон медиҳад, ки вай ҳама хислат ва сифатҳои хубию зебоии ба инсони комил муносиб ва мувофиқро дошта будааст. Муҳим ин аст, ки тасвири сурати ӯ аз сираташ ҷудо нест ва зебоии комили Сино низ дар ҳамин аст. Ба қавли Абӯнасри Форобӣ инсони комил чанде хислатҳои дигар ҳам дорад, ки қобили писанд мебошанд: комилаъзо, он чиро дарк кунаду бубинаду бишунавад фикру андеша кунаду ба хубӣ дар ҳифз нигоҳ дорад; боҳуш ва зиррак бошад; некӯиборат, дӯстдори таълим, дӯстдори дӯстӣ ва душмани дурӯғ, бузургҳиммат ва дӯстдори бахшандагӣ, дур аз ҳирсу моли дунё, дӯстдори одилон ва душмани золимон, додгару нарм, қавиирода ва

шуҷоъ дар баробари ҳақ бошад. «Тамоми ин навъ хислатҳо инъикоси инсони комил аст. Инсони комил аз такомули ҳамоҳангии он хислатҳо, яъне ҳамаи хислатҳои дар боло зикршуда баробар, ҳамоҳанг такомул ёфта бошанд, инсони комил шинохта мешавад» [2, 7].

Мутобиқи манбаъҳои мавҷуда, Абӯалӣ Сино низ ҳамаи хислатҳои зикршударо дар худ дорад ва ин гуна шахсияти аҷиб ва инсони комилро дар суратҳои некӯ ва дилчасп дидан ва тасвир кардан раво аст. Вобаста ба ин мавзӯъ муҳаққиқи тоҷик А.Мирзоев дар рисолаи худ «Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ» дар боби тарҷумаи ҳоли аслии Ибни Сино ишора намудааст, ки аз рӯи гуфтаи Ҷузҷонӣ ***Сино марди қавипайкари бузургҷусса*** [31, 77] буд. Вале маълумоти мазкурро дар дигар маъхазҳо пайдо накардем. Яъне саҳми А.Мирзоев тавассути тарҷумаи ҳоли навиштаи Ҷузҷонӣ барои офаридани чеҳраи Сино бениҳоят бузург аст.

Ҳамчунин китоби дигаре, ки соли 1980 аз тарафи адиби рус Валерий Воскобойников ба дасти чоп расид, “Ҳакими бузург” [16, 245] унвон дорад ва ин китоб аз саргузашти аҷибу рӯзгори наҷиби ҳакими бузург Абӯалӣ ибни Сино ҳикоят мекунад. Нависанда маълумоти сарчашмаҳои таърихиву адабӣ ва таълифоти худи нобиғаро дақиқназарона омӯхта ва муҳити сиёсиву иҷтимоии даврро заминаи тасвири бадеӣ қарор дода, симои Ибни Синоро офаридааст. Инчунин дар китоби мазкур аз ривоятҳое, ки нисбат ба Ибни Сино эҷод гардидаанд, ҷо-ҷо истифода карда шудааст.

Мутобиқи маълумоти В.Воскобойников, бо фармони Султон Маҳмуди Ғазнавӣ 40 дона акси Ибни Синоро дӯсти ӯ Арроқӣ, ки аз Гурганҷ ба хизмати султон рафта буд, кашида ба ҳамаи амирони шаҳрҳои ҳамон давраи минтақа равон карда будааст ва фармуда, ки агар касе Синоро дар шаҳри худ пайдо кунад, ба дарбори ӯ таҳвил диҳад. Ҳамин тариқ аксҳои Синоро ба деворҳои масҷидҳо овехта буданд. Рӯзе Сино ба табобати Абӯмуҳаммади Шерозӣ, яке аз шахсони илмдӯст меравад. Шерозӣ Синоро шинохта, аз воқеаи кор бехабар ба ӯ муждагонӣ медиҳад, ки султон Маҳмуд ӯро ба девони дарбори худ даъват мекунад. Вале чун мебинад Сино аз шунидани ин хабар хурсанд нест ва мефаҳмад, ки ӯ ба дарбори Маҳмуд рафтан намехоҳад, ба Сино некӣ

намуда, дар ҳамсоягии худ хонаеро барои ӯ мехарад ва ин сирро аз амири шаҳр пинҳон медорад. Бар ивази ин некии худ Шерозӣ аз Сино хоҳиш менамояд, ки барои ӯ китоб нависад. Абӯалӣ чунон саргарми кор мешавад, ки якбора ду китоб, яъне «Ал-мабдаъ в-ал-маод» ва «Ал-ирсод ил-куллия»-ро менависад. Вале зиндагии Сино дар ин шаҳр низ дер давом намекунад. Ӯ ҳамроҳи шогирди худ Ҷузҷонӣ ба шаҳри Рай, ки малика Саида дар он ҷо ҳукмронӣ мекард, меравад [31, 67].

Ҳамин тавр, донишмандон ҳар кадоме таи солҳои тӯлонӣ тавассути асарҳои пурмуҳтавои хеш чеҳраи Синоро аз рӯи нақлу ривоятҳои медониста ва то он ҷое, ки дар борааш маълумот доштаанд, тасвир намудаанд.

Дар адабиёти муосири тоҷик низ шоирони зиёде дар бораи Абӯалӣ ибни Сино шеъру достонҳо эҷод намудаанд, ки яке аз онҳо «Гаҳвораи Сино»-и [28, 116] Мӯъмин Қаноат мебошад. Симои офаридаи шоир дар ин достон низ хеле ҷолибу хотирмон тасвир шудааст. Дар достони мазкур тасвири симои Синои ҷавон аз ҷониби Нуҳи Сомонӣ, пас аз шифо ёфтан аз беморие, ки тамоми табибони давр аз дармонаш оҷиз монда буданд, чунин аст:

*Пас аз сулҳу мадоро хонд рӯзе Ибни Синоро,*
*Ки то аҳли назар бинад* ***чарогу чашми биноро****.*
***Ҷавони навхати болобаланде*** *бо маром омад,*
*Ба сар имои таъзиме намуда дар мақом омад [28, 13].*

Чи тавре ки маълум аст, дар ин қисмат Сино ба ***чарогу чашми бино*** ташбеҳ дода шуда ва ***ҷавони навхати болобаланде*,** ки бо маром дар мақомаш меояд тасвир карда шудааст. Инчунин дар ин ташбеҳот сатри «***Ба сар имои таъзиме намуда дар мақом омад***» симои Синоро ҳамчун инсони дорандаи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва дорандаи мақом дар ҷамъият тасвир намудааст. Ин ташбеҳоти Нӯҳи Сомонӣ дар достони мазкур хеле ҷолиб буда, бори дигар собит месозад, ки Ибни Сино аз овони ҷавонӣ чароғу чашми бинои мардум ва мададгори дармондагон ҳамчун хуршеди тобон дар Бухоро будааст.

Мусаллам аст, ки пас аз вафоти Нӯҳ ибни Сомонӣ ва забти Бухоро аз тарафи султон Маҳмуди Ғазнавӣ  Сино аз ин шаҳр фирор мекунад. Дар достони мазкур аз кадом дарвоза ҳамроҳи бародараш бурун шудан ва ба тан чигуна либос доштани онҳо дар ин мисраъҳои шоир тасвир гардидааст:

*Бурун омад шаб аз* ***дарвозаи нур,***
***Ридоъ*** *пӯшидаю* ***дастори кофур*** *[28, 15].*

Чунон ки маълум аст ***дарвозаи нур*** - яке аз дувоздаҳ дарвозаҳои Бухоро буд, ки ба сӯи Хоразм кушода мешуд ва ***ридоъ*** бошад, қабои аҳли зуҳд аст, ки дар ҳамон давру замон ҳангоми сафар ба китф партофта мешуд ва Сино ба хотире, ки шинохта нашавад аз ин гуна либос истифода карда, ба сафари пур аз монеаву хатар оғоз мекунад. Шоир, ҳангоми навиштани ин мисраъҳо низ аз маълумоти сарчашмаҳо ва нақлу ривоятҳои мардумӣ истифода намуда, дар офариниши образи Сино муваффақ шудааст. Тавассути достони мазкур саргузашти Ибни Сино ба назм даровварда шуда, лаҳзаҳои ҷолиби он ба тасвир оварда шудаанд.

Дар маҷмуъ шоир М.Қаноат дар ин достон бо истифода аз нақлу ривоятҳои мардумӣ, аз ҷумла: табобати Нӯҳи Сомонӣ, имтиҳони қувваи дарку эҳсос ва ҳакимии Сино аз тарафи шоҳ, ки аз ӯ мепурсад, ки аз кадом дар берун меравад, имтиҳони қувваи ҳисси ӯ аз тарафи рафиқонаш тавассути ба зери курсии Сино як қабат докаро паҳн кардани онҳо, даво кардани шоҳзода Маҷидуддавла ва ғайраҳоро истифода намудааст. Инчунин аз тарҷумаи ҳоли Ибни Сино тавассути образҳои дигари бадеӣ, мисли Нуҳи Сомонӣ, сорбон ва пири Мейҳанӣ чеҳраи Ибни Синоро дар кору фаъолияти илмӣ ва ҳаёту зиндагии рӯзмарааш хеле хуб ба тасвир овардааст. Достон аз як тараф ҳамчун як намунаи хуби асари адабии асри XX ҳисоб шуда, аз тарафи дигар он барои пешбурди омӯзишу таҳқиқ дар бораи ин нобиға арзиши илмиро доро мебошад.

Хулоса, ривояту ёдномаҳое, ки дар хат нигошта шудаанд ва инчунин роману повест ва шеъру достонҳои дар бораи ин нобиғаи ҷаҳонӣ Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино саҳифаҳое аз рӯзгор ва фаъолияти ҳамаҷониба ва сермаҳсули ӯро ҳам ошкор ва ҳам абадӣ сохтаанд. Чеҳраи Ибни Синоро шогирдонаш - Абуубайди Ҷузҷонӣ, Абулҳусайн Баҳманёр, инчунин олимону донишмандони давр ва асрҳои минбаъда, ҳамчун Абурайҳони Берунӣ, Абусаҳли Масеҳӣ, Носири Хусрав, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Рашиддидуни Ватвот, Муҳаммад ибни Мунаввар Абулҳасани Байҳақӣ Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, Ҳасани Деҳлавӣ Мӯинуддин Замчии Исфизорӣ, Зайнуддин Маҳмуди Восифӣ, олимону донишмандони хориҷиву тоҷик аз қабили Э.Е. Бертелс, И.Брагинский, А.А. Семенов, А.В. Сагадеев, Э.Б. Тейлор, С.Айнӣ, Б.Ғафуров, С.Улуғзода, М.Субҳӣ, А.Мирзоев, А. Алимардонов, Ҷ.Додалишоев М.Қаноат, Д.Обидов ва ғайраҳо тавассути мақолаву маҷмӯаҳо хеле хуб ва моҳирона ба тасвир додаанд. Дар маҷмуъ портрети Абӯали ибни Сино шахсияти таърихии бузургеро мемонад, ки ин аз эҷодиёти пурғановату такрорнашавандаи худи ӯ шаҳодат медиҳад.

Инчунин вобаста ба ин мавзӯъ аз тарафи адиби маъруфи тоҷик Ҳ. Раҳмат драмае эҷод шуд, ки дар он чигунагии чеҳраи Ибни Сино хеле хуб тасвир гардидааст. Дар аввал Абӯалӣ аз чигуна омӯхтани ҳамаи китобҳои дар китобхонаи давлати Сомониёнро ёд карда, сипас дар кадом сину сол будани худ ва ба кадом комёбиҳо ноил гаштани худро фикр намуда, рубоии "Эй кош бидонистаме, ки ман кистаме"-ро зери лаб зам-зама намуда ба дарвозаи Ҳамадон наздик мешавад. Вақте аз тарафи муқарраби амир Тоҷулмулк барои мушараф шудан ба мулоқот бо мир ҷавоби рад мегирад, ноумед нашуда дар корвонсарой ба табобати беморон машғул мегардад. Дар ин миён ҷавонеро, ки ба касалии руҳӣ гирифтор буду ман гов шудам мегуфт табобат намуд. Инчунин, ҷавоне, ки қайи мори афъиро хӯрда сиҳат меёбад ва зани чодарпӯше, ки Абӯалиро имтиҳон кардан хоста аз зери чодар ресмонро ба дасти гурба баста шарманда мешавад, дар ин қисмати драма ҷой дода шудааст. Сипас, вақте ки амир ба дарди шикам гирифтор мешаваду табибони дарбор аз табобаташ оҷиз мемонанд, Тоҷулмулк ба суроғи Абӯалӣ рафта,

ӯро ба дарбор гирифта меояд. Сино амир Шамсуддавларо табобат карда, дар назди ӯ соҳиби обрӯю эътибор мегардад. Дар ин миён амир аз Абӯалӣ хоҳиш менамояд, то толеъи ӯро аз интихоб намудани ӯ вақту соати ҷанг бо шаҳри Кирмонро бубинад. Сино ба ӯ росташро гуфта, аз ҷанг даст кашиданашро тавсия медиҳад, вале амир ба ӯ бовар намекунад. Пас аз шикаст хӯрдани амир дар ҷанг бо Кирмоншоҳ бовариаш нисбат ба Сино зиёд мегардад. Амир ба ӯ қабул намудани вазифаи вазирро пешниҳод мекунад. Абӯалӣ, бо шарте ки қонуну қоидаҳои худро роиҷ мегардонад, вазириро қабул намуда, аз паси адои вазифа мегардад.

Яке аз офаридаҳои бадеии муаллиф ин дар бораи зане, ки Сино дӯсташ медоштааст, Моҳбону мебошад, ки ин маълумот дигар дар ягон сарчашмаи таърихӣ дида намешавад. Муаллиф тавассути офаридани ин образ ба мо маълумоти ҷадидеро пешниҳод намудааст, ки гӯё Сино ва бо Моҳбону якдигарро дӯст медоштанд ва ҳамагӣ як маротиба бо ҳам ҳамсуҳбат шуда буданд. Вале мутаассифона, вақте Сино аз Бухоро фирор мекунад, Моҳбону дар он ҷо мемонад ва ҳамин тариқ онҳо дигар якдигарро намебинанд. Вақте амир аз Сино дар ин бора мепурсад, ӯ бо афсус чунин ҷавоб медиҳад: «… ёди ӯ тамоми умр бо ман аст. Албатта занҳои дигар ҳам буданд, баъзеи онҳоро дӯст доштам, вале онҳо ҳама фаромӯш шуданд. Аммо Моҳбонуро фаромӯш карда наметавонам» [52, 169].

Дар ин миён сарбозон ба муқобили Сино, ки онҳоро аз сарбозӣ озод карда буду ба корҳои кандани канал ва обёрӣ намудани заминҳо водор сохта буд, шӯриш мекунанд. Зеро онҳо фақат ба воситаи зулму ситам ва дуздию ғоратгарӣ руз мебурданд, меҳнати ҳалол ва корҳои ободонӣ кардан намехостанд. Инчунин, чи гуна рашку ҳасад бурдани табибони дарбор нисбат ба Сино низ яке аз офаридаҳои муаллиф аст, ки аз дониши Сино дар ҳайрат монда, эҳсосоти худро ба рашку ҳасудӣ табдил медиҳанд ва Синоро иблис ва шайтон меҳисобанд. Дар фаҳмиши онҳо чунин корҳои бузургро кардан, яъне ҳам ба муоличаи беморон, дарс гуфтани шогирдон, ба корҳои давлатӣ машғул шудан ва ҳам дар баробари он шабҳо хоб накарда навиштани чунин китобҳои нодир кори инсони оддӣ нест. Онҳо аз

муваффақиятҳои Сино норозигии худро баён карда чунин мегӯянд: “Беморон роҳи хонаи моро гум кардаанд. Вай беморонро натанҳо бепул муолиҷа мекунад, балки ба онҳо, ба камбағалонаш хӯрок ҳам медиҳад” [52, 188].

Як чизи ҷолиби диққат он аст, ки муаллиф ҳангоми офаридани образҳо аз образи малика хеле хуб истифода карда, вобаста ба вазъият ҷони Абӯалӣ ва Ҷузҷониро, ки дар хатар буд, халос менамояд. Образи малика дар ин драма мусбат буда, ӯ дар аввал ошиқи Абӯалӣ аст, вале вақте мебинад ҷони ӯ дар хатар аст, дарҳол аз сирри махсусе, ки аз он ба ғайр аз ҷаллод каси дигар огоҳӣ надошт, истифода менамояд. Вақте ҷаллод аз чигуна сурат гирфтани воқеа ба Сино нақл мекунад: Дар чунин мавридҳо, вақте, Малика ё худи амир ба ман ангуштарини нигини сурх доштаро мепартоянд, ин чунин маъно дорад, ки ман бояд ҳукмро иҷро кунам, яъне маҳкумро ба қатл расонам. Аммо, вақте ки нигини ангуштарин сафед бошад, бояд маҳкумро озод бикунам. Барои ҳамин зудтар бигурезед! [52, 194] Сино дар ҷавоб: Аҳсант ба ту Маликаи хирадманд, дарди шиками амирро сари вақт ба хотир овардӣ. Балки шояд дарди дили худро? [52, 195] мегӯяд. Дар бораи аз тарафи малика ва тавассути сири пинҳонии ӯ озод ёфтани Сино бо шогирдаш аз дасти Тоҷулмулк ва сипоҳиён дар ягон сарчашмаи таърихие, ки дар бораи тарҷумаи ҳоли Сино сухан меравад, чизе гуфта нашудааст. Ин тасвир ва образи офаридаи муаллиф аз офаридаи бадеии худи ӯст.

Ҳангоми пеш-пеш бурдани ҷаллод Сино ва шогирдашро аз назди онҳо ду мулло пайдо мешавад. Онҳо дастони бастаи Синоро дида хурсанд мешаванд ва ба ҷаллод нидо мекунанд, ки: “Зудтар ба зиндонаш андозеду китобҳояшро сӯзонед. Вагарна ба сари мо бадбахтиҳо меоварад. Мардумро аз роҳи ҳақ мебарорад. Ба зиндонаш партоед! Ба дораш бикашед!” [52, 194]

Хулоса Ҳикмат Раҳмат дар офаридани драмаи худ бо номи “Вазири Ҳамадон ё худ дар паноҳи ишқ” аз тарҷумаи ҳоли Ибни Сино ва ривоятҳои халқӣ васеъ истифода намуда, чеҳраи Синоро, пеш аз ҳама ҳамчун табиби беҳамто тасвир намудааст. Ӯ инчунин дар бобати шоир, файласуф, мунаҷҷим ва ҳакими донишманд будани Сино низ ишора намудааст. Драмаи мазкур аз омадани Сино ба Ҳамадон оғоз шуда, чи тавр муносибат кардани Тоҷулмулк

ба ӯ, табобат кардани амир Шамсуддавларо аз дарди шикам, дарс гузаштан ба шогирдонаш Ҷузҷонӣ ва Баҳманёр, машғули навиштани китоб будани ӯ, инчунин вазир таъин шудани Сино ва исёну шӯриш бардоштан аз ҷониби лашкариён, умуман дар мудати кӯтоҳе, ки дар Ҳамадон зиндагӣ карда буд, тасвир гардидааст. Ҳ.Раҳмат тавассути ин драма тавонистааст чеҳраи воқеии Синоро чи тавре ки дар ҳаёт буду аз тарҷумаи ҳолаш маълум аст, тасвир намояд. Сино марди ҳакиму доно, оқилу содиқ, ғамхори халқи заҳматкаш, дӯстдори илму дониш ва дар баробари ин душмани разолату коҳилӣ ва зулму ситам хеле хуб тасвир шудааст. Дар драмаи мазкур аз ривоятҳои халқии "шахси говшуда", "бемори чодарпӯш", "Табобат бо заҳри мор" моҳирона ва бомавқеъ истифода карда шудааст. Дар драмаи мазкур муаллиф аз ашъори худи Сино рубоиҳои "Эй кош бидонаме, ки ман кистаме", "З-он пеш, ки аз ҷаҳон фурӯ монӣ фард", "Май душмани масту дӯст бо ҳушёр аст", "Куфри чу мане газофу осон набувад" ва ғ.-ро бо мавқеъ истифода намуда бори дигар чеҳраи Синоро ҳамчун инсони комил ба тасвир додааст. Инчунин дар ин драма муқобил баромадани муллоҳо ва табибони бесавод бар зидди илму дониши Сино низ тасвир шудааст.

## Фасли 2. ТАСВИРИ СИРИШТУ ХИСОЛИ (ХАРАКТЕРИ) ИБНИ СИНО ДАР РИСОЛАҲО, МАЪХАЗҲОИ ИЛМӢ - ТАЪРИХӢ ВА ОСОРИ БАДЕЙ.

Дар бораи шахсияти Абӯалӣ ибни Сино дар заминаи эҷодиёти ӯ мақола, маҷмӯа ва монографияҳои илмӣ бисёр навиштаанд. Осори пурғановати ӯ мисли «Ал-Қонун» ва «Шифо» ва ғайраҳо, ки ( 465 китобу рисола) диққати адибону донишмандон ва шарқшиносони хориҷиро ба худ ҷалб карда буд. Махсусан, А.А. Семенов, А.В. Сагадеев, Э.Б. Тейлор, С. Айнӣ, Б. Ғафуров, С. Улуғзода, А. Мирзоев, М. Субҳӣ, А. Алимардонов, Ҷ. Додалишоев, Д. Обидов ва дигарон рӯзгор ва асарҳои ҷудогонаи Ибни Синоро мавриди омӯзиш қарор дода, шахсияти ӯро то ба дараҷае муайян кардаанд. Аммо мутаассифона бисёре аз ҷиҳатҳои шахсияти Сино, аз ҷумла сиришту хисоли ӯ ҳоло ҳам ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Ҳамчунон ки аз сарчашмаҳо маълум аст, мо метавонем дар сирати Шайхурраис пеш аз ҳама зиракӣ, боҳушӣ, шавқи беандоза нисбати илм омӯхтан, боҳавсалагӣ ва пуркории ҳайратангези ӯро қайд карда бошем. Ӯ ин сифатҳоро аз даврони кӯдакӣ дар сояи тарбияи падару модари ғамхори хеш дар худ парварида, минбаъд тавассути китобу асарҳои илмии пурғановати хеш барои ояндагон ба мерос гузоштааст. Инчунин, аз гуфтаҳои худи ӯ маълум аст, ӯ аз синни хеле ҷавонӣ ба омӯхтани илму дониш рағбати беандоза дошта, шабу рӯз дар ҳоли мутолиа будааст. Сино тавонистааст, ки майлу ҳавасҳои хоси ҷавониро дар худ мутеъ сохта, вақти пурғановати хешро ба илмомӯзӣ сарф кунад. Баъде ки ба воя расиду ба сафар баромад, вай дар куҷое набошад, хоҳ дар вазорату манзилат, хоҳ дар роҳ, хоҳ дар зиндон ва хоҳ дар ҷойи дигар - дар ҳама ҳолат, дар ҳама гуна шароит аз илм омӯхтану дониш андӯхтан даст накашидааст. Чуноне дар ин хусус С.Улуғзода менигорад: «Ӯ дар илм фидоии азхудгузаштае буд; медонист, ки танҳо истеъдоди фитрӣ ҳар қадар хориқулода ҳам бошад, бе пуркорӣ намесабзад, маҳсул намедиҳад» [74, 184].

Яке аз хусусиятҳои дигари характери Сино ин ҳофизаи беназири ӯст. Ин олим дар ҳақиқат ҳофизаи муъҷизавие дошт, ки на танҳо муосиронаш, балки моро ҳам то ба имрӯз дар ҳайрат гузоштааст. Ҳамчуноне ки аз

маъхазҳо маълум аст, Сино китобҳои нодире, ки дар китобхонаи султони Сомониён мутолиа карда буд, баъди сӯхтани китобҳо аз хотираи хеш онҳоро аз нав навишт, ки ба ин гуфтаҳо китобҳои «Шифо», «Савон-ал-ҳикмат» ва «Мофавқуттабиа»-и Арасту далел буда метавонанд. Мутобиқи маълумотҳое, ки дар даст дорем, душманони Сино оташсӯзии китобхонаро низ кори Сино дониста, ӯро дар назди шоҳ залил карданӣ шудаанд. Инчунин, мутобиқи маълумоти дигаре, ки дар рисолаи А.Мирзоев «Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ» (Сталинобод, 1953, 140 с.) оварда шудааст, гӯё сабаби аз Бухоро рафтани Сино низ ба ҳамин вобаста будааст.

Ҳофизаи худодод ҳанӯз худ хурӯҷ ва рушд намекунад, агар кас сиришту хисоли онро тарбия кардан надошта бошад. Аз ин рӯ, ҳофизаи муъҷизавие, ки Сино онро доро буд, маҳз тавассути меҳнати пурмашаққати худи ӯ, ки шабу рӯз дар мутолиа буд, ба даст омадааст.

Дар донистани арзиши вақт низ Сино намунаи ибрат будааст. То ба кадом андоза вақтро қимат донистани ӯ аз нақли шогирдаш Баҳманёр хеле возеҳу равшан аст. Ӯ мегӯяд: *Дар Ҳамадон шаберо дар суҳбати аҳбоб то субҳ ба айшу ишрат машғул будем. Субҳ зуд ба дарси устод (Бӯалӣ) ҳозир шудем. Шайх ба таҳқиқи масъалаҳои дақиқ сар кард. Ҳар қадар дар фаҳмондани масъала ва эзоҳ додани мақсад кӯшида бошад ҳам, дар мо осори фаҳму идрок надид.Ба ман рӯй овард ва гуфт:*

- *Ба назарам дишаб вақти гаронбаҳо ва умри азизро беҳуда зоеъ кардаед? Арз кардам, ки чунон аст, ки дарёфтед.Барошуфт, дар дидагонаш об чарх зад ва оҳи сарде кашида гуфт:*

- *Басо афсӯс мехӯрам, ки умри пурбаҳоро ба беҳудагӣ бохта, ба ин маъниҳо ва масъалаҳо аҳамият нададед. Субҳоналлоҳ! Ресмонбозон (дорбозҳо) дар пешаи худ ба дараҷае мерасанд, ки боиси ҳайрати ҳазор оқил мешаванд, вале шумо дар фаро гирифтани илми фиқҳ чандон қодир нашудаед, ки ҷоҳилони замон аз малакаҳои руҳонии шумо мутаҳайир гарданд [46, 27-28].*

Чунин вокунишро танҳо шахсе аз худ зоҳир менамояд, ки ба қадри омӯзиш расидааст ва бебақоии умри дунявиро дарк намудааст.

Чуноне ки аз шарҳи ҳоли Сино маълум аст, Шайхурраис, бо ин ки ҳама умр пайваста машғули илм буд, марди хуштабъу хушзавқ ва шодмону кушодарӯ низ будааст. Ӯ табъи баланди шоириву сурудхонӣ ҳам дошта, дар вақтҳои холигии худ ҳамроҳи шогирдон базму тараб ороста, истироҳат мекардааст. Рисолаи ӯ дар назарияи мусиқӣ шояд дар Шарқ аз ҷумлаи нахустин асарҳо оид ба санъат бошад. Ӯ инчунин бо забони арабӣ низ шеър менавишт. Рубоиёти фалсафии ба забони модарии худ навиштааш амиқ, мамлун, пурҳикмат ва ҳақиқатан шоистаи мутафаккири бузурганд.

Дар масъалаи аз синни кӯдакӣ ба илм фаро гирифтани Сино ҳаминро гуфтан ба маврид аст, ки Абдуллоҳ падари Сино, ки марди фозилу дӯстдори илм буд, бисёр хоҳиш дошт, ки фарзандонаш Ҳусайн ва Маҳмудро хононда соҳиби илму дониш гардонад. Бо ҳамин мақсад кӯчида ба Бухоро омад ва Ҳусайнро аз панҷсолагиаш ба хондан водошт. Дар ин бора худи Абӯалӣ мегӯяд: «Ҳамагӣ ба Бухоро боз гаштем. Падарам барои ман омӯзгори Қуръон ва адабиёт гирифт. Даҳсола будам, ки Қуръон ва бисёре аз илмҳои адабро фаро гирифтам» [74, 65].

Доир ба ин масъала яке аз донишмандони Ғарб Д. Макдоналд дар бораи фаъолияти илмии Ибни Сино гуфтааст: «Ӯ дорои маълумоти ҳарҷонибае буд ва фаъолияташ низ дар соҳаҳои гуногуни дониш зоҳир шудааст. Ӯ бо қувваи дониш - ҳофизаи бисёр қавӣ ва бо шавқу иштиҳои таскиннопазире, ки ба фаро гирифтани илмҳо дошт донишманди ҳамадон шуда, тамоми илмҳои даврони худро фаро гирифта буд. Фаъолияти илмиаш, хусусан дар соҳаи тиб, аз он чорчӯбае, ки Шарқи исломӣ ва Европаи асримиёнагӣ тибро маҳдуд карда буд, фаротар по ниҳод» [61, 9]. Сиришту хисоли Абӯалӣ Синоро аз гуфтаҳо ва осори бузургони таърихи фарҳанги мо, ки ҳанӯз аз даврони худи мутафаккир дарҷ ва интишор шудан гирифтанд, ҳувайдост ва назар ба чанде аз ин гуна мавод шоҳиди гуфтаҳои боло мегардад. Аз ҷумла, чунон ки гуфта шуд, «Сафарнома»-и Носири Хусрав, асри XI [86, 8-9], «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ асри XII [38, 108-112], «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» Рашиддидуни Ватвот асри XI [2, 37], «Асрор-ут-тавҳид»-и Муҳаммад ибни

Мунаввар асри XI, [2, 38] «Татимаи сивон-ул-ҳикмат» Абулҳасани Байҳақӣ асри XII [2, 39], «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ асри XIII [2, 42-43], «Фавоид-ул-фавод»-и Ҳасани Деҳлавӣ асри XIII [2, 43], «Равзат-ул-ҷаннот, фӣ авсофи мадинат-ул-ҳирот»-и Мӯинуддин Замчии Исфизорӣ асри XV [2, 43], «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайнуддин Маҳмуди Восифӣ, асри XVI [2, 44-79] аз ҷумлаи он осорест, ки дар ҳар аср аз Сино дар онҳо ёд шудааст. Ҳамчунон, маъхазҳои дигари маъруфи таърихӣ, ки дар онҳо ривояту ҳикоятҳои дар бораи кору фаъолият ва зиндагии Абӯалӣ ибни Сино таҳқиқ гардидааст, ба миқдори зиёд мавҷуданд ва ба фоидаи таҳлили мо мебуд, агар бархе аз онҳоро бо мақсади тасвири хислату сиголи Сино дида бароем.

Яке аз ин гуна осори таърихӣ «Таърихи нигористон»-и Аҳмад ибни Муҳаммади Ғаффорӣ (асри XV) мебошад, ки дар он ҳикоятҳое, ки ишора ба аз осмон афтодани оҳанпораи бо вазни яксаду панҷоҳ мана, дар як шаб таълифи панҷ ҷузъи даҳварақӣ барои китоби «Мантиқ» ва ғ., «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ (асри XV) нақл мекунанд, қайд гардидаанд. Ҳамаи ин ҳикоятҳо исботи ин ё он тарафи характеру хислати мутафаккирро барои хонанда мекушоянд. Масалан, дар ин асар як қаринаи ҳикояти машҳури ба таваллуди Сино бахшидашуда омадааст, ки мазмуни он чунин аст: «*Аз вай (Абӯалӣ) нақл аст, ки чун аз модар бизодам, чунон дидам, ки дар зулмате рафтам ва баъд аз он ба рӯшноӣ омадам. Модараш гуфт: - Чун бизодам касе ҳозир набуд. Аз гурба тарсидам, Абӯалиро дар зери таште кардам ва, пас аз он ки шуғли худро кифоят намудам, омадам ва ӯро аз зери ташт баровардам*» [2, 82].

Дорои хислати дарк кардани чизҳо ба таври фавқулода будани Сино ҳанӯз аз даврони тифлиаш ҳувайдо будааст ва ин ҳикоят маҳз аз ҳамин қувва дарак медиҳад. Бояд гуфт, ки новобаста аз мавҷудияти муболиға дар ин ҳикоят, он аз тарафи аҳли дониш ва фузалои давр эътироф гардида буд. Худи ҳамин нишон медиҳад, ки уламо, фузало ва муаррихин бар ин хислат ва зеҳни Сино муътақид будаанд.

«Буҳайра»-и Фузунии Астарободӣ асри XVI, ҳикоятҳои «Лаъли гумшудаи модари Сино», «Аз осмон афтодани оҳанпора», «Яке аз муридони Сино будани Баҳманёр», «Даъвии нубуват» ва ғ., «Равзат-ул-анвор»-и Мулломуҳаммади Сабзворӣ асри XVI, ҳикояти вазири шоҳ Алоудавла будани Сино ва то ду ҳазор шогирд доштани ӯ қайд шудааст, ки ин ҳикоят дар маъхазҳои дигари илмӣ аниқтараш, дар асарҳое, ки доир ба осор, кору фаъолият ва зиндагии ӯ сухан меравад, қайд гардидааст. Ривояти мазкурро ба таври мухтасар зикр менамоем: *«…Абӯалӣ дар он вақт вазири шоҳаншоҳ Алоудавла буд ва бар вай иқболе тамом дошт ва умури мулкӣ ва молӣ дар кафи кифояти ӯ ниҳода буд ва алҳақ баъд аз Искандар, ки Арасту вазири ӯ буд, ҳеҷ подшоҳ чун Шайх Абӯалӣ вазире надошт.*

*Дар он ҳол, ки Шайх вазир буд, ҳар субҳдам бархостӣ ва ду ҷузв тасниф кардӣ ва чун субҳи содиқ бидамидӣ, шогирдонро бор додӣ ва мо шогирдон ҷамъ мешудем ва то берун омадем ҳазор савор аз маориф ва машоҳир ва арбоби ҳавоиҷ бар даргоҳи ӯ ҷамъ шудандӣ. Шайх савор шудӣ ва он ҷамоат аз паи ӯ бирафтандӣ. Чун ба девон расидӣ, қурби ду ҳазор савор шуда будандӣ. То намози пешин дар девон будӣ. Чун ба хона омадӣ, ин ҷамоат бо ӯ нон хӯрдандӣ ва ба қайлула (хоби нисфирӯзӣ) машғул шудандӣ. Чун бархостӣ…. ва пеши шоҳаншоҳ рафтӣ, то намози аср миёни эшон муфоваза ва муҳовара будӣ, ки дар миён солисе набудӣ» [2, 85].*

Дар ин нақл ба чанд ҷанбаи характери Абӯалӣ ибни Сино ишора гардидааст ва пеш аз ҳама, рафтори мувофиқ ба аҳли мулук, озодагӣ, мудирияти хуб ва бидуни ихтилоф, шаффофият дар кори идорӣ ӯро чун як шахси бовариноки поку озода муаррифӣ менамояд. Қисмати дигари нақл муносибат ва рафтори Синоро бо дигар табақоти мардум, аз ҷумла, шогирдон ва дигар аҳли ҷамоат, ки аз рафтору гуфтори ӯ ҳадафи бардошти манфиат доштанд, нишон медиҳад. Ва бо илова ба ин, Сино аз зумраи афроди сустирода ва камнеру набудааст. Инро аз сарчашмаҳои дигар низ дарёфт намудан метавон, чунончи, назар ба гувоҳии шогирдаш Абуубайди Ҷузҷонӣ, Шайхурраис «марди қавӣ буд ва футур ва сустӣ дар ӯ роҳ надошт…

ва ба қуввати мизоҷи худ низ бисёр мутмаин буд». Шогирди дигари Сино Баҳманёр дар яке аз нақлҳои хотираи худ, чеҳраи ӯро чунин тасвир кардааст: ***«барошуфт, дар дидагонаш об чарх зад ва оҳи сарде кашид»*** [74, 187]. Ин тасвири беназири шогирдаш, ки Синоро дар ҳоли барошуфтан аз он, ки шогирдон вақти қиммати худро беҳуда зоеъ карда буданд, хеле ҷолиб аст ва бори дигар тасдиқ менамояд, ки Сино инсони донишманд ва илмдӯст буд ва ба қадру қиммати вақт мерасид.

Анварии Абевардӣ муносибати худро бо Абӯалӣ ибни Сино дар қитъае чунин нигоштааст:

Дидаи ҷон Бӯалӣ Сино
***Буда аз нури маърифат бино***,
Буд фарқаш ба давлати фурқон,
Пой бар фарқи гунбади мино [21, 13].

“Нури маърифат”, ки “ҷони Бӯалӣ Сино аз он бино” буд, далолат ба донистани мафоҳими ботинӣ ва паёми қуръонӣ аст, ки Сино онро тавонист барои ҳаёти дунявӣ истифода намояд.

Алишер Навоӣ дар мақолаи ёздаҳуми маснавии «Ҳайрат-ул-аброр», ки «Дар тавсифи илм ва мазаммати ҷаҳл» ном дорад, ақлу заковати беназир ва дониши пурдоманаи Абӯалӣ ибни Синоро ситоиш намуда навиштааст, ки тафаккури ин донишманд ҳамаи мушкилоти афлокро ба осонӣ ҳал мекард [35, 134].

Вобаста ба ин мавзӯъ аз ҷониби адибони муосир низ маълумотҳои зиёд ба таври мисол овардан мумкин аст. Яке аз ин адибон, шоир М.Қаноат аст, ки бо навиштани достони пурқимати хеш, ки аз нақлу ривоятҳои мардумӣ низ ба таври васеъ дар он истифода шудааст, хислатҳои неки Синоро хеле ҷолиб ба тасвир овардааст:

*Зиҳӣ гаҳворачунбоне, зиҳӣ* ***инсони пурдоне,***
*Зиҳӣ шаҳри Бухоро бо чунин* ***хуршеди тобоне [28, 8]****.*
*Ё ин ки:*

*Ба Сино хӯ гирифту гуфт: «Ҳошо ин гирифторӣ,*
***Хушо аҳволи** беморию **чун Сино мададгоре** [28, 8].*

Ин абёт аз номи подшоҳи давр, Нуҳи Сомонӣ дар бораи Ибни Сино ҳастанд, ки ӯро ба ***инсони пурдоне, ки шаҳри Бухороро чун хуршеди тобон нурафшонӣ*** мекунад, ташбеҳ дода, инчунин ба ***гирифторони беморие, ки мададгорашон Синост, хушо ба аҳволашон*** гуфтааст.

Чи тавре ки аз мисраъҳои зерин маълум аст, шоир Синоро аз забони сорбоне, ки дар биёбон ба Сино ва бародараш кумак намуда, сабаб мешавад, то онҳо ба роҳи худ идома диҳанду ба манзил бирасанд, чунин тасвир гардидааст:

*Бидида сорбон ин ду ҷавонро,*
***Ду тири раста аз қавси камонро [28, 17]**.*

Дар байти боло шоир монандӣ ва сурату қаду болои якхела ва дар айни ҳол ҷолиб доштани ҳар ду баробарро ба қалам овардааст ва байти поёнӣ бошад, покизагии рафтору тоату ибодати ошиқонаи он ду нафарро, ки зоҳиру ботини онҳоро ба як расм менамояд, шоир ба таъкид гирифтааст:

*Аз ин шева бидид он марди тоҷир,*
***Ду сӯфиро ба ботину ба зоҳир [28, 17]**.*

Дар мисраъҳои зер бошад, шоир аз забони дӯсти Ибни Сино Мейҳанӣ, ки бо ӯ мукотиба дошт сухан карда, дар мисраи аввал Синоро ***нури дида*** хонда, дар мисраи дувум роҷеъ ба ташриф овардани ӯ ба Нишопур ***касе чунин фоли наку дида*** наметавонад мегӯяд. Дар мисраъҳои саввуму чаҳорум бошад, Мейҳанӣ Ибни Синоро ***фазли олам*** ва ***оламро дарду*** ӯро ҳамчун ***даво*** барои оламиён ба тасвир додааст, ки китоби «Қонун» далели ин гуфтаҳост. Ва ё ин ки дӯсташ барои пешбурди корҳои илмӣ ва зиндагии Сино ба ӯ кӯмак намуда, кӯшидааст, то баҳсу талошҳои Сино зоеъ нагардад.

*Бигуфто хуш расидӣ **нури дида,***
*Чунин **фоли накуро** кас надида.*
*Ки **фазли оламе** ояд ба пояш,*
*Ки **олам дарду он бошад давояш**.*
*Ё ин ки:*
*Ба ҷону дил бикӯшам дар маошат,*
***Тую илму фану баҳсу талошат [28, 21]**.*

Дар мисраи дигари ин достон мулоқоти Сино бо Мейҳанӣ, ки дар танҳоӣ нишаста, бо ҳам дар мунозира мешаванд тасвир шудааст, ки чунин аст:

**- *Накӯ пайгом*** *будӣ, омадӣ охир,*
*Ба пои худ расидӣ ё ба пои дил? [28, 28].*

Чунон ки аз ин мисраъ маълум мешавад, аз як тараф, омадани Сино ба Нишопур барои дӯсташ Мейҳанӣ ин **пайғоми накӯ** буда, аз тарафи дигар фаҳмида мешавад, ки дӯстону ҳаводоронаш ӯро дар ҳама ҷо интизор буданду орзуи дидорашро доштанд.

Устод М.Қаноат тавассути ин достони ҷолиби хеш, ки арзиши илмии беназир дорад, тавонистааст, ки сурат ва сирати Ибни Синоро аз овони ҷавонӣ то ба охири умр ҳамчун инсони комили дорандаи илму дониш ва фарҳанг ба тасвир диҳад:

*Чу аз моли ҷаҳон **дониш** бувад гармии бозорам,*
*Вуруде дар дари ганҷинаи **дониш** талаб дорам [28, 10].*

Дар ин мисраъҳо, ки шоири мумтози мо аз забони худи Сино сухан мекунад, ӯро ҳамчун инсоне, ки бар ивази хидматҳояш ба ҷуз илму дониш чизи дигаре намехоҳад ва иҷозаи вуруд ба ганҷинаи донишро талаб дорад, тасвир намудааст. Ин ҷиҳати матлаб дар нақлу ривоятҳои мардумӣ ва тарҷумаи ҳоли Сино низ баръало дида мешавад.

Дар баробари осори худи Шайхурраис ва гуфтаҳои бузургону дӯстдорони адабиёт дар хусуси шахсият ва характери ӯ, нақлу ривоятҳо ҳамоно муътамадтарин сарчашма барои чунин таҳлил боқӣ мемонанд.

Теъдоде аз нақлу ривоятҳо аз қабили «Тифли зирак», «Қиссаи ангуштарин», «Лаъли гумшуда», «Қувваи ҳофизаи кӯдаке, ки донишманди бузургро ба ҳарос андохт», «Кӯдакӣ», «Дурри ятим», «Ҳодисаи аҷобангез», «Камоли дарк ва эҳсоси Ибни Сино» ва ғайра, ки ба ҳаёти давраи тифлӣ ва наврасии Ибни Сино мансуб мебошанд ҷамъоварӣ шудаанд [42, 116]. Дар ин ривоятҳо дар хусуси зеҳни тезу ҳиссиёти баланди инсонӣ ва камоли дарку қувваи ҳайратангез доштани Абӯалӣ Сино сухан меравад. Аз муҳтавои ривоятҳои «Санҷиш», «Чашми дурбини Сино» ва «Садои кудунг ва Сино» ба хулосае омадан мумкин аст, ки Сино дорои зеҳни тезу чашмони боқувват ва сомеаи беназир ва нотакрор будааст. Чунончи: *Гуфтаанд, ки рӯзе Бӯалӣ дар шикоргоҳе бо подшоҳ буд. Ӯ ба подшоҳ гуфт:-Дар чанд фарсахе марде пиёда меояд ва нони хушк мехӯрад. Подшоҳ пурсид:-Аз куҷо донистӣ, ки нони хушк мехӯрад? Гуфт: - Дидам, чун нонро шикаст, аз миёнаш гард баланд шуд [46, 52-53].*

Инчунин, Абӯалӣ Сино, бо вуҷуди номусоидии замон, гирифториҳои зиндагӣ, аз қабили гурезагӣ, таъқиботи мухолифон, маҳбусӣ, хизмати дарбор ва кӯтоҳии умр бо истеъдоди бузург ва ҷидду ҷаҳди пайвастаи худ комёбиҳои илмии то асри X ба дастомадаро ба таври муфассал ва дақиқ омӯхт ва доир ба соҳаҳои гуногуни илму дониш аз худ дар ҳудуди 450 асари хурду калони илмӣ таълиф намуда, бароиояндагон манбаи мукаммал ва муътабаре ба ёдгор гузоштааст.

Ин ҷиҳати истеъдоди ӯ низ аз назари халқ берун намонда, дар ин бора низ нақлу ривоятҳои зиёд эҷод гардидааст, ки ривоятҳои «Қувваи ҳофизаи Сино» ва «Хотираи қавии Сино» далели ин гуфтаҳоянд. Чунончи: *Абӯалӣ ибни Сино дар вақти гурезагиаш ба Исфаҳон рафтааст. Ҳамроҳи худ ҳеҷ гуна китобе надоштааст. Талабагон ва олимон аз ӯ хоҳиш кардаанд, ки китоби «Ал-қонун»-ро барои хондан ба онҳо бидиҳад. Абӯалӣ ибни Сино гуфтааст, ки ҳеҷ гуна китоб ҳамроҳи худ надорад, вале «Ал-қонун»-ро аз ёд гуфта ба онҳо*

*додаст. Талабагон «Ал-қонун»-ро ёфта, навиштаҳои худро бо он муқоиса кардаанд, ки ҳеҷ фарқе надоштааст [2, 93-94].*

Ибни Сино, дар баробари фаро гирифтани ҳамаи илмҳои замонааш, ба тарбияи шогирдон низ машғул буд ва чунон ки қайд гардид, Абуубайди Ҷузҷонӣ яке аз шогирдони беҳтаринаш ба шумор мерафт. Мутобиқи манбаъҳо ва шарҳи ҳоли Ибни Сино, Ҷузҷонӣ тақрибан аз синни 30-солагии Сино то охири умраш ҳамроҳи ӯ буд ва дар корҳои илмӣ ва фаъолияти эҷодии Сино ҳамарӯза ёрӣ мерасонд. Шарҳи ҳоли пурраи Сино бо фарогирии тамоми фаъолияти рӯзмарраааш, ки имрӯз то ба мо омада расидааст, саҳми ин шогирди арзандааш мебошад.

Ҳамин тариқ, ҳарчанд ривоят, нақл ва ашъори офаридаи алоҳида дар хусуси Ибни Сино бевосита ба тасвири сиришту хисолаш эҷод ва иншо нашуда бошанд, аммо аз ҳар яки онҳо хислатҳои наҷиби ӯ падидор аст. Дар аксари ин нақлу ашъор назари гӯяндагон нисбати характеру муносибати Сино якхела аст, аммо дар қисми дигараш, махсусан дар ашъори офаридаи адибони алоҳида сиришту хисоли қаҳрамонро фардӣ мекунанд.

## Фасли 3. ОБРАЗИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР ТАСАВВУР ВА ОСОРИ РУҲОНИЁНИ МУТААССИБ

Мутаассифона, масъалаи омӯзиши ривоятҳои оид ба фаъолияти тиббӣ ва умуман, зиндагӣ ва дастовардҳои Ибни Сино дар ҳама ҷо ва дар ҳар давру замон як хел ва бо як мақсад ҷараён наёфтааст. Далелҳо нишон медиҳанд, ки агар як гурӯҳ аз гирдоварандагон, нашркунандагон ва шореҳони ривоятҳои мазкур (аз қабили Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва дигарон) ин асарҳоро бо нияти нек ва ба хотири дар байни мардум тарғибу талқин намудани бузургӣ, фазлу камол ва нишон додани садоқати халқи оддӣ нисбат ба Ибни Сино анҷом дода бошанд, гурӯҳи дигар ин корро, аз як тараф, бо мақсади бадном кардани Ибни Сино ва аз тарафи дигар, барои дар байни мардум паҳн намудани афкору ғояҳои динӣ ва мустаҳкам гардонидани мавқеи синфии худ дар ҷомеа ба иҷро расонидаанд.

Устод Садриддин Айнӣ аъмоли риёкоронаи ин гурӯҳи рӯҳониёнро фош карда, навиштааст: «….Эшонҳо ва шайхони ҳилагар ин гуна афсонаҳоро (яъне ривоятҳои оид ба Ибни Синоро – М.Н.) ғун карда, ба унвони «Каромотҳои Абӯалӣ Сино  китобҳо навишта баровардаанд ва ё ин ки дар китобҳои маноқиби худ як қисмро ба Абӯалӣ ибни Сино бахшида, зери сарлавҳаи «Каромотҳои Абӯалӣ Сино» ин гуна афсонаҳоро ҷамъ кардаанд. Пасояндагони он руҳониён, ки дар замони Абӯалӣ Сино ӯро кофир гуфта, ба куштанаш ҳукм броварда буданд ва мехостанд ба ин восита бозори динфӯрушии худро гарм кунанд ва ба подшоҳони мустабид (монанди Султон Маҳмуд) наздикӣ ҷӯянд, баъд аз мурдани ӯ хостанд аз номи бузурги ин донишманди ҷаҳонӣ фоида баранд ва ба номи ӯ «Каромотҳо» баста, бозори мардумфиребии худро боз ҳам гармтар кунанд» [1, 59].

Инчунин, устод Айнӣ дар қисми эзоҳоти асари худ «Шайхурраис Абӯалӣ Сино» дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии шаҳри Самарқанд маҳфуз будани як нусхаи чопии ин гуна китобро қайд намудааст, ки шояд он «Ганҷинаи Ҳикмат» ном асари руҳонии исломии турк Зиёуддин бинни Саидяҳё бошад, ки он соли 1873 дар Истанбул ба табъ расидааст.

Дар бораи китоби «Ганҷинаи Ҳикмат» дар асари академик Абдулғанӣ Мирзоев «Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ» [31, 140] маълумоти муфассале зикр ёфтааст. Аз рӯи асари Абдулғанӣ Мирзоев фақат ҳамин нуктаро ёдрас намудан лозим аст, ки Зиёуддин бинни Саидяҳё Ибни Синоро ба сифати як нафар соҳир ва ҷодугар ба қалам дода, дар охир ӯро муриди шайх Абдуллоҳи Ҳамадонӣ гардонидааст ва қайд кардааст, ки Ибни Сино танҳо пас аз ба як шахси руҳонӣ табдил ёфтани худ ба таълифи китобҳояш муваффақ шудааст [31, 21].

Мутобиқи маълумоти Абдулғанӣ Мирзоев, «Ганҷинаи Ҳикмат» ба забонҳои тоторӣ, ӯзбекӣ ва лаҳҷаи хоразмии забони ӯзбекӣ тарҷума шуда, дар байни соҳибони ин забонҳо доир ба Ибни Сино тасаввуроти нодурусте паҳн кардааст. Ба қавли А.Мирзоев ин асар дар арафаи Инқилоби Октябр ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда будааст [31, 24].

Дар бораи ба забони тоҷикӣ тарҷума шудани ин асар чанд далел мавҷуд аст, ки яке аз онҳо ин аст: соли 1966 ҳангоми экспедитсияи фолклорӣ аз истиқоматкунандаи деҳаи Пушти Миёнаи ноҳияи Шаҳринав, пирамарди 74 - сола Азимов Салим ривояте бо номи «Саргузашти Ибни Сино ва Абӯсолӣ» сабт гардидааст, ки он аз ҷиҳати мазмун ба ривоятҳои китоби «Ганҷинаи Ҳикмат» хеле наздик аст. Гуфтан ба маврид аст, ки ин ривоят зери таъсири ҳамин китоб ба вуҷуд омадааст. Вале дар ривояти «Саргузашти Ибни Сино ва Абӯсолӣ» Ибни Сино на ба сифати як нафар руҳонии мутаассиби исломӣ (чи хеле, ки дар «Ганҷинаи Ҳикмат» ҳамин тавр аст) балки ҳамчун табиби муъҷизакор, донишманди тавоно ва шахси далеру ҳақиқатҷӯ амал мекунад. Як ҷиҳати хеле ҷолиби ин ривоят ҳамин аст, ки дар он унсурҳои ҳаҷви иҷтимоӣ ҷойгоҳи муйяне доранд. Мавқеи ҳаҷв хусусан дар эпизодҳое, ки муносибати Ибни Синоро бо подшоҳону муллоҳо нишон медиҳад, бештар аст. Барои мисол, порчаеро аз хотимаи ривояти мазкур дар зимн зикр менамоем, ки аз худи он ҳам ба мазмуну оҳангҳои иҷтимоӣ фаро гирифта шудани ин асари халқӣ аён аст:

*«…Абӯалӣ Сино ва Абӯсолӣ ба ватани худ баргашта, ба ҳамдигар мулоқот карданд. Баъд Абӯалӣ Сино ба Абӯсолӣ гуфт, ки:*

*-Буродар, дигар аз ҳеҷ чизи дунё ғам нахӯр, куҷое, ки меравию мегардӣ, хоҳ хоб бошию хоҳ бедор, дигар хавфу хатар нест. Акнун ба мо ҳеҷ кас таадӣ карда наметавонад, на мулло, на эшон, ва на подшоҳ» [99, 1892].*

Инчунин, А.Мирзоев мутобиқи маълумоти китоби «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, ки Шайх Абӯалӣ Синоро аз ҳукамои исломия медонанд ва дар силки уламои аброр мешуморанд гуфта, рубоии машҳури «Куфри чу мане газофу осон набувад»-ро низ мисол овардааст чунин мегӯяд: «Аз тарзи баёни ифодаи З.М.Восифӣ, дар бораи Ибни Сино ва ҳикоятҳои афсонавии оид ба вай пайдошуда, ду натиҷаи асосӣ баровардан мумкин аст: 1. дар асри XV ва XVI ба муқобили Ибни Сино ва фалсафаи ӯ аз тарафи руҳониёни исломӣ ҳуҷуме низ шуда будааст. Зеро Восифӣ аз аҳли сеҳру ҷоду не, балки аз ҳукамои исломӣ будани ӯро таъкид намекард. 2. дар нимаи дуюми асри XVI, дар қатори ҳикоятҳои халқӣ оид ба Ибни Сино, як қатор афсонаҳои сохтаи дигар низ мавҷуд будааст, ки дар онҳо Сино ҳамчун соҳир ва ҷодугар тасвир карда шуда будааст» [31, 82-83].

Ҳамин тавр, корҳое, ки дар соҳаи гирдоварӣ, нашру табъ ва таҳқиқи нақлу ривоятҳои дар бораи Ибни Сино эҷодшуда сурат гирифтаанд, як масъаларо равшан менамоянд: он нақлу ривоятҳои халқиро, ки бо номи Ибни Сино алоқамананданд, то ҳадди имкон ҳар синф ва ҳар гурӯҳи иҷтимоӣ ба манфиати худ истифода бурдааст, ки ин, албатта, ҳодисаи аввалин нест. Ҷой доштани чунин ҳодисаро на фақат дар мисоли ривоятҳо, балки дар мисоли жанрҳои дигари фолклорӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, мутаассифона, ҷамъоварӣ табъ ва нашри нақлу ривоятҳои оид ба Ибни Сино эҷодшуда бо як нияту маром мавриди истифода қарор нагирифтааст. Агар як гурӯҳ олимону гирдоварандагон бо нияти нишон додани бузургии симои Ибни Сино ба ин кор даст зада бошанд, қисмати дуюм бо мақсади дар миёни халқ беобрӯ намудан ва паҳн гардонидани ақидаҳои беасос, ба вуҷуд овардани мусаввараи манфии ибни Сино ин корро анҷом додаанд.

Мухолифон, душманон ва хусусан рӯҳониёни мутаассиб истеъдоди фавқулоддаи Синоро инкор намуда, ба таълимоту ақидаҳои илмии ӯ муқобил

меистодаанд, намехостанд, ки ӯ дар миёни мардум шуҳрат пайдо кунад. Нотавонбинии ин руҳониён аз муҳтавои ривоятҳои «Алҳазар! Алҳазар», «Фиребгарони фиребхӯрда» ва ғ. маълум мегардад, вале ба замми ҳамаи ин мухолифати риёкорона ва мунофиқона руҳониён натавонистанд, ки мақому манзалати ин абармардро дар миёни мардум коста гардонанд. Баръакс, дар ҳар навбат худи онҳо ба мақсадашон нарасида, дар назди оммаи мардум сархаму шармсор мегардиданд. Аз ин рӯ, халқ ҳамеша аз панду андарз ва ҳикматҳо, ақидаҳои фалсафӣ ва дорую давоҳое, ки Абӯалӣ Сино кашф кардааст, истифода бурда, арҷгузории худро нисбати ӯ тавассути нақлу ривоятҳои ҷолиб изҳор доштааст.

Дар баробари гурӯҳи калони донишмандони бузург ва пешқадам, ки афкору ақидаи Абӯалӣ ибни Синоро ба сифати беҳтарин ва саҳеҳтарин афкору ақоиди илмӣ ва ҳакимӣ пазируфта, худро аз ҷумлаи муътақидони таълимот ва фалсафаи ӯ мешумориданд, ҳанӯз аз асри XI шуруъ намуда, дар тамоми даврахо баъзе файласуфон ва уламои мутаассиб, аз қабили Абуҳомиди Ғаззолӣ, Абӯлбаракоти Бағдодӣ, Фахриддини Розӣ, Шаҳристонӣ ва як қисм пешвоёни тариқаҳои тасаввуфӣ, бо вуҷуди эътирофи мақоми бузурги Ибни Сино, дар илму ҳикмат ба муқобили таълимоти фалсафии ӯ, ки асоси онро тавоноии хиради инсон ба истидлоли мантиқ ташкил мекунад, баромада, ҳиссиётро ба ақл ва тақлидро ба ҷустуҷӯ муқобил мегузоштанд ва ба ҳамин восита доираи нуфузи таълимоти ӯро маҳдуд гардониданӣ мешуданд. Вале онҳо ба матлаби худ пурра ноил нагардидаанд ва пеши роҳи афзоиши таъсири афкори амиқу далелноки ин донишманди шаҳирро гирифта натавонистанд. Зеро ки дарёи дониши ӯ аз баландтарин қуллаҳои илму маърифати инсонӣ сарчашма гирифта, ҳазорон лабташнагони бодияи ҷустуҷӯи ҳикматро сероб сохта буд ва ғаввоси баҳри беканори донишу фарҳанги даврахои гуногун ҳангоми бархӯрд бо мушкилиҳо ба осори он баҳрулулум ғута зада, аз он барои рафъи монеаҳо ва чуну чорои худ мададу далел меҷустанд.

Натиҷаи чунин муносибат буд, ки «дар соли 1873 дар Истамбул «Ганҷинаи ҳикмат» ном асари Зиёуддин ибни Саидяҳё нашр гардидааст, ки

мувофиқи нишондодҳои муаллиф ин асар дар асоси маҷмӯаи мураттабсохтаи Дарвешҳасани Мадҳӣ, ки ҳикоёту афсонаҳои дар Туркия оид ба Ибни Сино паҳншударо дар бар мегирифтааст ва инчунин баъзе афсонаҳои ба тозагӣ ҷамъоварӣ намудаи худаш, таълиф ёфтааст. Ин асар, ки бо вуҷуди фаро гирифтани як силсила ҳикоёту афсонаҳо, ба шакли роман навишта шудааст, ба ҳаёт ва фаъолияти ҳақиқии Абӯалӣ ибни Сино умумияте надошта, ӯро ҳамчун соҳир ва ҷодугари гузаро вонамуд месозад. Қатъи назар аз он ки асари мазкур дар чунин руҳияи аз ҳақиқат берун навишта шудааст, дар он баъзе лаҳзаҳо ва ҳикоятҳое мавҷуданд, ки онҳо зеҳни қавӣ, ақли комил ва дониши васею амиқ доштани Абӯалӣ ибни Синоро тасдиқ менамоянд» [2, 7].

Ҳамчунон аз як тараф, сарфи назар аз нуфузу шуҳрати фаровон, афкори илмию таълимоти фалсафӣ Ибни Сино ҳанӯз аз асрҳои XI-XII сар карда, мавриди ҳуҷуми шадиди уламои мутаасиб ва пешвоёну пайравони баъзе тариқаҳои тасаввуф қарор мегирад ва ин вазъият дар бештари давраҳои минбаъда низ идома меёбад. Аз тарафи дигар, дар баробари авҷ гирифтани мухолифати руҳониён, донишмандони озодфикру пешқадам ба ҳимояи вай баромада, бо ҳар васила ноҳақ будани нуктагириҳои онҳоро исбот менамуданд. Ин гурӯҳи донишмандон барои нишон додани дурустӣ ва бузургии таълимоти Ибни Сино аз ҳаёт ва осори ӯ далелҳо меоварданд. Инчунин ҳикояту ривоятҳои дар миёни халқ доир ба ӯ мавҷудбуда низ дар роҳи илм чи гуна корнамоиҳо намудан ва то чи андоза мавриди эҳтиром қарор гирифтани афкорашро таъкид мекунанд.

Вақте ки дар охири асрҳои XI-XII Имом Ғаззолӣ ва баъзе рӯҳониёни мутаассиби дигар бар зидди таълимоти фалсафии Ибни Сино бархоста, онро ҳамчун таълимоти мухолифи дин танқид менамоянд, донишманди маъруф Низомии Арӯзӣ ба муқобили онҳо баромада, олими беназир будани Ибни Сино ва дар роҳи соҳаҳои гуногуни илму дониш нақши бузург доштани ӯро баён медорад. Инчунин, баъд аз ин Низомии Арӯзӣ дар роҳи ба як шакли муайян даровардану ба маҳаки мантиқ устувор гардонидани илми ҳикмат хидмати беҳамто кардани ду файласуфи бузурги башарият - Аристотолис ва Абӯалӣ ибни Синоро қайд карда, таъкид менамояд, ки «ҳар кӣ бар ин ду

бузург эътироз кард, хештанро аз зумраи аҳли хирад берун овард» [2, 29]. Илова бар ин, Низомии Арӯзӣ барои тасдиқи суханони худ ва нишон додани бузургии мартабаи Ибни Сино дар илм оид ба ӯ як чанд нақлу ривоятҳо меоварад.

Ҳамин тавр, ба муқобили афкору таълимоти Ибни Сино хуруҷ кардани руҳониёни иртиҷоию пешвоёни тариқаҳои тасаввуфӣ ва ба ҳимояи таълимоти ӯ бархостани донишмандони пешқадамро дар асрҳои XV-XVI ҳам мушоҳида менамоем. Дар ин давра дар натиҷаи ривоҷ ёфтани ихтилофоти мазҳабӣ ва афзудани нуфузи руҳониён Абӯалӣ ибни Синоро ба соҳирӣ ва кофирӣ гунаҳкор карда, таълимот ва осори ӯро гумроҳкунандаи мусулмонон эълон мекунанд ва ба ин восита омӯзиши онҳо дар мадраса манъ карда мешавад. Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и худ доир ба беасосу бардурӯғ будани даъвоҳои руҳониёни хурофотпараст ва исбот намудани бузургии Абӯалӣ Сино як боби мустақил ва муфассал меоварад. Восифӣ дар баробари баёни шарҳи ҳол дар соҳаҳои мухталифи илм донишманди бемисл будани Ибни Синоро хотирнишон сохта, барои нишон додани соҳибистеъдодӣ ва бузургии ӯ як силсила нақлу ривоятҳоро меоварад.

Бо вуҷуди дар тӯли қарнҳо борҳо ба муқобили таълимоти Ибни Сино бархостани рӯҳониён дар миёни нақлу ривоятҳои мавҷудбуда чунин ривоятҳо ба назар намерасанд, ки ин масъаларо таҷассум намоянд. Баръакс ривоятҳое дучор меоянд, ки дар онҳо Ибни Сино ҳамнишини пайғамбари ислом ба тасвир омадааст ва ё ба табобати ӯ эҳтиёҷ доштани пайғамбар таъкид карда мешавад. Ҳатто ривоятҳое ба назар мерасанд, ки донишмандону шогирдон аз Ибни Сино талаб мекунанд, то даъвии нубуват кунад. Ба ин даъво ҳикояи дар «Буҳайра» ном асари Фузунии Астарободӣ ва нақлу ривоятҳои халқии дар миёни мардуми эронитабор вуҷуддошта, аз қабили «Даъвии нубуват», «Дар он дунё», «Ҳикояти охунд ва Абӯалӣ Сино» ва ғ. [2, 82-84] мисол шуда метавонанд. Ҳаким Акмалуддин Нахҷувонӣ (асри XIII) бошад, таъкид менамояд, ки агар баъди Муҳаммад пайғамбарӣ қатъ намегардид, бояд Абӯалӣ ибни Сино пайғамбар мешуд. Ин навъ ҳикояту ривоятҳо ба он гувоҳӣ медиҳанд, ки сарфи назар аз мухолифат ва он ҳама кофир хонданҳову

дасисаҳои руҳониёни мутаассиб Абӯалӣ ибни Сино ба имони худ комил буда, ҳамеша дар миёни оммаи мардум нуфузу шуҳрати хоса дошт. Далели ин даъворо рубоие, ки худи Абӯалӣ ибни Сино навиштааст: «Куфре чу мане газофу осон набувад» [1, 48] ба тасвиб мерасонад.

Бояд қайд намоям, ки гарчанде халқ тавассути офаридани ин гуна нақлу ривоятҳо кӯшиш намудааст, то дар муқобили туҳмату маломати руҳониёни мутаассиб бузургии илму ҳикмати Абӯалӣ Синоро нишон диҳад, вале Сино ин ҷо калимаи «имон»-ро на ба маънои он имоне ки руҳониёни ислом медонанд, балки нисбати ҳақиқат доштани чизҳо, яъне мавҷудоти олам, ақидаи мустаҳками илмӣ доштан медонад. Ин маъниро устод Айнӣ ба тарзи воқеъбинона ин тавр ба қалам овардааст: *«Ҳарчанд Абӯалӣ Сино дар рубоии худ ба муқобили кофиркунандагони худ «имони худ»-ро маҳкамтарин имонҳо мешуморад, аммо маълум мешавад, ки ин «имон» на ба маънои он «имон» аст, ки руҳониҳои ислом медонанд, балки ин имон «ақидаи мустаҳкам пайдо кардан ба ҳақиқати чизҳо аст бо роҳи илмӣ» [1, 48].*

Ҷолиби диққат аст, ки бо мурури аз замони зиндагии Абӯалӣ ибни Сино дуртар шудан нуфузи афкору таълимоти ӯ дар муҳити доираҳои илмӣ ва миёни оммаи мардум торафт бештар меафзояд ва то андозае ривоҷ меёбад, ки шуҳрати Абӯнасри Форобӣ, Закариёи Розӣ ва Абӯрайҳони Берунӣ барин донишмандони машҳурро хира мегардонад. Мисоли равшани ин ҳолатро чи дар осори илмии давраҳои минбаъда ва чи дар ҳикоятҳою ривоятҳои халқӣ дида метавонем. Масалан, якчанд ҳикояти дар «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (асри XII) доир ба дониш, ҳиссиёт ва истеъдоди фавқулоддаи илмии Закариёи Розӣ ва Абӯрайҳони Берунӣ сабтгардида дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайнуддин Восифӣ (асри 14), «Осори Зиёия»-и Садри Зиё (охирҳои асри XIX - чоряки аввали асри XX) ва баъзе сарчашмаҳои дигар ба номи Абӯалӣ ибни Сино оварда мешаванд.

Хулоса, хизматҳоеро, ки Абӯалӣ ибни Сино дар давоми зиндагии на онқадар зиёдаш барои мардум аз мардуми қаторӣ сар карда то амирону шоҳон анҷом дод, осори гаронмояеро, ки барои илм ва тамаддуни ҷаҳонӣ

ҳадя кард, боиси шаъну шарафи беандозаеро барояш адо намуданд. Ин эҳтирому шарафро ҳатто номдортарин намояндагони дин ва тасаввуф натавонистанд коҳиш диҳанд. Сино як образ, муҷассама ва симои абадӣ барои мардум ба ҳисоб меравад.

# ХУЛОСА

Гарчанде аз рӯзгори Абӯалӣ Сино то замони мо зиёда аз 1000 сол гузаштааст, вале то кунун шуҳрату бузургии ӯ дар миёни оммаи мардум аз байн нарафтааст ва чунин ба назар мерасад, ки ин шаҳомату бузургӣ аз як аср ба асри дигар қувват мегирад. Сабаби ривоҷ ёфтани шухрати Сино дар он аст, ки осори аз худ боқимондааш дар ҳар давру замон ба таври нав ба кор гирифта мешавад ва инсонҳои ҳар аср аз он бо дид ва фоидаи худ истифода мекунанд. Кам набуданд наклу ривоёт ва ҳатто китобҳои алоҳида, ки муғризона эҷоду паҳн мешуданд, то эътибори Шайхурраисро коста гардонанд. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, мардум ривоятбофиро дар бораи ӯ ривоҷ медоданд ва удабову уламо исми вайро бо хати заррин дар осорашон нақш мебастанд, адибон аз корнамоӣ ва ҳунари ӯ шеъру достон, ҳикояҳову румонҳоро месохтанд.

Мутобиқи қарори ЮНЕСКО соли 1980 1000-солагии зодрӯзи Абӯалӣ ибни Сино дар миқёси ҷаҳон тавассути конференсияву нишастҳои илмӣ ҷашн гирифта шуд. Донишмандону муҳаққиқони синошинос роҷеъ ба паҳлуҳои фаъолияти эҷодиву зиндагии ин абармарди ҷаҳонӣ дар ин конференсияҳову нишастҳои илмӣ, дар бораи «Замони Сино, таснифоти илмҳо дар фалсафаи Шарқ аз Форобӣ то Сино», «Ташаккули истилоҳоти илми фалсафаи форсӣ-тоҷикӣ дар осори Шайхурраис», «Ташаккули забону маданияти миллати тоҷик», «Гуманизми Ибни Сино», «Сарчашмаҳои афкори Сино», «Системаи илмҳо дар осори Сино» ва ғайраҳо мақолаву маърӯзаҳо ироа карда буданд. Конференсияҳои илмии мазкур, ки дар саросари ҷаҳон баргузор гардид, барои шиносонидани мардум бо аҳволу осори фарзанди бузурги халқи тоҷик иқдоми тозае буд, ки дар вусъату таҳкими оянда робитаҳои илмию фарҳангии олимони минтақаву ҷаҳон нақши шоиста гузошт. Маводи дар натиҷаи ин ҷашн гирдомада, тавассути донишмандон ва олимони тоҷик ва умуман олимони ҷаҳон дар шакли китобу рисолаҳо аз чоп баромад, ки имрӯз мо дар таҳқиқоти худ аз онҳо ба таври васеъ истифода намудем.

Халқ дар нақлу ривоятҳои худ дар тасвири рӯзгор, шахсият ва офаридани образи Абӯалӣ ибни Сино аз паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти ӯ наздик шудааст. Образи Ибни Сино, ки дар нақлу ривоятҳои халқӣ бунёд ёфтааст, образи мукаммалу барҷастаи бадеӣ буда, ақлу хирад ва азму иродаи мустаҳками инсони комилро дар худ таҷассум менамояд. Халқ ба воситаи тасвири ин образ, дар баробари талқину ситоиши фазилатҳои инсонӣ инчунин ҷоҳилӣ, нотавонбинӣ, қаллобӣ, риёкорӣ, рашку ҳасад, худписандӣ, кӯтоҳандешӣ ва инҳо барин бисёр хислатҳои зиштро, ки ба тамоми табақоти одамон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ низ хосанд ва мояи зиллат ва хории насли одамӣ мегарданд, зери танқид гирифтааст. Умуман, дар ривоятҳо муҳимтарин масъалаҳои марбут ба ахлоқ ва тарбия мавриди муҳокимаи судманд қарор гирифтаанд. Дар онҳо хусусан ғояҳои некию некукорӣ, ростӣ, инсофу адолат ва арҷ гузоштани қадру қиммат ва эҳтироми инсони оддӣ ва ёрӣ намудан ба эҳтиёҷмандону дармондагон аз бузургтарин маҳаки ахлоқӣ дониста мешавад. Ривоятҳои мавриди баҳс гаштаю баргашта таъкид менамоянд, ки соҳиб будан ба хислатҳои неки инсонӣ аз азимтарин саодати зиндагии аҳли башар аст, ки ин гуна масъалаҳо ва ғояҳо бо масъалаҳо ва ғояҳои асарҳои оид ба ахлоқ ва тарбия навиштаи Ибни Сино ҳамрангу ҳамоҳанганд. Хусусан масъалаҳо ва ғояҳои нақлу ривоятҳое, ки хусусияти ҳаҷвӣ, интиқодӣ доранд, бо масъалаҳо ва ғояҳои шеърҳои Ибни Сино, ки ба муқобили душманони ғоявии ӯ гуфта шудаанд, бисёр мувофиқат мекунанд.

Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии нақлу ривоятҳои мардумӣ дар бораи ин нобиғаи ҷаҳонӣ ва таҳқиқи амиқу ҳамаҷонибаи фикру ақидаҳои олимону донишмандони ҳар давру замон ба чанде аз саволҳои мубрами равобити фарҳангӣ ва адабии мардумони кишварҳои форсизабон ва дорои тамаддуни муштарак, ки то ба имрӯз баҳсталаб мондаанд, посуххои судманде хоҳад дод. Инчунин равобит ва таъсири мутақобилаи адабиёти китобӣ ва шифоҳиро равшан сохта, манбаи муфиду арзишманде барои тавзеҳ ва равшан намудани бисёре аз ҷанбаҳои муҳими осори фолклорӣ ва адабиёти китобӣ маҳсуб мегардад.

Баррасӣ ва муқоисаи ривоятҳо собит месозад, ки онҳо бар пояи ривоятҳои бисёр куҳан устувор ва такмил гардидаанд. Ин нақлу ривоятҳо, ки бофтаҳои замонҳои гуногунанд, далели эътироф гардидани бузургии Ибни Сино дар миёни мардум мебошанд.

Тавре ки дида шуд, дар асарҳои муҳаққиқон ва нақлу ривоятҳои мардумӣ симои ботинӣ ва зоҳирии Ибни Сино мавриди тасвири бадеӣ қарор гирифтааст. Ба ҳамин тариқ тасвири қиёфа, сару либос ва умуман зоҳири Ибни Сино дар якҷоягӣ бо хислат, ҳиссу ҳаяҷон, дунёи ботиниву рӯҳии ӯ дар намунаҳои насрӣ ва назмии мавриди назар, муҳтавои бобҳои диссертатсияро ташкил додаанд, ки боиси эҷоди симои бадеии Ибни Сино гардидаанд. Маводи бадеие, ки доир ба Ибни Сино мавҷуд аст, барои чандин диссертатсияи номзадӣ кифоят мекунад. Вале аз сабабе, ки ҳаҷми диссертатсияи номзадӣ маҳдуд аст, мо фақат лаҳзаҳоеро аз ин мавод истифода намудем, ки марбут ба мавзӯи диссертатсия ҳастанд.

Бо дарназардошти ҳадафи таҳқиқи масъалаи марказии диссертатсия, ки ошкор намудани чигунагии тасвири чеҳраи Абӯалӣ ибни Сино дар адабиёти бадеии шифоҳӣ ва хаттӣ дар заминаи нақлу ривоятҳо буд ва инчунин дар заминаи ҳалли вазифаҳои гузошташуда чунин натиҷаҳо ба даст омаданд:

1. Образи ривоятии Абӯалӣ ибни Сино дар заминаи хушку холӣ ва тасаввури ғайривоқеии мардумон пайдо нашуда, балки заминаҳои воқеӣ дорад. Дар ҳаёти Абӯалӣ Сино воқеаҳо ва ҳодисаҳое буданд, ки аксарашон ба истеъдоди фитрӣ ва қобилияти зеҳнии ӯ робитаи мустақим доштанд. Пеш аз ҳама, ҳамин санаҳо ва воқеаҳо боис шуданд, ки аз даврони тифлӣ дар бораи вай ривоёту нақлҳо эҷод ва интишор гарданд. Ба унвони мисол, таҳсили муттассил ва зеҳни закии ӯ устодонро дар ҳайрат меовард ва нақлҳои воқеӣ дар ин самт боиси ба ривоят табдил кардани онҳо дар оянда гардид. Ё масалан, аз қавли худи мутафаккир дарёфти муаммои баъзе аз масъалаҳо ба ӯ дар хоб даст медод ва албатта мардум ин ҳолро чун вазъи ғайримуқаррарӣ қабул карда ба он обу ранги бадеӣ медоданд. Ҳунари табибии Шайхурраис, ки ҳатто амири даври Сомониёнро аз марг наҷот дода буд, аз ҷумлаи он

заминаҳои воқеии ҳаёти вай буд, ки боиси пайдоиш ва густариши ривоёту нақлҳои хеле зиёд гардид.

2. Дар мушаххас намудани симои таърихии Абӯалӣ ибни Сино қайдҳои алоҳидаи худи мутафаккир, ёддоштҳои шогирдон ва ҳодисаҳои воқеии ҳаёти ӯ нақши асосӣ мебозанд. Дар осори зиёди баъдомадагон аз Абӯалӣ Сино зиёд ёд шудааст ва чуноне ки дар қисмати дуюми боби аввали диссертатсия таҳлил гардид, аксари онҳо ҳакимӣ, табибӣ, омӯзгорӣ, олимӣ ва шоирии Ибни Синоро махсус ба таъкид гирифтаанд. Ҷои қайд аст, ки бузургоне чун Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Абулҳасани Байҳақӣ, Рашидуддини Ватвот ва то устод Айнӣ бо такя бар ҳаёту фаъолияти Сино аз як тараф ва истифода аз ривоятҳои машҳур дар хусуси ин ё он тарафи ҳаёту ҳунари ӯ на танҳо истеъдоди ӯро ошкор месохтанд, балки унсурҳои портретиашро низ ба вуҷуд оварда буданд. Маҳз ҳамин унсурҳо имконият медиҳанд, ки шахсифти таърихии Абӯалӣ ибни Сино ба тарзи нисбатан воқеӣ барқарор гардад.

3. Ба исбот расид, ки нақши ривоятҳои мардумӣ дар муайян намудани шахсият ва мусаввара (образ)-и Ибни Сино хеле бориз буда, омӯзиши онҳо барои таҳлили ҳунар ва истеъдоди тиббӣ, омӯзгорӣ, равоншиносӣ, кайҳоншиносӣ ва шоирии Ибни Сино аҳамияти хосса дорад. Ҳатто ривоятҳое мавҷуданд, ки дар дасти як қисмати руҳониёни мутаассиб ба воситаи сиёҳ намудани шахсияти Ибни Сино табдил ёфта буданд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки мардум чунин ривоятҳоро ҳамоно бо мақсади ба қаҳрамони худ мансуб донистани истеъдоди фавқулода бофта паҳн намуданд.

4. Дар баробари нақлу ривоятҳои мардумӣ, дар барқарор намудани симо (портрет), муайян намудани сиришту хисол (характер)-и Ибни Сино маълумоти тазкираҳо, сарчашмаҳои илмию таърихӣ ва ашъори бадеӣ мадхали зиёд доранд. Зиёда аз 50 номгӯи осори таърихнигорон, тазкиранависон ва олимони соҳаҳои гуногуни илм, ки имрӯз дастрас ҳастанд, бе маълумот дар бораи Сино нестанд. Бар замми ин, осори зиёди бадеии дар

шакли назм дар бораи Сино эҷодшуда боис гардиданд, ки чеҳраи ҳақиқии ин марди хирад ва дӯстдори мардум ба тасвир оварда шавад. Дар ин самт низ таҳлили мо нишон дод, ки кулли осори бадеии эҷодшуда асосан дар заминаи нақлу ривоятҳо ва санаҳои воқеии ҳаёти Сино арзи вуҷуд кардаанд.

5. Шуҳрати Абӯалӣ Сино дар миёни мардуми оддӣ ва аҳли илму адаб чунон мавқеъ пайдо кард, ки образи аз тарафи руҳониёни мутаассиб ва ҳасудон бофташуда ҷойи онро гирифта натавонист. Таҳлили ингуна ривоёт ва осор нишон дод, ки он то андозае муғризона навишта шуда, асосан аз тарафи намояндагони динӣ, мусалмонони мутаассиб, ки муқобили ҳар гуна илм ва натиҷаҳои илмӣ буданд, интишор ёфтаанд.

“Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино яке аз бузургтарин файласуфон, олимон, табибон ва адибони тоҷику форс буда, дар рушду камоли илми ҷаҳонӣ саҳми барҷаста дорад” [53, 233]. Пайгирии ҳадафи диссертатсия моро ба сари он нукта овард, ки таҳлилу таҳқиқи симо ва хисоли Абӯалӣ ибни Сино дар ривоятҳои мардумӣ, тазкираву рисолаҳои таърихӣ ва ашъори бадеӣ ҳанӯз ҳам эҳтиёҷ ба пажӯҳишҳои жарфтар дорад. Дар диссертатсяи пешниҳодшуда ин масъала то андозае анҷом гардид ва он барои таҳлили оянда дар ин самт ва дар таҳқиқи симову хулқу атвори дигар бузургони фарҳангу адаби тоҷик ҳамчун маводи назарӣ ва амалӣ хизмат хоҳад кард.

**Китобнома:**


1. Айнӣ, С. Шайхурраис Абӯалӣ Сино / С. Айнӣ. – Сталинобод - Ленинград: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1941. – 82 с.
2. Алимардонов, А., Додалишоев, Ҷ. Сурат ва сирати Ибни Сино / А. Алимардонов, Дж. Додалишоев – Душанбе: Ирфон, 1980. –118 с.
3. Алимардонов, А., Додалишоев, Дж. Ибни Сино аз назари мардум / А. Алимардонов, Дж. Додалишоев. // Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, 1980. – №3. – С . 66-75.
4. Амонов, Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб / Р. Амонов. – Душанбе: – Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1963. – 344 с.
5. Андреев, М.С. Легенды и предания // Литературный Узбекистан, кн. 111, / М.С.Андреев. – Ташкент: 1936. – 251 с.
6. Аникин, В.П. Русский фольклор / В.П. Аникин. – М.: Высшая школа, 1987. – 286 с.
7. Аслонова, Н.Н. Симои Садриддин Айнӣ дар насри муосири тоҷик /Н.Аслонова (диссертатсия), – Душанбе: 2004. – 154 с.
8. Асрорӣ, В., Амонов, Р., Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик / В. Асрорӣ., Р. Амонов. – Душанбе: – Маориф, 1980. – 304 с.
9. Аҳмадов, Р., Қодиров, Р. Фолклори тоҷикони Қашқадарё / Р. Аҳмадов., Р. Қодиров. – Душанбе: 1998. – 304 с.
10. Бертельс, Е. Э. История персидско-таджикской литературы / Е.Э. Бертельс. – Москва: Наука, 1960. – 554 с.
11. Брагинский, И. С. Очерки из истории таджикской литературы / И. С.Брагинский. – Сталинабад, 1956. – 455 с.
12. Брагинский, И.С. Исследования по таджикской культуре / И.С.Брагинский – М., 1977. – 286 с.
13. Бойӯғлӣ // Фолклори Ӯротеппа Мураттиб Ҷ.Рабиев. / Бойуғлӣ. – Душанбе: 1991, – С.178-179.
14. Взаимодействие литературы и фольклора. – Душанбе: / Взаимодействие. – Дониш, 1974. – 239 с.

15.Восифӣ, З.М. Бадоеъулвақоеъ / З.М. Восифӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 199 с.
16.Воскобойников, В. Ҳакими бузург / В.Воскобойников. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 245 с.
17.Гавҳарин, С.С. Ҳуҷҷатулҳақ Абӯалӣ Сино / С.С.Гавҳарин. – Теҳрон: 1952. –327 с.
18.Гусев, В.У. Эстетика фольклора / В. Гусеев – Ленинград: Наука, 1967. – 320 с.
19. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи кадимтарин, қадим ва асри миёна /Китоби якум. Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 704 с.
20.Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна / Б. Ғафуров. Китоби дувум. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 416 с.
21.Девони Анварӣ. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 261с.
22.Ёрзода, Т. Фолклори Яғноб / Т.Ёрзода. – Душанбе: Империал-групп, 2007. – 330 с.
23.Жизнеописание Абу Али Хусейна ибн Абдаллаха ибн Сины // Литературный Таджикистан кн. v. / Жизнеописание. – Сталинабад, 1953 – 134 с.
24.Занд, М. Рубоиҳои нави Абӯалӣ ибни Сино / М.Занд. // Шарқи Сурх. 1952. – №7. – С 119-132.
25.Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304 с.
26.Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ / Ибни Сино – Душанбе: Дониш, 2005, – 466 с.
27.Куллиёти фолклори тоҷик. Ҷилди 1. // Куллиёт. – М., 1981. – 388 с.
28.Қаноат, М. Гаҳвораи Сино / М.Қаноат. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 116 с.
29.Маъсумӣ, Н. Фолклори тоҷик (курси конспективӣ барои ғоибхонҳои иститути педагогӣ). / Н. Маъсумӣ. – Сталинобод, 1952. – 114 с.
30.Маъсумӣ, Н. Фолклори тоҷик. Нашри дуюм. / Н.Маъсумӣ. –Душанбе: 2005. – 160 с.
31.Мирзоев, А. Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ / А.Мирзоев. – Сталинобод. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1953. – 140 с.

32.Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2. / Х. Мирзозода. – Душанбе: 1977. – 399 с.
33.Муродов, О. Дар пардаи сеҳру ҷоду / О.Муродӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 123 с.
34.Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
35.Навоӣ, А. Ҳайрат-ул-аброр / А.Навоӣ. Ҷ. 6, – Тошкент: 1965, – 134 с.
36.Наршахӣ, Абӯбакр. Таърихи Бухоро / А.Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – 119 с.
37.Нафисӣ, С. Зиндагонӣ ва кор ва андеша ва рӯзгори пури Сино / С.Нафисӣ. – Теҳрон: 1333 - 472 с.
38.Низомӣ, А.С. Маҷмаъ-ун-наводир // Чаҳор мақола. / А.С.Низомӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986 – 160 с.
39.Нуралиев, Ю. Луқмони Ҳаким / Ю.Нуралиев. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 96 с.
40.Нуралиев, Ю. Махшулов, М. Дар оинаи ҳунар / Ю.Нуралиев, М.Махшулов. – Душанбе: Дониш, 2013. – 119 с.
41.Обидов, Д., Шермуҳаммедов, Б. Фолклори тоҷик / Д.Обидов., Б.Шермуҳаммедов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 201 с.
42.Обидов, Д. Ҳафт пири сухансаро дар нақлу ривоятҳо / Д.Обидов. – Душанбе: 2010. – 238 с.
43.Обидов, Д. Пирони сухан дар қиссаҳои куҳан / Д.Обидов. – Душанбе: 2009 – 259 с.
44.Обидов, Д. Ривоят // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик / Д.Обидов. – Душанбе: 2004. –С. 55.
45. Обидов, Д. Ривоятҳо / Д. Обидов. // – Омӯзгор: 12.09.2004.
46.Обидов, Д. Ҳакими мумтоз дар қиссаҳои дилнавоз / Д.Обидов. – Душанбе: 2005. – 59 с.
47.Ориёнпур, А.Ҳ. Ҷомеашиносони ҳунар / А.Ҳ. Ориёнпур. – Теҳрон: 1380, –75 с. (ба ҳуруфоти форсӣ).

48.Отабоев, Ю.А., Соколов Е.С., Ҳамидуллин Ш.Х. Бюст Ибна Сины / Ю.А.Отабоев. – Тошкент: 1978.
49. Раҳимов, Д. Ривоят яке аз навъҳои насри шифоҳӣ // Чинори пургул / Д.Раҳимов. –Душанбе: Фан, 2008. –104 с.
50.Раҳимов, Д. Фолклори тоҷик / Д.Раҳимов. – Душанбе: 2009. – 262 с.
51.Раҳматов, Ҳ. Ривоятҳо // Дастурамал оид ба ҷамъ  кардани эҷодиёти даҳнакии халқ. / Ҳ. Раҳматов. – Сталинобод: 1960. – 158 с.
52.Раҳматов, Ҳ. Аёдат (Маҷмӯи асарҳои саҳнабоб). / Ҳ.Раҳматов. – Душанбе: Комрон+П, 2015. – 208 с.
53.Раҳмон, Эмомалӣ. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – с. 364.
54.Раҳмонӣ, Р. Қиссаҳо, ривоятҳо ва дуоҳои Бухоро дар сабти Раҳмонӣ, Р. – Душанбе: Ройзании фарҳангии ҶИЭ, 1998. – 186 с.
55.Раҳмонӣ, Р. Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ / Р.Раҳмонӣ. – Душанбе: 1999. – 107 с.
56.Раҳмонӣ, Р. Эҷодиёти гуфтории мардуми тоҷик / Р.Раҳмонӣ. Душанбе: Сино, 2008. – 109 с.
57.Румӣ, Ҷ. Маснавии маънавӣ / Ҷалолиддин Румӣ.  (тартибдиҳандагон Баҳридин Алавӣ, Алӣ Муҳаммади Хуросонӣ)  Нашри Замон. – Теҳрон: 2001. –  728 с.
58.Сагадеев, А.В. Ибн-Сина (Авиценна) / А.В.Сагадеев. – М.: Мысль, 1980. –238 с.
59.Салимов, Ю. Насри ривоятии форсу тоҷик / Ю.Салимов. – Душанбе: Дониш, 1971. – 157 с.
60.Сафо, З. Ибни Сино дар афсонаҳои омиёнаи Эрон / Забеҳуллоҳи Сафо // Ҳазору як ҳикояти таърихӣ. –Гирдоварӣ ва тадвини Муҳаммад Ҳакимӣ. –Теҳрон: Қалам,  1388 - 308 с.
61.Семенов, А.А. Абу-али Ибн- Сина (Авиценна) / А.А. Семенов. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1953. – 62 с.
62.Сино, Абӯалӣ. Ал қонун / Абӯалӣ ибни Сино. ҷ. 1. 1989. – 384 с.

63.Сино, Абӯалӣ. Маҷмӯаи шеърҳо / Абӯалӣ ибни Сино. Тартибдиҳанда. М. Занд. – Сталинобод: 1953. – 93 с.
64.Сино, Абӯалӣ. Осор / Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе: Дониш, Ҷ. 1. 2005, – 852 с.
65.Сино, Абӯалӣ. Осор / Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе: Дониш, Ҷ. 2. 2005, – 802 с.
66.Сино, Абӯалӣ. Пирӯзинома / Абӯалӣ ибни Сино. Тартибдиҳандагон: Ш.Ҳусйнзода, Х.Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 102 с.
67.Сино, Абӯалӣ. Фанни шеър / Абӯалӣ ибни Сино Душанбе, Ирфон, 1985. – 192 с.
68.Субҳӣ, Муқтадӣ. Афсонаҳои Бӯалӣ Сино / Субҳӣ. Китоби аввал. Теҳрон: 1379 - 96 с.
69.Султонов, У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абӯалӣ ибни Сино / У.Султонов. – Душанбе: 1975. – 167 с.
70.Султонов, М. Абӯалӣ ибни Сино / М.Султонов. // Пионери Тоҷикистон – №70. 21 сентябри соли 1980.
71.Сӯфиев, А. Фолклор - санъати сухан / А. Сӯфиев. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 208 с.
72.Тейлор, Э.Б. Первобытная культура / Э.Б.Тейлор. – М: 1989. –376 с.
73.Токман Р.М. рассом як силсила асарҳои гуногунмавзӯъ офаридааст. Тоҷикистони советӣ. 1980. №219 (16.512).
74.Улуғзода, С. Пири ҳакимони машриқзамин / С.Улуғзода. – Душанбе: Маориф, 1980. – 194 с.
75.Фарҳанги забони тоҷикӣ // ч.1. Фарҳанг. – М: 1969. – 952 с.
76.Фарҳанги забони тоҷикӣ // Фарҳанг. ч. 2. – М: 1969. – 949 с.
77.Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ // Фарҳанг. Ҷилди I, – 996 с.
78.Фирдавсӣ, А. Шоҳнома / ҷ.3. А.Фирдавсӣ. – Душанбе: –1964. -228 с.
79.Фолклори Бухоро / Мураттибон Д. Обидов, Ҷ. Рабиев, Б. Шермухаммедов. // Фолклор. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 304 с.
80.Фолклори водии Қаротегин / Гирдоваранда ва муаллиф Г. Сафиева. // Фолклор. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 132 с.

81.Фолклори сокинони саргаҳи Зарафшон / Тартибдиҳанда: Р. Амонов. // Фолклор. – Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1960, – 414 с.
82.Фолклори тоҷик / Мураттибон М. Неъматов, С. Асадуллоев, Р. Тошматов. // Фолклор. – Душанбе: Маориф, 1989. – 375 с.
83.Фолклори тоҷик (Материалҳо ва мақолаҳо). // Фолклор. – Душанбе: Дониш, 1973 – 204 с.
84.Фолклори тоҷик / Мураттибон Турсунзода М., Болдырев А. Н. // Фолклор. – Сталинобод, 1954. – 518 с.
85.Фолклори Уротеппа / Мураттиб Ҷ. Рабиев. // Фолклор. – Душанбе: Дониш, 1991. – 238 с.
86.Хусрав, Н. Сафарнома / Носири Хусрав. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 120 с.
87.Ҳошим, Р. Ибни Сино / Раҳим Ҳошим. – Душанбе: 1977. – 92 с.
88.Ҳусейнзода, Ш. Мушкилоти Ибни Сино / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе: 1980. – 183 с.
89.Ҳусейнзода. Ш., Шарифов Х. Мақоми Ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик // Ш.Ҳусейнзода., Х.Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1985. – 115 с.
90.Ҳусейнзода, Ш. Сурат ва сирати Сино / Ҳабдаҳ мақола // Ш.Ҳусейнзода. - Душанбе: Ҳумо, 2007. - С. 147-172. - 347 с.

**Номгӯйи гӯяндагон ва фехристи Фонди фолклор:**

91.ФФ.4: 7678-7682. СМР, 1959 Ф.Зеҳниева ва Расулова Махкам ст. 1938, қ.Хушҳавз, маълумоташ миёна, устои гилембоф. Афсона дар бораи Сино (Як шаҳра подшош дарди по мешавад).
92.ФБ. 6: 3988,2-4000 Ӯр19 Ғиждувон, 1960. Ривояти ба қишлокҳои Сарварӣ ва Ҷаъфарӣ омадани Ибни Сино ва баҳои ӯ ба аҳолии ин қишлоқҳо.
93.ФФ. 4: 7678 СМР 1959
94.Амонбегим Ҷалолиева соли таваллуд 1954, маълумот олӣ, Хоруғ. (ҳулбуй)

95.Фирӯз Содиқов соли таваллуд 1982, маълумот олӣ, Рашт. (қувваи ҳофиза дар аҳди туфулият)
96.Ғуломова Бибиосия, соли таваллуд 1976, маълумот олӣ, зодаи вилояти Хатлон. (қувваи ҳофиза дар аҳди туфулият)
97.Муҳаммад Холиқ соли 1947 таҳсилот олӣ, Узви иттифоқи нависандагон, шоир, бедилшинос, Самарқанд. (Сино ва марди гӯштфурӯш).
98.4 8064-8781 соли 1959, ҷилди 1, саҳ 8244 (Ривояти ҳулбӯй).
99.ФА 3.2735,2,Ж42501,1966, Азимов Салим, с.т. 1892, сокини деҳаи Пушти Миёнаи ноҳияи Шаҳринав, маълумоташ миёна.
100. ФФ.3: 0920-0941
101. ФФ.5: 3847-3849
102. ФФ.11: 4026
103. ФФ.11: 4066
104. ФФ.12: 6684
105. ФБ.1: 1057, 1
106. ФБ.1: 8511-8512
107. ФБ.1: 8559-8562
108. ФБ. 3: 8786-8782
109. ФБ. 2: 9394. 1
110. ФБ. 2: 9420